**Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун**

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №82-84 (2909-2911) | ҶУМЪА, 29 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# Бо меҳнати бунёдкорона кохи бегазанди Ваҳдати миллиро обод нигоҳ медорем

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 15- солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон

*шаҳри Душанбе, 26 июни соли 2012*

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Фардо ба имзои санади басо муҳим ва барои халқу давлати мо тақдирсоз - Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон понздаҳ сол пур мешавад.

Понздаҳ соли эҳёи миллӣ, понздаҳ соли баҳамойӣ, понздаҳ соли худсозӣ ва худшиносиву худогоҳӣ, понздаҳ соли сулҳу субот ва оромӣ ва муҳимтар аз ҳама, понздаҳ қадами устувор дар роҳи эъмори ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, ки дар таърихи навини давлатдории мо бо ҳарфҳои заррин сабт мегарданд.

Ба шарофати ин санади ҳаётан муҳим мо тавонистем, ки ба мунoқишаҳои дохилӣ ва муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, марҳалаи нав, яъне гузоштани пойдевори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва дар ин асос ба эътидол овардани фаъолияти соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварамон ва рушди онҳоро оғоз намоем.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи миллати тоҷик имкон фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардид. Дар ин лаҳзаҳои идона бо як ҷаҳон ифтихору шодмонӣ ин санаи муқаддасу тақдирсозро ба ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон сидқан табрику муборакбод мегӯям. Бо итминони комил изҳор менамоям, ки сулҳу ваҳдат чун омили сарнавиштсоз, пойдевори ҳастии миллат ва арзиши муқаддаси миллӣ ҷовидона боқӣ хоҳад монд ва миллати тамаддунсози тоҷик фарҳанги сулҳҷӯиву сулҳофариро ба наслҳои оянда ҳамчун рамзи сарфарозӣ ба мерос хоҳад гузошт.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеаи кишвар таҳти таъсири андешаҳои тундгароёнаи доираву неруҳои бадхоҳи хориҷӣ қарор гирифта, Ватани азизамон ба гирдоби низоъҳои дохилӣ ва баъдан мухолифати мусаллаҳона кашида шуд, ки дар натиҷа ҳатто хатари пароканда шудани миллати тоҷик ва аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба вуҷуд омад.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ барои иқтисодиёти кишвари мо хисороти азиме ба бор оварда, боиси ҳалокати даҳҳо ҳазор нафар одамон гардид. Аз ин лиҳоз, дар яке аз суханрониҳои худ таъкид карда будам, ки «Даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд ва мо ба он мекӯшем, ки дар ҳар хонавода сулҳ ва оромӣ ҳукмфармо бошад».

Бо чунин андешаҳо рӯзи аввали фаъолияти худ ба ҳайси Сарвари давлат иброз дошта будам, ки ман кори худро аз сулҳ оғоз карда, ба мардуми азияткашидаи кишварам сулҳу оромӣ меорам.

Гирди як миз овардани гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф, муяссар шудан ба сулҳу субот ва ноил гардидан ба ваҳдати миллӣ кори саҳлу осон набуд, вале мо ба шарофати дастгирии халқи тоҷик тавонистем, ки ба орзуи деринаи мардумамон, яъне сулҳу субот дар Ватанамон, ноил гардем ва бо азми қавӣ барои эъмори давлате саъю талош намоем, ки дар он эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал қарор дошта бошад.

Мо имрӯз метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар ва азму талоши фарзандони содиқи халқамон муяссар гардид. Муҳимтар аз ҳама, ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон мо хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ кардем. Маҳз барои ҳамин ҳар як фарди бонангу номуси миллат, аз ҷумла мову шумо – аҳли ин толори идона бояд ҳамеша ин неъмати гаронбаҳо ва муқаддас, яъне ваҳдати миллиро пос нигоҳ дорем, ба қадри он расем ва барои тарбияи ҷавонони ватандӯсту ватанпарвар кӯшиш намоем, то ки онҳо низ дар оянда ин гавҳари пурқиматро ҳифзу эҳтиёт карда тавонанд.

Дар замони ниҳоят пуртазоди соҳибистиқлолиамон нақши созандаи сулҳу ваҳдат, пеш аз ҳама, дар амри таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ, ки заминаҳои зарурии ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро амалан таъмин мекунад, возеҳан зоҳир гардид.

Дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ то имрӯз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, аз ҷумла санади ҳамдигарбахшӣ, Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ», инчунин бо мақсади таъмини иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва такроран бо мақсади суръат бахшидан ба раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар ва бо назардошти принсипҳои башардӯстӣ Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» қабул гардид.

Муҳимтар аз ҳама, дар асоси талаботи ин санади таърихӣ соли 1999 ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда, тибқи онҳо қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тартиби омодагӣ ва гузаронидани интихоботи мақоми қонунгузори кишварро танзим менамояд ва «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тартиби фаъолияти мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакатро ба танзим медарорад, таҳия ва қабул карда шуд. Ҳамин тавр, бори нахуст дар таърихи сиёсии Тоҷикистон парламенти дупалатагии доимоамалкунандаи касбӣ таъсис шуд. Ҳамаи санадҳои зикршуда асосҳои иқтисодиву иҷтимоии суботу оромӣ ва ваҳдати миллиро тақвият ва таҳким бахшиданд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун асоси таҳкими ваҳдати миллӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандонро, сарфи назар аз ҷинс, нажод, эътиқоди динӣ ва мавқеи сиёсӣ, кафолат дода, меъёрҳои он барои эҳтироми байниҳамдигарии тамоми аъзои ҷомеаи мо заминаи боэътимод гузоштааст.

Дар Конститутсия инъикос ёфтани ҳадафҳои пешрафти давлат барои наҷоти мардум аз парокандагӣ такони ҷиддӣ гардид, зеро мақсаду мароми ҳар як давлати муосир ва миллати соҳибтамаддун дар заминаи пойдории сулҳу субот сохтани ҷомеае мебошад, ки дар он эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал буда, амалишавии онҳо кафолат дода мешавад.

Воқеан, қабули Конститутсияи нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон имкон дод, ки низоми мукаммали ҳуқуқиву сиёсӣ ташаккул ёфта, асосҳои рушди устувор ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба вуҷуд оварда шавад.

Ин санади олии ҳуқуқӣ барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, тамомияти арзии кишвар ва ниҳоят ба ягонагии миллат таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё намуда, роҳро барои сулҳу субот боз намуд.

Ҳамагон тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳ ҳастед, ки солҳои охир дар давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон дар натиҷаи мунoқишаҳои дохилӣ ҳазорон одамон, аз ҷумла аҳолии осоишта қурбон шуда, рушди иқтисодии кишварҳо сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, мехоҳам як масъаларо махсус таъкид намоям: Тоҷикистон, ки ҷанги пурфоҷиаи шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст ва то чӣ андоза сангину харобиовар будани онро ба хубӣ дарк менамояд, ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ дар тамоми сайёра ва бо роҳи осоишта ҳал намудани ҳар гуна низоъ ва мухолифат мебошад.

Мо низ бо мақсади хомӯш кардани оташи ҷанги хонумонсӯзи таҳмилӣ ва ноил шудан ба сулҳу субот дар мамлакатамон ҳанӯз аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сар карда, мулоқоту музокироти зиёде анҷом додем. Яъне, аввалин иқдомот дар роҳи қатъи хунрезӣ ва ба ҳам овардани гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф дар рӯзҳои иҷлосияи зикршуда сурат гирифта буданд.

Баъдҳо, бо вуҷуди вазъияти ҳассос ва ноороми онвақтаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ба шаҳри Кобул сафари корӣ анҷом дода, дар он ҷо 19 майи соли 1995 бо дарки хатари ҳалокатбори муқовимати низомиву сиёсӣ ва масъулияти бузург дар наздиояндаи мардуми азияткашидаи кишварамон изҳороти муштарак қабул кардем.

Дигар гуфтушуниди муҳим, ки моро ба марҳалаи муҳими музокирот ворид намуда, барои ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаи воқеӣ гузошт, вохӯрии моҳи декабри соли 1996 дар Хосдеҳи вилояти Толиқони Афғонистон буд. Умуман, то рӯзи имзои созишнома дар давоми ҳашт даври музокирот, ки қариб чор сол идома пайдо кард, мо бо намояндагони собиқ мухолифин бистуяк вохӯрии расмӣ ва даҳҳо мулоқоти ғайрирасмӣ доир намудем.

Дар робита ба ин, мехоҳам хотирнишон созам, ки мулоқоту вохӯриҳо бо мухолифин низ осону ҳамвор набуд, зеро баъзе доираву неруҳо ба ҳам омадани миллати мо ва ба сулҳу субот расидани кишварамонро намехостанд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



# Гузориши мукаммал

**29 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

**РАИС: -Вакилони мӯҳтарам!**

Хоҳиш мекунам аз қайд гузаред!

Ҳоло дар толор 60 нафар вакилон ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатиро кушода эълон менамоям.

Оид ба рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова Х.Ф.»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон баровардани Ҳакимова Х.Ф.»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»**

**4. Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум».**

Масъалаҳои аввали рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова Х.Ф.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон баровардани Ҳакимова Х.Ф.» алоҳида муҳокима шуда, вобаста ба он қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Иҷлосияи сеюм – Иҷлосияи сифати қонунҳо

**Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров роҷеъ ба фаъолияти Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



**Ҳамкасбони гиромӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум!**

Раванди пуршиддати ҷаҳонишавӣ, вазъи зудтағйири сиёсӣ ва муносибатҳои мухталифи ҷомеавию байналмилалӣ, инчунин тазоҳуроти сиёсӣ дар баъзе кишварҳо ва дигар омилҳо барои парламентҳои мамлакатҳои дунё вазифаҳои муҳиму пурмасъулияти ба танзим даровардан ва ба эътидол овардани чунин зуҳуротро пеш гузошта, ҳамоҳангсозии мақомоти қонунгузории кишварҳои дунёро ҷиҳати фаъолияти дастаҷамъона дар доираи созмонҳои парламентии минтақавию байналмилалӣ тақозо менамоянд.

Шарти муҳим ва омили асосии барқарории сулҳу субот, оромӣ ва рушду нумуи тамоми кишварҳои сайёра, қабл аз ҳама, ба низоми пешрафтаи ҳуқуқӣ, риоя ва иҷрои талаботи қонунҳо, шартномаву аҳдномаҳои дастаҷамъонаву байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста мебошад, ки ҳадафҳои онҳо низ ба чунин самтҳо равона гардидаанд. Ҳар як мақоми олии қонунгузор ва намояндагии кишварҳои дунё дар баробари мустаҳкам намудани низоми ҳуқуқии кишвари худ, ҷиҳати рушди бахшҳои гуногуни ҷомеа, сулҳу субот, оромӣ ва ба эътидол овардани авзои ноором дар кишварҳову минтақаҳои ҷудогона саҳми муносиб мегузорад.

Дар ин миён тамоми парламентҳо ва кишварҳои дунё дар назди халқи худ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, сарфи назар аз таърихи тӯлонӣ ё истиқлолияту парламентҳои тозабунёдашон масъулияти баробар доранд. Зеро парламент мактаби камолоти ҷомеа буда, коршиносони соҳаи ҳуқуқ онро институти сиёсӣ ва ифодакунандаи ҳувияти миллӣ донистаанд. Парламент ҳамчун омили муассири ба эътидол овардани ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Фароҳам овардани заминаи мусоиди ҳуқуқӣ тавассути қонунҳо, риояи комилу ҳамаҷонибаи онҳо аз ҷониби аъзои ҷомеа, қабл аз ҳама дар сатҳи зарурӣ қарор доштани донишҳо ва фарҳанги ҳуқуқии афроди ҷомеаи ҳар як кишвар ҳамчун омили асосии пешрафти бахшҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоиёт, илму фарҳанг арзёбӣ мегардад.

Тавре маълум аст, дар рушду нумуи ҷомеа ва мустаҳкам намудани мавқеи сиёсии худ дар арсаи ҷаҳонӣ он кишварҳо ба дастовардҳои бештаре ноил гардидаанд, ки қонунҳои хубу фаъол қабул намудаанд. Таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар кишварҳову минтақаҳо барои наздикшавии халқҳову ҷомеаҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад ва бархурдҳои номатлуби ҷаҳонишавиро барои кишварҳои ғайримутараққӣ ва тозаистиқлол пешгирӣ менамояд.

Дар ин раванд вазифаҳои асосии мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар, яъне Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ арзи ҳастӣ менамояд, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои рушду нумуи тамоми бахшҳои ҷомеаи кишварамон мебошад. Вакилони Маҷлиси намояндагон бо истифода аз таҷрибаи қонунгузории ватанӣ ва кишварҳои пешрафта санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди таҳияву баррасӣ ва қабул қарор медиҳанд.

Қонунҳо вақте муносиб ва мувофиқ таҳия ва қабул карда мешаванд, ки рӯҳияи халқро ифода карда тавонанд. Чунин ҳол дар сурате ба амал меояд, ки вакилон ҳаёти аҳли ҷомеаро амиқ дарк карда тавонанд. Маҷлиси намояндагон бояд бо аҳли ҷомеа робитаи ҳар чӣ наздик дошта бошад, яъне сухани Қонун аз адолати иҷтимоӣ, ҳақиқат, орзую ормонҳои волои мардум, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон сарчашма гирад. Дар ин росто, вазифаи мо ин аст, ки дар баробари таҳия ва қабули қонунҳо, барои омода намудани рӯҳияи ҷомеа ҷиҳати пазируфтани қонунҳои мазкур бояд мусоидат намоем, моҳияти ин қонунҳоро ба қалбу шуури мардум расонем. Қонун на танҳо низому муқаррароти муайянро дар ҷомеа амалӣ мекунад, балки ҳамчун беҳтарин василаи тарбияи шууру маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеа хидмат менамояд.

Ҳадаф ва мароми мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар шароити кунунӣ муҳофизату ҳимояти ҳамаҷонибаи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллии тоҷикон, заминаи мусоид фароҳам овардан барои рушду нумуи тамоми бахшҳои ҷомеаи кишвар тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин росто бештар афзалият бахшидан ба самтҳои қонунгузорӣ ҷиҳати рушди бахшҳои соҳибкории хурду миёна, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи миллии мамлакат доир ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар, инчунин бахшҳои илму маориф, фарҳанг, иқтисодиёт, кишоварзӣ ва ғайра хеле муҳим мебошад.

**Вакилони арҷманд!**

Тавре огоҳӣ доред, 20 апрели соли равон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид, ки дар он стратегияҳои миёнамӯҳлат ва барномаҳои соҳавию маҳаллӣ, дигар барномаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ ва ғайра тарҳрезӣ гардидаанд. Дар Паёми мазкур самтҳои асосиву афзалиятноки он бахшҳои ҷомеаи кишвар, ки ба такмилу навсозии қонунгузорӣ ниёзманд мебошанд, муайян гардида, усулҳои беҳтар намудани сохтори фаъолияти онҳо мушаххас карда шудааст.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Бо меҳнати бунёдкорона кохи бегазанди ваҳдати миллиро обод нигоҳ медорем

(Идома аз саҳ. 1)

Баъди имзои созишнома барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини давра ба давраи сулҳу оромӣ, фароҳам овардани муҳити эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои хушунат ва даргириҳои мусаллаҳона, тарғиби ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ ва дар амал татбиқ сохтани муқарраароти санадҳои имзошуда, муҳайё намудани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо тасмими тарафҳои музокироти сулҳи тоҷикон Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд.

Аъзои Комиссияи оштии миллӣ ва гурӯҳҳои коршиносон дар раванди таъмини сулҳи тоҷикон заҳмати зиёд кашиданд ва аз иҷрои вазифаҳои дар уҳда доштаашон ба хотири иҷрои санадҳои баимзорасида муваффақона баромаданд, ки ба ҳамаи онҳо миннатдорӣ баён мекунам.

Дар ин лаҳзаҳои идона мехоҳам саҳми ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои кафилро, дар роҳи расидан ба сулҳу оромӣ хотирнишон созам ва ба онҳо бори дигар изҳори сипос намоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ҳамеша иттиҳоду ягонагии аҳли ҷомеа ва фалсафаи таҳаммулгароиро тарғибу ташвиқ намуда, бо намояндагони дигар халқу миллатҳо, дину ойин ва фарҳангҳо муносибати некбинона доштаанд.

Ин маънӣ ҳанӯз се ҳазор сол пеш дар китоби муқаддаси ниёгони мо - Авасто ба таври зайл омадааст: «Мо сулҳу саломатиро меситоем, ки ҷангу ситезаро дарҳам бишканад... Бишавад, ки мо бо ҳамаи ростону дурустон, ки дар саросари кишварҳо ҳастанд, ҳамкору анбоз бошем ва ба якдигар муҳаббату ёрӣ намоем».

Қабул гардидани аввалин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки то имрӯз моҳияти худро гум накардааст, далели равшани фалсафаи таҳаммулгароии ниёгони мо ва эътирофи ваҳдати миёни халқу миллатҳо ва дину мазҳабҳо аз ҷониби онҳо мебошад. Масалан, намояндаи барҷастаи фарҳанги миллии мо Ҷалолуддини Балхӣ, ки яке аз поягузорони мактаби фалсафаи ваҳдати умумиинсонӣ мебошад, худро на тарсову яҳуд, на габру мусулмон, на шарқиву ғарбӣ, балки як инсони ҳамаро фарогир ҳисобидааст, ки ин баландтарин ифодаи башардӯстӣ, омили рафъсозандаи низоъҳои минтақавӣ, қавмӣ ва фарҳангиву динӣ мебошад.

Натиҷаи тарғиби ин андешаи фарогир буд, ки ҳатто дар шароити асримиёнагӣ дар сӯгвории Мавлоно мотами мардумӣ барпо шуд ва издиҳоми бузурге аз мардуми ҳар қавму миллат ва мазҳабҳои гуногуни сокини шаҳри Қуния аз паси тобути ин бузургвор аз Қуръону Инҷил ва Тавроту Забур баробар муноҷот мехонданд. Яъне, афкори Мавлонои Балхӣ, ки ҳамдилиро аз ҳамзабонӣ беҳтар медонад, собит месозад, ки ҷавҳари миллати тоҷик аз азал бо таҳаммулгароӣ сиришта шудааст ва тоҷикон бо қавму миллатҳои дигар ҳамеша дар фазои сулҳу субот ва ҳамраъйиву дӯстӣ зиндагӣ доштаанд. Дар шароити кунунӣ, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ аксои оламро фаро гирифтааст ва зарурати ҳамкории пурвусъатро дар миёни тамоми минтақаҳои ҷаҳон тақозо менамояд, майли азалии инсонҳо ба иттиҳоду пайвастагӣ дар пешорӯи озмоишу хатарҳои миқёсан бузург беш аз пеш аён мегардад. Бо камоли ифтихор гуфта метавонем, ки абармардони илму адаб ва фарҳангу маънавиёти мо ҳанӯз садсолаҳо қабл аз ин ҳамгавҳар будани бани одамро эълон дошта, ғояҳои инсонпарвариро ситоиш мекарданд. Панду андарзҳои онон ба мисли нури ситораҳои дуродуранд, ки дар масири асрҳо пардаи зулматро бурида, роҳи наслҳои ояндаро мунаввар месозанд ва инсонҳоро ба иттиҳоду ягонагӣ даъват менамоянд.

Таҷрибаи давлатдорӣ ва давлатсозиамон шаҳодат медиҳад, ки мо метавонем инкишофи мутаносиби ҷомеаро дар такя ба фарҳанг, таърих ва ҳувияти миллӣ таъмин созем, ки ин боиси ифтихору сарфарозист, зеро ҳамин ҳувият чун сарвати бебаҳо ва дороии адонопазири миллати сарбаланди тоҷик метавонад заминаи асосии ҳамаи созандагиҳо ва рушду такомули халқу давлати мо бошад. Аз ин рӯ, ҳамаи мо вазифадорем, ки омилҳои таҳкимбахшандаи онро ҳифз кунем ва ҳамеша ба густариши онҳо мусоидат намоем.

Имрӯз ҷавҳари асосӣ ва моҳияти истиқлолият бояд маҳз ваҳдати миллӣ бошад, зеро истиқлолиятро бе ваҳдат ва ваҳдати миллиро бе истиқлолияти комил тасаввур кардан имкон надорад. Метавон гуфт, ки имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи умумимиллӣ дар радифи мафҳумҳои озодиву истиқлолият ва сулҳу субот пазируфта шудааст ва дар тафаккури миллии мардуми Тоҷикистон чун омили мувозинати ҳамаи тарафҳои сиёсати давлатии мо арзёбӣ мегардад.

Андешаи сулҳу ваҳдат ва фалсафаи таҳаммулгароӣ дар табиату хислати мардуми тоҷик ба арзишҳои муқаддасе табдил ёфтаанд, ки бо ҷисму равони мо сиришта шуда, дар ташаккули ахлоқу одоб, фарҳангу маданият ва зиндагии маънавии ҷомеаи мо қадру манзалати баланд доранд.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ тақдири имрӯзу ояндаи худро дар даст доштан, истиқлолияти комилу давлатдории миллиро ҳифз кардан ва дар ин замина таъмин намудани амнияти кишвару ҷомеа, пуштибонӣ аз манфиатҳои давлату миллат аз мову шумо иҷрои корҳои боз ҳам бузургро тақозо мекунад. Самараи он корҳое, ки мову шумо то имрӯз ба сомон расонидаем, ба мардуми Тоҷикистон чун оина равшан аст ва худи халқ ба он баҳои воқеӣ хоҳад дод, вале фикр мекунам, ки дар муқоиса бо суръати пешрафти асри нав ва комёбиҳои кишварҳои мутамаддини олам дастовардҳои мо ҳанӯз ҳам кифоя нестанд.

Ормонҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз мову шумо ҳалли мушкилоти муҳими иҷтимоӣ – рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, суръатбахшии бунёди иншооту сохтмонҳои азим, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, дастгирии ятимону бепарасторон, таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро тақозо дорад. Ба хотири татбиқи ин ҳадафҳои муҳим, нақшаҳои созанда ва ниятҳои нек мову шумо бояд тамоми иқтидору имкониятҳоро сафарбар созем, масъулиятшиносу фидокор бошем, бо дасти поку дилу нияти нек, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва эҳсоси қарзи шаҳрвандӣ вазифаҳои бар дӯш доштаамонро адо намоем.

Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини мо бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияҳои пешрафта тарбия кардану ба камол расониданни наслҳои закиву донишманд, соҳибмаърифату соҳибмаълумот мебошад, то онҳо дар оянда тақдири давлату миллати худро ба даст гирифта тавонанд.

Табиист, ки барои тарбияи насли шоистаи замон, бахусус ҷавонони дорои донишу маърифати муосир, таъмини шароити мусоид зарур мебошад.

Ҳамчунин бо мақсади тақвият бахшидан ба фазои иҷтимоӣ, боз ҳам ҳадафрас намудани корҳои фаҳмондадиҳиву тарбиявӣ ва эмин нигоҳ доштани мафкураи ҷавонон аз таъсири харобиовари ғояҳои бегонаи хатарзо илова ба таҳкими пояҳои моддии соҳаи маориф фаъолгардонии марказҳои фарҳангӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳо ва маҳаллу деҳот яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади дар рӯҳияи худшиносӣ ва ватандӯстиву инсонпарварӣ ба воя расонидани насли наврас, аз ҷониби онҳо амиқан дарк гардидани муҳимияти пойдории ваҳдати миллӣ дар бунёди ҷомеаи демокративу адолатпарвар, нақши ваҳдати миллӣ дар таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатии Ватани азизамон зарур аст, ки ҳангоми тадриси фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаву олии касбӣ мавзӯи «Ваҳдати миллии тоҷикон» дохил карда, ба хонандагон аҳамияти ин масъала омӯзонида шавад, зеро инсоне, ки гузаштаи таърихиашро фаромӯш мекунад, метавонад аз фориғболӣ ба хатоӣ роҳ дода, боиси сар задани мушкилиҳо гардад.

Зарурати инкишофи ояндаи ҷомеа талаб менамояд, ки фаъолияти мақомоти зинаҳои гуногуни давлатӣ, инчунин ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба хотири рушду такомули давлат, соҳибмаърифат намудани шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсии ҷомеа тақвияти бештар бахшида шавад. Махсусан нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар вусъат додани эътимоди аъзои ҷомеа ба сифати яке аз омилҳои таҳкимбахшандаи ваҳдати миллӣ хеле барҷаста мебошад ва аз ин хотир дар ин самт ҳамкориҳои судмандро бо онҳо пайваста густариш додан зарур аст.

Имрӯз дар ҷомеа маҳз тавассути тавсеаи ҳамкориҳои созандаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фазои мусоиди сиёсӣ барои баррасӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам омадааст ва минбаъд низ танҳо дар ҳамин замина мо метавонем Ватани худро ба қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир расонем.

Ҳамчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла аҳзоби сиёсӣ, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма бо дарки масъулият дар назди халқу Ватан вазифадоранд, ки дар ҷодаи таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсии мамлакат ибтикори ҳамешагӣ нишон диҳанд. Ҳар қадар эътимоди ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба якдигар мустаҳкам бошад, ҳамон қадар устувории вазъи ҷомеа ва ҳамкории кулли аъзои он таъмин мегардад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки аз тамоми неруву имкониятҳо барои баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги сиёсии ҷомеа, тақвияти ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардум, беҳ намудани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳли ҷомеа ва рушду тараққиёти мамлакатамон беш аз пеш истифода намоем, зеро воқеияти зиндагӣ ва таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд, дар миёни онҳо ваҳдату якдигарфаҳмӣ пойдор намемонад.

Ҳадафҳои умдаи сиёсати пешгирифтаи давлати Тоҷикистон дар хусуси андешаи ваҳдати миллӣ ва таъмин намудани густариши он айни замон барои таҳкиму ташаккули шароити мусоид барои инкишофи шахсият, ҷамъият ва давлат замина фароҳам меоранд, чунки ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат аз омилҳои ваҳдату якдигарфаҳмӣ вобастагии зич дорад. Маҳз ҳамин омилҳо дар шароити кунунӣ ҳам барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва ҳам барои муқовимат бо тазоду таҳдидҳои муосир нақши муҳиму муайянкунанда мебозанд.

Андешаи миллатсози ваҳдат ҳамон вақт самараи дилхоҳ ба бор меорад, ки қабл аз ҳама моҳият ва мафҳуми Ватану ватандорӣ, қадру манзалати истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худафрӯзӣ, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қалбу шуури ҳар як шаҳрванди кишвар ҷой гирад ва решадор гардад.

Ваҳдат ҳамчун омили муайянкунандаи бақои давлати миллӣ танҳо дар сурати ягонагиву ҳамбастагии тамоми мардуми кишвар дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир ва муносибати некбинонаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҷомеа ё миллате, ки ғояи ваҳдати миллӣ надорад, ҳамеша эҳтимолияти ба бӯҳрони сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор шуданаш мавҷуд аст.

Зуҳури падидаи ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлати миллист, зеро маҳз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмурӣ зиндагӣ доранд, боло меравад.

Бинобар ин, ваҳдат хусусияти миллиашро танҳо дар доираи ташаккули давлати миллӣ пайдо мекунад ва мавриди татбиқ қарор мегирад.

Яъне, нақши давлат дар таҳкими ваҳдати миллӣ меафзояд, зеро он ба таъмини рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва пешрафти фарҳанги миллӣ манфиатдор аст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки маҳз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ буд, ки кишварамонро аз бӯҳрони шадид бароварда, рушди онро таъмин намуд ва барои зиндагии орому осудаи сокинони кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар шароите, ки имрӯз ҷомеаи мо роҳи демократии пешрафтро интихоб намудааст ва одамон ба озодандешиву ҳифзи ҳуқуқҳояшон талош варзида, эътиқодоти гуногун ва равияҳои гуногуни сиёсиро пайравӣ мекунанд, ғояи маънавию мафкуравии мо ваҳдат, ягонагӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ободии Ватан ва таҳкими ҳамаҷонибаи давлатдориамон мебошад.

Бинобар ин, ҳар шахси бонангу номус, ҳар фарде, ки бо Ватан ва модари азизаш - Тоҷикистони соҳибистиқлол ифтихор мекунад, кулли сокинони кишвар, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бояд манфиатҳои миллат ва давлати соҳибихтиёрамонро аз тамоми манофеи дигар болотар гузоранд, зеро давлату ҷомеа ҳамеша ва дар ҳар давру замон ба эҳтирому арҷгузории арзишҳои умумимиллӣ ниёзманд мебошад.

Ҳама гуна ҷомеа ба ҳадафу қутбнамое ниёз дорад, ки роҳи рушди устувори худро мутобиқи он муайян созад. Чунин ҳадаф бояд дар заминаи таърих, арзишҳо ва ҳувияти миллӣ ташаккул ёфта, ба воқеият, ниёзҳо ва дархостҳои кунунии ҷомеа ҷавобгӯй бошад, аксари афрод ва табақаҳои ҷомеаро дар атрофи худ муттаҳид сохта, мардумро ба сӯйи тараққиёт ва созандагӣ роҳнамоӣ кунад. Чунин андеша ва ҳадафи муттаҳидкунанда барои мо, бешубҳа, ғояи ваҳдати миллӣ ба шумор меравад.

Ташаккули ғояи ваҳдату ягонагӣ яке аз вазифаҳои умдаи ҳар як миллати соҳибдавлат мебошад, зеро бе андешаи устувори ваҳдати миллӣ ва дақиқ муайян кардани ҳадафу роҳи таърихии ҳама гуна халқ идомаи ҳаракати огоҳонаи он ба сӯйи дастовардҳои шоистаи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст.

Албатта, бори аввал нест, ки миллати мо дар тӯли таърихи худ ба зарурати ҳалли чунин мушкилот рӯ ба рӯ гаштааст. Фарзандони хирадманди миллати тоҷик борҳо бо дарёфти посухи матлубу сазовор мардумро аз бунбасти ғоявӣ берун кашида, роҳҳои нави расидан ба марҳилаҳои рушду такомулро ба ҳамзамонони худ ва наслҳои оянда талқин намудаанд. Маҳз давлати миллӣ, давлати соҳибистиқлолу озоди демократӣ имконияти таърихӣ фароҳам овард, ки мо андешаи ваҳдати миллиамонро ба вуҷуд орем ва роҳу равиши халқамонро ба сӯйи оянда муайян созем.

Андешаи ҷомеъ ва ҷовидонаеро ба вуҷуд орем, ки бунёди онро адолати иҷтимоӣ ташкил дода, аз арзишҳои асили фарҳангиву маънавии аҷдодамон сарчашма гирад, мардумро якмарому ягона созад, имрӯзу фардои давлатро бо ҳам пайванд диҳад ва мавриди қабули аксари афроди ҷомеа бошад. Ба воситаи ин ғояи асосии умумимиллӣ мо метавонем ҳамаи табақаҳои ҷомеаро муттаҳид гардонем ва рушди бемайлону устувори самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро ба роҳ монем.

Бо ин мақсад нигоҳ доштани фазои мусоиди сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ақидаву мавқеъҳо, ризоияти ҷомеа, таҳаммулгароӣ ва мароми созандаву устувори ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки Ватани худро ҷавонмардонаву самимона дӯст дорем, ҳифз намоем ва ба хотири рушду ободии он пайваста талош варзем. Дар ин сурат мо метавонем эътимоду эътиқоди мардумро ба ғояи ваҳдати миллӣ, истиқлолият ва давлатдории миллӣ қавитар гардонем ва нақшаҳои азими созандаро муваффақона амалӣ созем.

Имрӯз ба шарофати пойдории сулҳу субот мо давлат ва ҷомеаи нави шаҳрвандӣ бунёд карда истодаем, ки дар чунин низом муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, шуур ва қобилияти фикррони инсон аҳамияти куллан нав пайдо менамоянд. Дар шароити имрӯзаи кишвари мо ин муносибатҳо бояд ба моҳияти арзишҳо ва ғояҳои демократии нав, тарзи зиндагӣ ва талаботи ҷомеаи адолатпарвар, ки мо бунёди онро мароми мақсади хеш қарор додаем, ҷавобгӯй бошанд, зеро ҷанбаи муҳими ин раванд дар он аст, ки ҳар як шаҳрванд ва ҳар як инсон бояд муносибати худро ба ташаккули ҷомеаи пешрафта чун мавқеи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии худ муайян намояд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд аз ҳар як шаҳрванди мамлакат, риояи ҳатмии қонун, эҳтироми қонуният, таъмини волоияти қонун ва хулоса дар чорчӯбаи қонун зистан ва фаъолият карданро талаб мекунад. Инчунин фаромӯш набояд кард, ки худогоҳиву худшиносӣ танҳо ифтихор аз дастовардҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии миллати хеш нест, балки пойгоҳи устувори маънавиест, ки фарзандони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳо ва созандагиву бунёдкориҳо ҳидоят месозад.

Худшиносӣ қутбнамоест, ки моро ба сӯйи асолат ва ҳувияти миллӣ роҳнамоӣ карда, роҳи душвори давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро бароямон осонтар мегардонад. Вобаста ба ин, мехоҳам пешниҳод намоям, ки бо мақсади арҷ гузоштан ба падидаи нодири сулҳи тоҷикон ва ваҳдати миллӣ яке аз майдонҳои шаҳри Душанбе, ки ҳамчун шаҳри сулҳ пешоҳанги ваҳдати миллӣ мебошад, хиёбон ё майдоне ба номи Ваҳдати миллӣ номгузорӣ гардида, дар он муҷассама ё рамзи ваҳдати ҷовидонаи миллати тоҷик гузошта шавад.

Итминони комил дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ва фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик, ки рӯзҳои вазнину даҳшатноки ҷанги шаҳрвандиро паси сар кардаанд, бо дарки масъулияти ватандорӣ ва рисолати шаҳрвандӣ, бо меҳнати созанда ва ташаббусҳои меҳанпарастонаашон сиёсати пешгирифтаи Ҳукуматро минбаъд низ дастгирӣ намуда, дар татбиқи ҳадафҳои неки миллиамон саҳми арзанда мегузоранд.

Ҳар як фарди бедордили ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон, ки барояш Ватан ва сарзамини аҷдодӣ қадру манзалат дорад, бояд сулҳу ваҳдатро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, барои ободиву пешрафти кишвар ҷаҳду талош намояд.

Ман ба қудрати созандаи халқи тоҷик, пойдории истиқлолият, поянданги ваҳдати миллат ва ояндаи ободи Ватани азизамон эътимоди қавӣ дорам.

Итминони комил дорам, ки аз баракати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мову шумо пояҳои давлату давлатдории мустақилонаи худро боз ҳам мустаҳкам карда, ҷойгоҳи Тоҷикистони соҳибистиқлоламонро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи арзанда мерасонем ва дар ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ мақоми шоистаи худро пайдо мекунем.

Агар ҳар яки мо дар рушду таҳкими истиқлолияту ваҳдат ва дигар арзишҳои муқаддаси миллиамон сидқан саҳм гузошта, дар атрофи давлати миллие, ки баъди садсолаҳо насибамон гаштааст, муттаҳид шавем, пас метавон гуфт, ки чун миллати воҳид бо асолату фарҳанг ва симои хоси худ миёни давлатҳои мутамаддини ҷаҳон мавқеи сазовор пайдо хоҳем кард.

Ба тамоми мардуми кишвари азизамон ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ дар ин роҳи душвор, вале пурифтихор рӯҳи матин, неруи тоза ва комёбиҳои рӯзафзун орзумандам.

Бигзор мардуми шарифи Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, фазои осудаи мамлакат ва пойдории истиқлолияти Ватан, бо меҳнати бунёдкоронаи хеш кохи бегазанди ваҳдати миллиро обод нигоҳ дошта, ба сӯйи фардои орому осуда қадамҳои устувор гузорад.

Бигзор осмони соф, сулҳу суботи поянда, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ илҳомбахши рӯзгори осудаҳолонаи мардуми кишвари мо бошад.

Бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистони азиз ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро бо ҷашни 15 - солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар сулҳу оромӣ, ваҳдати ҷовидона, ободиву осоиш, хушбахтиву некрӯзӣ ва саодату сарбаландӣ мехоҳам.

**Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

## Ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба солгарди 15-уми Рӯзи Ваҳдати миллии Тоҷикистон

**26 июн дар Маҷмааи давлатии Кохи Борбади пойтахт бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба солгарди 15-уми Рӯзи Ваҳдати миллии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои пурдаҳшати солҳои муноқишоти мусаллаҳона ва тавассути музокироти зиёди мураккаби тарафҳои муқобил ва ҷаҳду талоши тамоми неруҳои солими ҷомеа ба сулҳу салоҳи ҳамагонӣ расидан ёдовар шуда, мардуми Тоҷикистонро бо ин иди фархунда табрику таҳният гуфт.

Ба ҳамаи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии кафили сулҳ ва ҳамчунин ҳар як нафаре, ки дар барқарорсозии сулҳу осоиш дар Тоҷикистон як зарра ҳам бошад, саҳм гузоштааст, арзи сипосу қадрдонӣ карда шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Ваҳдати миллии Тоҷикистонро арзиши волою муқаддас ва ҳамвазни Истиқлолияти давлатии Ватани азизи мо номида, аҳли толор ва кулли мардумро ба қадрдонию арҷгузорӣ ба ин санаи таърихӣ ва иди пурифтихори ҳамагонӣ даъват намуд. Таъкид гардид, ки «Мо соҳибдавлату соҳибватан будани худро бо кору амали созандаю ваҳдатофариамон бояд собит намоем».

Дар фарҷоми суханронӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуд, ки яке аз хиёбонҳо ва ё майдонҳои пойтахт Ваҳдати миллии Тоҷикистон номида шуда, дар он рамзи Ваҳдати ҷовидонаи мардуми кишвар гузошта шавад.

*www.prezident.tj*

# Гузориши мукаммал

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» сухан ба муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова Гулчеҳра Турсуновна дода мешавад.

**Гулчеҳра БОЗОРОВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Бо мақсади суръат бахшидан ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо тибқи Протоколи ҷаласаи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати иҷрои корҳо вобаста ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо» аз 28 марти соли 2012 таҳти №1с/12.2-5 Нақшаи чорабиниҳо доир ба тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои соли 2012 тасдиқ гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади таъмини иҷрои сархати 1-уми банди 9-уми Нақшаи чорабинии мазкур якҷоя бо назардошти эроду пешниҳоди Гурӯҳи кории байнииидоравӣ таҳия шудааст.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созишнома оид ба татбиқи чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ (СПС) мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар соҳаи таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи ҳаёту саломатии инсон ва манфиатҳои истеъмолкунандагон, бо назардошти имконияти ҳифзи ҳайвонот, вазъи солимии растаниҳо ва муҳити зист танзим менамояд.

Инчунин эроду пешниҳодҳои кишварҳои аъзоро ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон



«Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» дар мавриди мушаххасозии ваколатҳои мақомоти дахлдор, ки бевосита дар раванди гуфтушунидҳо пешниҳод гардидаанд, ба инобат гирифта, фаъолиятро доир ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ҳангоми истеҳсол, коркард, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва фурӯши он танзим менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз панҷ бобу чилу як модда иборат мебошад. Боби аввал аз муқаррароти умумии дорои рӯйхати муфассали муайяншуда, ки мутобиқи санадҳои байналмилалӣ таҳия шудаанд, иборат мебошад. Дар боби дуюм ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор инъикос гардидаанд. Ҳадафи ин муқаррарот муайян ва фарқ намудани ваколатҳои ҳамаи вазорату идораҳои дахлдор ва роҳ надодан ба фаъолияти якхелаи онҳо, ки одатан дар таҷриба вомехӯрад, мебошад.

Боби сеюм маълумоти муфассалро оид ба танзими давлатӣ ва амалиётҳо барои назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии маҳсулоти хӯрока инъикос менамояд.

Боби чорум дар маҷмӯъ ҳолати умумии қонуни мазкурро ифода намуда, талаботи бехатарии умумии маҳсулотро бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ва мутобиқ гардонидани он ба талаботи созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, санадҳои Кодекси Алиментариус ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ муфассал танзим менамояд.

Бояд зикр намуд, ки мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» воридшуда ҳадди аксари матни онро ташкил додааст, ки ин боиси дар таҳрири нав таҳия намудани қонуни мазкур гардид.

Соҳаи бехатарии маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ба танзим даровaрда мешавад.

Сарфи назар аз як қатор тағйиру иловаҳои воридшуда, дар тӯли даҳсолаҳо қонуни амалкунанда ҷавобгӯйи замон набуд ва ба ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ, бахусус созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мутобиқат намекунад.

Дар ҷараёни воридшавӣ ба СУС маълум гардид, ки қонуни амалкунанда бояд ба қонуни нав иваз карда шавад, ки рушди умумиро дар соҳаи бехатарии маҳсулот инъикос намуда, ҳамзамон талаботи СУС-ро қонеъ гардонад.

Давлатҳои номзад бояд қонунгузориҳои миллии худро ба созишномаҳои СУС то воридшавӣ мутобиқ созанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳама қонунҳои миллии марбут ба СУС бояд ба талаботи созишномаҳои СУС пурра мутобиқат намоянд.

Соҳаи бехатарии маҳсулот яке аз самтҳоест, ки бояд куллан ба талаботи СУС мутобиқат кунад. Барои ҳамин қонуни нави бехатарии маҳсулот, муқаррароти созишномаҳои СУС-ро ба монанди Созишномаи кулл оид ба тарифҳо ва савдо ва Созишнома оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ инъикос менамояд.

Ҳадаф аз қабули қонуни мазкур ин кафолати бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳифзи саломатии инсон ва истеъмолкунандагон ва ҳамзамон бартараф намудани монеаҳои тиҷорати маҳсулотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Бо назардошти ин, аз шумо, мӯҳтарам вакилони халқ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни ба баррасӣ пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Катаев Амир Ҳабибович дода мешавад.

**Амир КАТАЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1395 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқгардонии муқаррароти талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва барои баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмон ва инчунин дигар созмонҳои байналмилалӣ таҳия гардидааст.

Аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул бо мақсади такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»



118 пешниҳод ворид гардид, ки аксарияти онҳо дар мувофиқа бо мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ба лоиҳа ворид карда шудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» дар ҷаласаи васеи кумита 28 июни соли 2012 мавриди баррасӣ қарор гирифт ва ҷонибдорӣ гардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»-ро барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд ва аз шумо, вакилони арҷманд, хоҳиш менамоем, ки лоиҳаро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда муҳокима шуда, яклухт ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гашт.*

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев:**

Вакилони мӯҳтарам, ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи ҷаласа – «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дода мешавад. Марҳамат.

*(Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар ин шумора муфассал нашр шуд).*

**Амиршо МИРАЛИЕВ:** - Вакилони гиромӣ, гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охир расид.

Ба мо лозим аст, ки оид ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намоем.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ба маълумот гирифта шавад.

Аз вакилони арҷманд хоҳиш мекунам роҷеъ ба масъалаи мазкур мавқеи худро муайян намоянд.

*Аз рӯйи ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** - Вакилони мӯҳтарам! Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ ворид шуда буданд, баррасӣ гардиданд.

Доир ба рафти ҷаласа ягон эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Бо ҳамин кори Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

**Субҳи 27 июни соли 2012 чорабиниҳои таҷлили 15 –солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев дар расми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии 60 ҷуфт навхонадорон аз оилаҳои ниёзманди шаҳр дар Муассисаи давлатии «Душанбе Плаза»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе оғоз гардид.**

# Эмомалӣ Раҳмон ва Маҳмадсаид Убайдуллоев ба 60 ҷуфт навхонадорон ҳидоятҳои падарона доданд





Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи навхонадоронро ба муносибати дар Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ҳам бастани ақди никоҳ ва аз ҷониби шаҳрдорӣ баргузор намудани тӯйи арӯсию домодии онҳо сидқан табрик намуда, бо ироаи ҳидоятҳои падаронаи хеш ба ҳар як ҷуфт дар расми тантанавӣ ангуштариҳои тиллоӣ, шаҳодатномаи ақди никоҳ ва 3000 сомонӣ тақдим намуда, акси хотиравӣ гирифт.

Маврид ба тазаккур аст, ки иқдоми мазкур дар асоси Қарори Раиси шаҳри Душанбе таҳти рақами 280 аз 30 майи соли 2012 «Дар бораи дастгирии ташаббуси эҳсонкории субъектҳои соҳибкорию хоҷагидорӣ ҷиҳати баргузории тӯйи домодию арӯсии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат дар шаҳри Душанбе» сурат гирифта, 11 субъекти хоҷагидорию соҳибкории шаҳр ҳар кадомӣ 41 ҳазор сомонӣ барои иҷрои ин амали хайр ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар маҷмӯъ 451 ҳазор сомонӣ хазина ташкил доданд. Аз ҳисоби маблағҳои мазкур ба ҳар як ҷуфт либосҳои тӯёнаи шинам ва ангуштариҳои тиллоӣ бо гирифтани андозаи сару либос ва ангуштҳои домоду арӯс дар Туркия муҳимоти тӯёна омода карда шуда, аз сарфаи маблағҳо ба ҳар як ҷуфт 3000 сомонӣ тақдим гардид. Ҷараёни ҳамаи корҳои омодагӣ зери назорати Комиссияи марбутаи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе роҳандозӣ шуд.

Дар ҷараёни баргузории расми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии 60 ҷуфт навхонадорон Раиси шаҳри Душанбе М. Убайдуллоев зимни суханронӣ ва табрикоти хеш афзуд, ки баҳри таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар асоси Қарори шаҳрдорӣ аз 27 марти соли 2010 «Дар бораи дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоати пойтахт» бо саҳмгузории субъектҳои соҳибкорӣ шурӯъ аз моҳи апрели соли 2010 дар шаҳр то ба имрӯз 1824 тӯйи хатнасур ва 104 тӯйи арӯсию домодӣ бо риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир карда шуд.

Таҷрибаи баргузории аз ҳар ноҳияи шаҳр 15 тӯйи домодиву арӯсие, ки ба ифтихори 15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ феълан дар пойтахт амалӣ мегардад, минбаъд дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳукми анъана ворид ва вобаста ба солгарди ин санаи фархунда теъдоди ҷуфтҳои муносиб зиёд карда мешавад.

Сипас, навхонадорон, ки онҳоро дар Боғи дӯстии халқҳо (н.Фирдавсӣ), Боғи Ирам (н. И.Сомонӣ), Кӯли ҷавонон (н. Сино) ва майдони 800-солагии Москва (н. Шоҳмансур) базми фарҳангии ноҳияҳо ва тахтҳои шоҳона интизорӣ мекашид, раҳсипор шуда, тӯли якуним соат дар ин базмгоҳҳо ширкат варзиданд.

Бо фарҷоми чорабиниҳои фарҳангӣ дар тарабхонаҳои шаҳр: Канд, Яккачинор, Роҳат ва қаҳвахонаи «Москва» тӯйҳои арӯсию домодии навхонадорон бо иштироки наздикону волидонашон бо риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.

Ҳамзамон тибқи нақшаи чорабиниҳо соати $10^{00}$ дар Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳи пойтахт» пойгаи аспдавонӣ ва соати $18^{00}$ гӯштии миллӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе барои истироҳат ва фароғати ҳаводорони варзиш баргузор гардиданд.

Дар КВД «Маркази Дӯстӣ- Интернет- кафе» (Боулдер - Душанбе) бошад, аз соати $8^{00}$ то $23^{00}$ видеоконфронсҳои муҳассилини шаҳри Душанбе, ки дар донишкадаҳои олии хориҷ аз марзи ИДМ таҳсил менамоянд, бо волидон ва ҳамтоёнашон аз пойтахт тариқи ройгон доир шуд.

Чорабиниҳо оид ба таҷлили сазовори 15-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ соати $20^{00}$ бо роҳандозии барномаи мӯҳташами фарҳангӣ ва ҳунарнамоии ситораҳои санъати тоҷик дар Муассисаи давлатии «Боғи пойтахт», ки дар расми ифтитоҳи он Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев иштирок ва табрикоти самимона намуд, хотирмон анҷом пазируфт.

Ин ҳама чорабиниҳои ба ифтихори ин санаи сарнавиштсози миллӣ бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор гардида, фазои идона дар шаҳр мутантан мувофиқ ба рисолати Душанбе- шаҳри сулҳу ризоият ва ободониҳо то шомгоҳ идома дошт.

***Шавкат САИДОВ***

(Идома аз саҳ. 1)

# Иҷлосияи сеюм – Иҷлосияи сифати қонунҳо

Дар он шумор бахшҳои сиёсати андозу буҷет, сиёсати бонкиву қарзӣ, ҳамкориҳои бахши хусусиву давлатӣ, сармоягузорӣ, энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ, маориф, фарҳанг, иҷтимоӣ, сиёсати ҷавонон, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва ғайра ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардида, роҳҳои рушду нумуи бахшҳои мазкур мавриди арзёбӣ қарор дода шуданд.

Дар Паёми имсолаи Роҳбари давлат дар бораи таҳия ва пешниҳоди Кодекси нави андоз ба Ҳукумат супориш дода шудааст, ки дар он номгӯи андозҳо то 50 фоиз кам карда, аз ҷумла андоз аз фурӯши чакана пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ озод карда мешавад. Дар Кодекси нави андоз тамоми пешниҳоду мулоҳизоти аз ҷониби соҳибкорону шаҳрвандон ва ниҳодҳову созмонҳои ҷамъиятӣ воридгардида ба инобат гирифта хоҳад шуд.

Дар ин Паём ҷиҳати таҳияи як силсила стратегияҳо ва барномаҳои соҳавию маҳаллӣ, таҳияи стратегияи миёнамӯҳлати навбатӣ барои солҳои 2013-2015 ва таҳкими афзалиятҳои миллӣ пешбинӣ гардидаанд, ки амалӣ намудани онҳо ҷиҳати рушди иқтисодии мамлакат ва таъмини сатҳи сазовори зиндагии мардум заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Маҷлиси намояндагон ҷиҳати мусоидат намудан бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегияҳои мазкур ва як силсила мавзӯъҳои дигаре, ки дар Паём зикр гардидаанд, заминаи ҳуқуқии комилро омода намудааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки қабл аз оғози иҷлосияи сеюм, 19 августи соли 2011, иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид, ки дар он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» қабул шуд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» ба хотири гиромидошт ва арҷгузорӣ аз ҷашнвораи 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ҳамчун иқдоми наҷибу инсондӯстонаи Сарвари давлатамон пешниҳод ва мавриди қабул қарор гирифт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз лиҳози моҳият ва мазмуну мӯҳтаво хеле муҳим ва пурарзиш буда, амали татбиқи он тақрибан ба 15 ҳазор маҳкумшудагон ва инчунин шахсоне тааллуқ гирифт, ки нисбати онҳо аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва судӣ парвандаҳо кушода шуда буд.

Дар ҷараёни иҷлосия мо қабл аз ҳама самти қонунгузориро дар бахши инкишофи иқтисодии ҷумҳуриамон пайгирӣ намудем. Дар ин бахш ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷиҳати бунёди корхонаҳои гуногуни муштарак, амалӣ намудани қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати молиявии кишвар, муҳофизати бозорҳои мол аз фаъолияти инҳисорӣ ва фароҳамсозии шароит барои рақобати солим дар ҷумлаи масъалаҳои муҳими иҷлосия қарор доштанд. Дар ин самт қабули силсилаи лоиҳаи қонунҳо дар бораи энергетика, коммуникатсия ва амнияти озуқаворӣ идома дода шуд.

**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Дар ҷараёни фаъолияти иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагон самту паҳлуҳои тозаву нав, ҷустуҷӯ ва ибтикору ташаббусҳои эҷодкорона, ки дар иҷлосияҳои гузаштаи даъвати чорум, хусусан иҷлосияи дуюм оғоз гардида буданд, ба таври воқеиву назаррас идома ёфтанд. Таҷрибаи намояндагӣ ва қонунгузории вакилони мардумӣ дар ин давра бештар сайқал ёфт, қонунҳои аз лиҳози сифату моҳият муҳим ва ба талаботи самтҳои афзалиятноки ҷомеаву кишвар мувофиқ мавриди таҳия, баррасӣ ва қабул қарор гирифтанд.

Мисли дигар иҷлосияҳо фаъолияти иҷлосияи сеюм низ дар асоси Дастури Маҷлиси намояндагон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбута дар се бахш – намояндагӣ, қонунгузорӣ ва байнипарламентиву хориҷӣ ҷараён гирифта, тавассути қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагон ва ҷаласаҳои иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагон амалӣ гардид.

Дар давоми иҷлосия 39 ҷаласаи Шӯро баргузор гардида, дар онҳо 571 масъала мавриди баррасӣ қарор ёфт. Лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар ҷаласаҳои Шӯро ба ҷаласаҳои иҷлосия пешниҳод мегарданд, ба таври зарурӣ баррасӣ гардида, ба ҷаласаҳои иҷлосия пешниҳод мешаванд.

Шӯро ҳамчун механизми ҳамоҳангсоз ва батанзимдароварандаи фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар ҷараёни иҷлосияи сеюм низ ҷиҳати ба мароми тоза ворид гардидани бахшҳои намояндагиву қонунгузорӣ ва байнипарламентии Маҷлиси намояндагон, фаъолияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон нақши муҳимро иҷро менамояд. Лоиҳаи қонунҳо, созишномаҳо, протоколҳо ва дигар мавод дар ҷаласаҳои Шӯро ҳамаҷониба баррасӣ шуда, ба ҷаласаҳои иҷлосия дар сатҳи зарурӣ пешниҳод гардиданд.

Ҷаласаҳои иҷлосия ҳамчун мақоми олии дар амал татбиқ гардидани фаъолияти Маҷлиси намояндагон зоҳир гардида, ҷиҳати барномарезӣ намудани самтҳои гуногуни он, ҳамчун оинаи фаъолияти мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор тамоми ҷанбаҳои фаъолияти Маҷлиси намояндагонро барои аҳли ҷомеаи кишвар ва берун аз он муаррифӣ менамоянд.

Дар ин давра 27 ҷаласаи иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагон баргузор гардид, ки дар онҳо 216 қонуну қарорҳо қабул шудаанд. Дар он шумор 140 қонун, 42 қарори Маҷлиси намояндагон, 34 қарор дар хусуси тасдиқи созишномаҳо, аҳдномаҳо, конвенсия қарор доранд. Аз ин ҳисоб 10 тағйиру илова ба қонунҳои конститутсионӣ, 29 қонуни мукаммал, 70 тағйиру илова ба қонунҳо, 31 тағйиру илова ба кодексҳо, 23 Созишнома, 5 Конвенсия, 2 Ёддошти тафоҳум, 34 Қарор, як Дурнамо, як Аҳднома, Шартномаи байналмилалӣ ва як Барномаи давлатӣ қабул карда шуданд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки ташаббуси ҳуқуқи қонунгузории вакилон дар ҷараёни фаъолияти иҷлосияи сеюм низ бештар гардид. Дар ин давра бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ, вакилон ҳар яке аз як то нӯҳ лоиҳаҳои қонунҳоро таҳия ва пешниҳод намуданд.

Дар ин муддат бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 67 лоиҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 83 лоиҳа, аъзои Маҷлиси миллӣ дар ҳаммуаллифӣ бо вакилони Маҷлиси намояндагон 6 лоиҳа ва аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон 35 лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод ва қабул гардиданд.

Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вакилони Маҷлиси намояндагон дар ин давра 16 лоиҳаи қонунҳои мукаммал ва 18 тағйиру илова ба қонунҳоро пешниҳод ва қабул намуданд.

Қонунҳое, ки дар давраи мазкур қабул гардиданд, аз лиҳози соҳавӣ ба рушди иқтисодиёт - 36 қонун, танзими масъалаҳои иҷтимоӣ - 11 қонун, ҳимояи ҳуқуқи инсон - 39 қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният - 38 қонун, такмили сохтори давлатӣ - 12 қонун, масъалаҳои экологиву кишоварзӣ -17 қонун, илму маориф - 10 қонун ва масъалаҳои энергетикӣ, сохтмон ва саноат - 15 қонун мансуб мебошанд.

Дар иртибот ба фаъолияти қонунгузорӣ дар ҷараёни иҷлосияи сеюм бояд таъкид намуд, ки чандин хусусиятҳои хоси ин давра зоҳир гардиданд. Тавре аз мушоҳидаҳо роҷеъ ба фаъолияти даъвати чорум равшан мегардад, хосият ва раванди умумии он на танҳо аз лиҳози сифатҳои зоҳирӣ, яъне ҳаҷму шумора ва ғайра, балки аз лиҳози хосияти ботинии он низ таҳаввулоти бунёдӣ касб намудааст. Дар иртибот ба ин маънӣ се ҷанбаи бунёдии онро номбар намудан мумкин аст.

Якум, таҳия ва пешниҳоди дастаҷамъонаи лоиҳаи қонунҳо аз ҷониби вакилон - намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва минтақаҳои гуногуни кишвар бештар рӯйи кор омад. Чунин омил пеш аз ҳама нишонаи он аст, ки имрӯз новобаста ба мавқеъҳои сиёсию ғоявӣ дар парламенти мамлакат чунин фазои созандаи корӣ ба миён омадааст, ки ҳизбҳои сиёсии гуногунро дар масъалаҳои муҳими таҳкими қонунгузории соҳаҳои иқтисоду иҷтимоъ ва ҳифзи муҳити зист муттаҳид намуда, саҳми фаъоли онҳоро дар ин раванд амиқу равшан инъикос менамояд.

Яъне, барои намояндагони ҳизбҳои парламентӣ манфиати халқу кишвар аз манфиатҳои сиёсиву ғоявӣ болотар қарор дорад. Дар ин ҳошия метавон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи моликияти давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳҳо», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳистон»-ро номбар кард.

Дуюм, дар ҷараёни иҷлосияи сеюм таҷрибаи муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи қонунҳо ба роҳ монда шуд, ки дар ҷараёни он намояндагони вазорату идораҳои марбута, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон ҷалб карда шуданд. Лозим ба ёдоварист, ки ба роҳ мондани чунин шакли кор имконият медиҳад, ки лоиҳаҳо дар марҳилаҳои аввалини таҳия пурра ва ҳаматарафа баррасӣ гардида, мухолифат ва мушкилоти эҳтимолӣ сари вақт бартараф карда шавад. Чунин муҳокимаҳо аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баргузор карда шуданд. Дар ҷараёни баррасӣ мутасаддиёни соҳа ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии лоиҳаҳоро зикр намуда, пешниҳодҳои муфиди худро баҳри такмили лоиҳаҳои пешниҳодшуда манзур намуданд. Бояд зикр намуд, ки амалӣ намудани чунин таҷриба қадами ҷиддие дар самти такмили қонунгузорӣ мебошад.

Сеюм, имрӯз вакилони Маҷлиси намояндагон дар доираи робитаҳои байнипарламентӣ дар баробари истифода аз қонунҳои намунавии аз ҷониби созмонҳои байнипарламентӣ тавсияшуда, аз таҷрибаи қонунгузории мақомоти қонунгузории кишварҳои узви созмонҳои байнипарламентӣ низ васеъ истифода бурда истодаанд. Дар ин радиф сафари вакилон ба шаҳри Ашқобод баҳри омӯзиши таҷрибаи қонунэҷодкунии Туркманистон оид ба истеҳсоли нафту газ ва иштирок дар як конфроси минтақавӣ дар шаҳри Бишкек ҷиҳати баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳҳо» аз падидаҳои нави иҷлосияи сеюм ба шумор мераванд.

Таҷрибаи таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал, ки дар иҷлосияи дуюм суръат гирифта буд, дар ҷараёни иҷлосияи сеюм низ бомуваффақият амалӣ карда шуд. Дар ин давра тақрибан 30 қонуни мукаммал қабул карда шуд, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишварро дар бар мегирад. Дар он шумор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Дар бораи ангишт», «Дар бораи амнияти нақлиётӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи нотариати давлатӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ва ғайра қарор доранд.

Албатта, аксари кулли қонунҳо ва санадҳои дар ҷараёни иҷлосия қабулшуда барои имрӯзи кишварамон зарур ва муҳим ба шумор мераванд. Вале дар ин миён қонунҳое қабул карда шуданд, ки барои пешбурди соҳаҳои гуногуни ҷомеаи кишвар муҳим ва саривақтӣ мебошанд, ки мехоҳам дар бораи баъзе аз онҳо маълумоти мухтасар ироа намоям.

Тавре маълум аст, мутобиқи талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) мамлакат, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ» ва назорати иҷрои он салоҳияти истисноии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар моҳҳои нахустини фаъолияти иҷлосия аз ҷониби вакилон мавриди баррасӣ ва қабул қарор гирифт. Ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ барои соли 2012-ум 10 миллиарду 200 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки назар ба буҷети соли 2011-ум 22 дарсад зиёд мебошад. Ҳамчунин дар давоми иҷлосия роҷеъ ба масъалаҳои гуногун 6 тағйиру илова ба қонуни буҷет ворид карда шуд. Бояд зикр кард, ки вобаста ба назорати иҷрои он низ як силсила тадбирҳо, аз ҷумла баргузории муҳокимаҳои парламентӣ амалӣ карда шуд, ки дар ин бора баъдтар ба тариқи муфассал сухан хоҳад рафт.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2011 вобаста ба такмили сохтори мақомоти судӣ ва амалӣ намудани «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» таҳия ва пешниҳод карда шуд.

Ҳамчунин дар самти такмили қонунгузории судӣ, баланд бардоштани мақоми судяҳо ва амалиёти судӣ силсилаи қонунҳо, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ» ва ғайра қабул гардиданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда, принсипҳои асосӣ, тартиб, салоҳият, уҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа муқаррар менамояд.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз таъмини уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф бармеоянд, инчунин тавсияҳои Кумитаи мубориза бар зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади мутобиқ гардонидани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1 Конвенсияи зидди шиканҷа иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» асосҳои ташкилию ҳуқуқиро баҳри рушди низоми таҳсилоти иловагӣ муҳайё намуда, равияҳои асосӣ ва тартиби гирифтани онро муқаррар мекунад. Таҳсилоти иловагӣ ба интихоби ихтиёрӣ ва озоди навъи муассисаҳо, таҳсил, майлу хоҳиш ва шавқу рағбати таълимгирандагон асос ёфта, барои тамоми шаҳрвандон, сарфи назар аз ҷинс, миллат, нажод ва эътиқоди динию вазъи иҷтимоӣ, таҳсилоти иловагии бемаҳдудиятро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбии муқарарӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян мекунад.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз такмили фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад.

Мувофиқи муқаррароти ин қонун ҳангоми санҷиши шикоят Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳақ дорад бо парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат намояд, аз ҷумла аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилиро дар соҳаи истихроҷ ва истифодаи ангишт муқаррар менамояд. Зарурати таҳия намудани Қонуни мазкур аз вазъи иқтисодии кишвар ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба сӯзишворию барқ ва ҳадафҳои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ бармеояд.

Инчунин қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» барои ба танзим даровардани назорат ва дастгирии молиявии ҳифзи меҳнат, бехатарии корҳои саноатӣ, ҳифзи иҷтимоии коргарони машғули корҳои вазнину хатарнок ва ё дар шароити зараровари меҳнатӣ фаъолияткунанда, фароҳам овардани фазои сармоягузориро дар бар гирифта, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мусоидат мекунад.

**Вакилони гиромӣ!**

Дар баробари муваффақиятҳои номбаршуда ҳанӯз ҳам дар фаъолияти мо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки дар иҷлосияҳои оянда бояд онҳоро ислоҳ намоем.

Якум, дар бахши тақсими сарбории корӣ дар кумитаҳо муносибати нобаробар ҷой дорад. Таҳлили хулосаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки дар аксар ҳолатҳо пешниҳоди хулосаҳо ба созишнома ва лоиҳаҳои ҳаҷман хурд ба як вакил, дар айни замон ду ва ё зиёда лоиҳаҳои қонунҳои мукаммал ба дигар вакил супурда мешавад. Чунин ҳолати кор, албатта, ба сифати хулосаҳои пешниҳодшаванда таъсир мерасонад. Бинобар ин, ба раисони кумитаҳо лозим аст, ки минбаъд ҷиҳати ба танзим даровардани ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ диҳанд.

Дуюм, дар ҷараёни иҷлосияи сеюм чор қонуни Маҷлиси намояндагон дар Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ наёфта, барои баррасии такрорӣ ба Маҷлиси намояндагон баргардонида шуд. Агар аз як ҷиҳат ин як раванди маъмулии кор бошад, аз ҷиҳати дигар нишонаи он аст, ки ҳоло ҳам ҳангоми баррасии қонунҳо аз ҷониби мо ба камбудиҳо роҳ дода мешавад. Аз ин рӯ, вакилон ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагонро лозим аст, ки минбаъд ба раванди баррасии қонунҳо ҷиддӣ ва дақиқкорона муносибат намоянд.

Сеюм, тайи иҷлосияи сеюм 10 лоиҳаи қонун барои такмил ба субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ пас гардонида шуданд. Баъзеи онҳо комилан ба муаллифон бозпас гардонида шуда, барои такмили минбаъдаи як қисми онҳо гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Сабаби асосии чунин ҳолат вуҷуд надоштани робитаи зарурӣ миёни субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, лозим аст, ки вакилони Маҷлиси намояндагон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо бо дигар субъектҳо, махсусан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаи зич дошта бошанд.

**Ҳамкасбони арҷманд!**

Дар ҷараёни иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаҳои парламентӣ нақшу моҳияти нав пайдо намуд. Ҳадафи асосии баргузории муҳокимаҳои парламентӣ ин баррасии беғаразона ва ошкорои сарфи маблағҳои буҷетӣ мебошад. Ҳангоми баргузории муҳокимаҳо дар ҷараёни иҷлосияи сеюм ду падидаи нав ба чашм мерасад. Падидаи аввал ин, ки дар муҳокимаҳои парламентӣ баррасии барномаҳои давлатии соҳавӣ, ки аз буҷет маблағгузорӣ карда мешаванд, ба роҳ монда шуд. Чунин ҳол бештар имкон медиҳад ба ҷараёни татбиқи барномаҳои давлатӣ суръат бахшида, аҳли ҷомеа нисбат ба мавқеи вакилон вобаста ба масъалаи мазкур огоҳӣ пайдо намояд. Падидаи дуюм ташкил ва гузаронидани муҳокимаҳо дар ду сатҳ – дар сатҳи Маҷлиси намояндагон ва сатҳи кумитаҳо ба ҳисоб меравад. Чунин тарзи кор имконият дод, ки доираи баррасии масъалаҳо васеъ амалӣ карда шавад.

Дар давраи мазкур аз тарафи Кумита оид ба иқтисод ва молия доир ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» се муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид. Муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар нӯҳ моҳи соли 2011», ки моҳи октябри соли 2011 баргузор гардид, барои баррасии минбаъдаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» заминаи мусоид фароҳам овард. Муҳокимаи парламентӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» низ дар чунин самт доир карда шуд. Инчунин оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» дар кумита муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид.

Аз тарафи Кумита оид ба илм, мориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ду муҳокимаи парламентӣ - «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи Барномаи Ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои 2010-2012» доир карда шуд.

Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология дар мавзӯъҳои: «Дар бораи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 11 моҳи соли соли 2011 дар Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва семоҳаи аввали соли 2012» ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ва «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2011-2012 дар Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Консепсияи истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004 тасдиқ шудааст», се муҳокимаи парламентӣ баргузор намуд.

Аз тарафи Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия як муҳокима оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» баргузор карда шуд. Муҳокимаи парламентии Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ «Оид ба вазъи пешгириву назорати бемориҳои ғайрисироятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи барномаҳои миллии алоқаманд» хеле муҳим ва саривақтӣ буд.

Сарфи назар аз дастовардҳо, зарур аст, ки мо дар фаъолияти минбаъдаи худ дар самти баргузор намудани муҳокимаҳои парламентӣ боз ҳам серталаб бошем. Яке аз масъалаҳое, ки бояд мавриди чораҷӯӣ қарор гирад, ин масъалаи иҷрои тавсияҳои парламентӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чораандешӣ ва дар амал татбиқ намудани тавсияҳо аз муҳокимаҳои парламентӣ аз ҷониби вазорату идораҳои марбута иқдомоти заруриро амалӣ намуда истодааст. Тавсияҳо аз муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва семоҳаи аввали соли 2012 ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоратвии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ барои солҳои 2010-2014» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд. Чанде пеш аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар расид, ки тавсияҳои мазкур ба вазорату идораҳои дахлдор барои чораандешӣ фиристода шуданд.

Сарфи назар аз ин бояд назорати иҷрои тавсияҳои муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагон аз ҷониби вазорату идораҳои марбута бештару беҳтар амалӣ карда шаванд.

(Идома дар саҳ. 4)

# Иҷлосияи сеюм – Иҷлосияи сифати қонунҳо

(Идома аз саҳ. 1, 3)

**Вакилони гиромӣ!**

Масъалаи экологӣ яке аз масъалаҳои муҳиме мебошад, ки имрӯз аз доираи мушкилоти минтақаҳои алоҳида берун шуда, фаъолияти дастаҷамъонаи кишварҳо ва дунёро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, таъсиси комиссияи муваққатии экологӣ яке аз падидаҳои нави даъвати чоруми парламент буда, мақсади асосии он иштирок дар амалӣ намудани ҳадафҳои асоси таъмини ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва беҳдошти вазъи экологии кишвар мебошад.

Аз ҷониби Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагон бо иштироки коршиносон ва экологҳо як силсила ҷаласаҳои кориву мизҳои мудаввар ва сафарҳои корӣ ба минтақаҳои наздисарҳадӣ баргузор гардиданд.

Аз ҷумла дар ҷаласаҳои корӣ мавзӯъҳои «Баррасӣ ва таҳлили фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» оиди ҳамкориҳо бо сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои экологии корхона», «Омода сохтани презентатсияи махсус оид ба ҳолати воқеии вазъи муҳити зист ва истифодабарии захираҳои обу энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ», «Дар бораи рафти иҷрои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012», «Вазъи баландшавии обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии заминҳои обӣ дар ноҳияҳои Вахш, Панҷ, Қумсангир ва Ҷиликӯл», «Ҷамъбасти мониторинги такмили системаи дониши экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Натиҷагирии фаъолияти Корхонаи муштараки «Зарафшон» оид ба истифодаи таҷҳизот ва технологияи муосири ҳифзи муҳити зист» ва ғайра мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Вобаста ба пайомадҳои экологии солҳои охир дар ҷаҳон Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагон ба масъалаҳои мусоидат ба танзими фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Бо ин мақсад 27 январи соли 2012 дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки роҳбарон ва намояндагони ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, рӯзноманигорон, экологҳо дар мавзӯи «Масъалаҳои экологӣ, истифодаи об ва ҳолати мелиоративии заминҳои вилояти Суғд» мизи мудаввар гузаронида шуд.

16 феврали соли 2012 дар шаҳри Душанбе оид ба масъалаҳои экологӣ бо иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мизи мудаввар ташкил карда шуд, ки дар он роҳбарон ва намояндагони 12 ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва рӯзноманигорон иштирок доштанд.

Барои муаррифӣ намудани иқтидори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ оид ба истеҳсоли неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, ҳолати воқеии вазъи муҳити зист ва истифодабарии захираҳои обу энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Комиссияи муваққатии экологӣ презентатсияи махсус, кинофилм, буклетҳо ва дигар маводи таблиғотӣ таҳия намуд.

Дар тайи ду соли охир Маҷлиси намояндагон дар соҳаи экология як силсила қонунҳоро қабул намуд, ки барои беҳдошти вазъи экологии кишварамон мусоидати комил хоҳанд кард.

Дар нимсолаи аввали соли 2012 вакилон – аъзои Комиссияи муваққатии экологӣ зимни иштирок дар конференсия, семинар ва дигар чорабиниҳои вобаста ба мавзӯи экология, ҳамчунин вохӯриҳо бо вакилони парламентҳои Аврупо ва дигар давлатҳои хориҷӣ сиёсати экологӣ ва обию энергетикии кишварро аз нуқтаи назари манфиатҳои давлатамон муаррифӣ ва фаъолона тарғибу ташвиқот намуданд.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон сомонаи алоҳидаи интернетии Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагон ташкил шуда, дар системаи умумиҷаҳонии интернет бо номи (домен) ecomission.tj ба фаъолият оғоз намуда, озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология эълон шуда буд. Мақсади асосии ин иқдом дастрасии бетаъхир ба рӯйдодҳои экологии ҷаҳон, вокуниши саривақтӣ ба ақидаҳои мухолиф, ҷалби бештари рӯзноманигорон, олимону коршиносон, доираи васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси мавқеъ ва сиёсати экологии давлат мебошад.

Дар давраи якуми ҷамъбасти озмун ба унвони Комиссияи муваққатии экологӣ 15 мақола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод гардиданд, ки онҳо ба инъикоси воқеии масъалаҳои мубрами экологӣ, мавқеъ ва сиёсати экологии Тоҷикистон, давлатҳои ҳамсоя ва ташкилотҳои байналмилалӣ бахшида шудаанд. Рӯзи 25 июни соли равон давраи аввали ин озмун ҷамъбаст гардида, ғолибони озмун бо мукофотҳо қадр гардиданд. Даври дуюми озмун моҳи декабри соли равон ҷамъбаст хоҳад шуд.

Бояд зикр намуд, ки баргузории чунин озмун низ дар шумори падидаҳои нави иҷлосияи сеюм қарор дорад.

**Вакилони арҷманд!**

Яке аз бахшҳои муҳими иҷлосияи сеюм фаъолияти намояндагии он ба шумор меравад. Зикр намудан ба маврид аст, ки вакилон дар ҷараёни иҷлосияи сеюм низ саъю талош намуданд, ки муроҷиатҳои интихобкунандагони худро сари вақт ва ҳаматарафа баррасӣ намуда, дар доираи ваколат ва салоҳияти худ ба ҳалли мусбии онҳо мусоидат намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки дар Паёми худ аз 24 апрели соли 2010 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат масъалаи мазкурро махсус таъкид намуда, дар назди мақомоти гуногуни давлатӣ доир ба баррасии саривақтии арзу шикояти шаҳрвандон ба таври қатъӣ вазифагузорӣ намуда буд. Қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси реҷа ва рӯзҳои муайяни ҳафта амалӣ гардида, иҷрои дархосту муроҷиати онҳо зери назорат қарор дорад.

Мо ҳангоми мулоқотҳоямон бо интихобкунандагон борҳо изҳор доштаем, ки вазифаи вакили мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҳар як кишвар, аз ҷумла Маҷлиси намояндагон ин сохтани мактабу дигар муассисаҳо, роҳҳову пулҳо, бунёди канал ё обёрии заминҳо нест, балки таҳия ва қабули қонунҳоест, ки дар асоси он қонунҳо чунин иншооту муассисаҳо маблағгузорӣ ва бунёд мегарданд. Сарфи назар аз ин вакилони Маҷлиси намояндагон барои иҷро намудани тамоми дархосту мушкилоти интихобкунандагон саъю талош менамоянд.

Дар ҷараёни иҷлосия ба унвони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 677 муроҷиат ворид гардида, ҳамчунин тақрибан 1005 нафар шаҳрвандон қабул карда шудаанд, ки дар маҷмӯъ 1782 муроҷиатро ташкил медиҳад. Муроҷиатҳо бештар аз шаҳри Душанбе (619 адад), вилояти Хатлон (343 адад), вилояти Суғд (207 адад) ворид гардидаанд. Хусусияти муроҷиатҳо аз лиҳози бахшу соҳа, аз ҷумла чунинанд: муҳофизат ва истифодабарии самараноки муҳити зист, замин ва соҳаи кишоварзӣ (137 адад), манзили истиқоматӣ ва сохтмон (114 адад), соҳаи тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (393 адад), мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, аз ҳама зиёд - 573 адад ва ғайра.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо иҷрои 232 муроҷиат таҳти назорат қарор дошта, 19 муроҷиат ба таври мусбӣ ҳал гардид, тақрибан ба 100 арзкунанда моҳияти муроҷиаташон фаҳмонида дода шуд. Дар муроҷиати 51 нафар асоси воқеӣ дида нашуд. 66 адад арзу шикоятҳои дар назоратбуда ҳоло мавриди баррасӣ қарор доранд.

Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки шумораи муроҷиатҳои такроран ирсолшуда дар ин давра кам нашудааст. Ин нишонаи он аст, ки ҳоло ҳам дар самти баррасӣ ва ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти гуногуни давлатӣ, бахусус мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камбудиҳо ҷой доранд. Ин масъалаҳо, аз ҷумла тақсимоти замин, фаъолияти идораҳои коммуналӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, масъалаҳои тандурустӣ, вобаста ба меҳнат ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, инчунин масъалаи аз соҳибони ғайриқонунӣ баргардонида гирифтани манзил ва ғайра иборат мебошанд.

Мулоқоту вохӯрии вакилон дар ҳавзаҳои интихоботӣ ва маҳалҳо низ яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти намояндагии Маҷлиси намояндагон ба шумор меравад. Вакилон дар ин давра ду маротиба - қабл аз оғози иҷлосияи сеюм аз 26 август то 7 сентябри соли 2011 ва аз 26 апрел то 7 майи соли равон ба сафари хидматӣ баромада, бо интихобкунандагонашон мулоқоту вохӯрӣ баргузор намуданд.

Ҳамаи вакилон ба унвони Раиси Маҷлиси намояндагон роҷеъ ба натиҷаи мулоқоту вохӯриҳо гузориш пешниҳод кардаанд, ки аксари кулли онҳо бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон барои чораҷӯӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд. Моҳи январи соли 2012 аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон натиҷаи чораандешии роҳбарони вазорату идораҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо доир ба дархостҳои вакилон ворид гардид, ки дар он роҷеъ ба иҷрои дархостҳо ва нақшаҳои ояндаи вазорату идораҳо, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ оид ба мавзӯи мазкур дарҷ гардидааст. Тавре дар ҷавоби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон зикр гардидааст, нисбати ҳалли аксарияти дархостҳои вакилон чораҷӯӣ сурат гирифтааст.

Ҳамзамон вакилон бо мақсади ҳалли масъалаҳои аз ҷониби интихобкунандагон гузошташуда ба вазорату мақомоти гуногуни давлатӣ 132 дархости вакилӣ ирсол намуданд. Инчунин дар вақти ҷамъбаст маълум гардид, ки ҳангоми вохӯриҳои рӯзҳои 26 август то 7 сентябри соли 2011 интихобкунандагон зиёда аз 270 масъалаи гуногунро ба вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуда, ҳаллу фасли онҳоро хоҳиш намуданд.

Чунин иқдом низ, ки ҷиҳати иҷро гардидани дархосту пешниҳоди интихобкунанда нақши муҳим мебозад, дар ҷараёни иҷлосияи дуюм оғоз гардида, дар иҷлосияи сеюм бештар густариш ёфт.

Ҳамчунин лозим ба ёдоварист, ки имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, кӯшиш менамоянд, ки тамоми роҳу воситаҳоро баҳри ба танзим даровардани ин раванд, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони мо дар кишварҳои хориҷи дуру наздик, баланд бардоштани савияи дониш ва малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ истифода баранд. Албатта, парламенти мамлакат низ ба ин масъала бо ҳисси баланди масъулият муносибат дошта, саъю талош дорад, ки дар амалӣ намудани мақсадҳои пешгирифтаи Президенти мамлакат дар ин самт саҳми босазои худро гузорад. Бо ин мақсад вакилони Маҷлиси намояндагон ҳангоми сафарҳои хизматии худ ба кишварҳои дигар, махсусан Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон бо муҳоҷирони меҳнатии мо мулоқоту вохӯриҳо намуда, ба унвони Раиси Маҷлиси намояндагон гузоришҳо пешниҳод намудаанд. Маҷлиси намояндагон минбаъд низ дар доираи фаъолияти намояндагии худ дар баррасии мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти дигари давлатӣ фаъолона ширкат хоҳад намуд. Бояд зикр кард, ки масъалаи мазкур бори нахуст дар ҷараёни иҷлосияи сеюм бо чунин фарогирии васеъ мавриди амал қарор ёфта буд.

Дар баробари ин, фаъолияти намояндагии мо ҳоло ҳам тақозои беҳбудӣ дорад. Мавҷудияти муроҷиатҳои такрорӣ ва қаноатманд нашудани баъзе шаҳрвандон аз натиҷаи баррасии шикоятҳояшон гувоҳи онанд, ки мо бояд корҳоро дар ин бахш боз ҳам тақвият бахшем.

**Ҳамкасбони арҷманд!**

Фаъолияти байнипарламентӣ низ ҳамчун бахши таркибии иҷлосияи сеюм серпаҳлу ва муассиру судманд ҷараён гирифт. Парламенти Тоҷикистон ҳамчун узви баробарҳуқуқи бисёр созмонҳои байнипарламентӣ ҷиҳати таҳкими робита бо ин созмонҳо нақши муҳим бар ҷой овард. Бояд зикр кард, ки бахши байнипарламентии иҷлосияи сеюм ҳамчун идомаи мантиқии равобити хориҷии иҷлосияи дуюм зоҳир гардида, ҷиҳати бештар муаррифӣ намудани Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони он ва дар маҷмӯъ халқу кишвари тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ имконоти бештаре фароҳам овард.

Фаъолияти байнипарламентӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии кишвар, дар баробари омӯзиши таҷрибаи қонунгузориву намояндагии кишварҳои дар ҳоли рушд, истифодаи қонунҳои намунавии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва масъалаҳои марбут ба ҳаёти парламентӣ, ҷиҳати густариши робитаҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, бунёди корхонаҳои муштарак ва дигар масъалаҳои барои халқу кишварамон муҳим амалӣ карда мешавад. Бисёр масъалаҳои роҷеъ ба муносибатҳои дӯстона аз тариқи робитаи гурӯҳҳои дӯстӣ бо парламентҳои дигар кишварҳо, бо сафоратҳои ин кишварҳо мавриди ҳаллу фасл қарор дода мешавад. Қобили зикр аст, ки дар ин иҷлосия таваҷҷуҳи намояндагони созмонҳои байналмилаливу байнипарламентӣ ба сафарҳо ва иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон ва суханронии онҳо дар ҳамоишҳову конфронсҳо бештар зоҳир гардид.

Яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти байнипарламентиро мулоқотҳои Раиси Маҷлиси намояндагон бо президентҳои кишварҳо, раисони парламентҳо, сафирони давлатҳои хориҷӣ ва дигар шахсиятҳои маъруф ташкил медиҳад. Дар мулоқотҳои мазкур ҳамеша ба масъалаи ҳимоя аз бунёди Неругоҳи барқии «Роғун», равобити ҳар чӣ бештар дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, беҳдошти вазъи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, масъалаи сулҳи кишвари ҳамсоя - Афғонистон ва дигар масъалаҳои муҳими ҳаёти кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ба чунин мавзӯъҳо инчунин дар мулоқотҳои муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон ва аксари кулли вакилон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Дар давоми иҷлосия тақрибан 40 вохӯрию қабулҳои расмии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум, муовинони ӯ ва раисони кумитаҳо ва вакилон бо сафирони фавқулодда ва мухтори давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои созмонҳову муассисоти байналмилалӣ доир шуданд.

Махсусан мулоқотҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Белорус Лукашенко А.Г., сардори Хадамоти федеролии муҳоҷирати Федератсияи Россия Рамадановский К.О., ноиби президенти Бонки рушди Аврупо Ян Фишер, котиби Ҳизби коммунистии Хитой Чжоу Юнкан, сафири фавқулодда ва мухтори Муғулистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюрзан Хараавч, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алиакбар Солеҳӣ, ҳайати Парламенти Аврупо бо роҳбарии Паоло Бартолоззи, раиси Гурӯҳи корӣ оид ба дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Клайд Кулл, сардори Ситоди генералии Артиши Халқии Хитой Чэн Бинде ва дигарон ҷолиби таваҷҷуҳ буданд.

Дар мулоқот бо Раиси Маҷлиси Шӯрои Исломии Эрон Алӣ Лориҷонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шӯрои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар ин муддат ҳайати парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон ҷиҳати ширкат дар Шӯрои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар шаҳри Минск, ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Алмаато ширкат намуд.

Зимни ин сафар, дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бахшида ба 20-солагии таъсисёбии Ассамблеяи мазкур Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раиси Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон Асилбек Жээнбеков, раиси Мажлиси Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурлан Нигматулин ва раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Кайрат Мами, Раиси Вулуси ҷиргаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдул Рауф Иброҳимӣ, раиси Кумитаи Думаи Давлатии Маҷлиси Федеролии Федератсияи Россия оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва робита бо ҳамватанон Л. Слутский дидору мулоқот намуд.

Дар ҷараёни иҷлосия ҳамчунин муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Чэн Чжили – муовини раиси Кумитаи доимоамалкунандаи Маҷлиси умумихитоии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой, роҳбари намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх Северин Шаппаз ва роҳбари барномаҳои аврупоии Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар Евгений Парфенов ва дигарон мулоқот намуд.

Ҳамчунин иштирок ва суханронии ҳайатҳо бо роҳбарии муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати Раиси Маҷлиси Туркманистон ҷиҳати ширкат дар Конфронси байналмилалии «20 соли Сарқонуни Туркманистон: таърихи бунёди давлати мустақил» дар шаҳри Ашқобод, бо даъвати вазорати корҳои хориҷии Финляндия дар чорабиниҳои барномаи «Баробарӣ дар назди қонун: дастрасӣ ва адолати судӣ дар Осиёи Марказӣ» дар шаҳри Хелсинки, бо даъвати Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар шаҳри Вашингтон ҷолиби таваҷҷуҳ буданд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар густариши фаъолияти байнипарламентӣ ин ташрифи ҳайати вакилони Парламенти Аврупо аз 3 то 6 майи соли ҷорӣ ҷиҳати баргузории ҷаласаи дуюми Кумитаи ҳамкории парламентии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо ба шаҳри Душанбе буд, ки дар сатҳи баланди парламентӣ сурат гирифт. Дар ҷараёни ин сафар як силсила масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои минбаъда, аз қабили тасдиқи қоидаҳои расмиётии Кумитаи ҳамкории парламентии Тоҷикистон - Иттиҳоди Аврупо, арзёбии Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, равандҳои демократикунонӣ ва рушди конститутсионӣ, плюрализми сиёсӣ, озодии баён, мубодилаи афкор оид ба вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҷонибҳо натиҷаи ин чорабинии муҳимро мусбӣ арзёбӣ намуданд.

Як бахши муҳими фаъолияти байнипарламентии иҷлосияи сеюмро иштирок дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Санкт-Петербург ташкил медиҳад. Вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳо ва дигар барномаҳои ин созмони байнипарламентӣ ҳамчун узви комиссияҳои гуногун иштирок намуда, ҳамчунин бо даъвати ин созмон дар баргузории як силсила интихоботҳои президентӣ ва парламентии кишварҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкат варзиданд.

Вакилон ҳамчунин дар чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳрҳои Боку ва Санкт-Петербург, ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Кишинев, Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё, Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Конгресси панҷуми байналмилалии экологии Нева дар шаҳри Санкт-Петербург иштирок доштанд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳайати Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мушоҳидаи баргузории интихоботи вакилони Думаи Давлатии Маҷлиси Федеролии Федератсияи Россия ба ҳайси нозири байналмилалӣ дар шаҳри Москва, дар семинар барои нозирон ва мушовирони байналмилалӣ роҷеъ ба интихобот дар мақомоти ҳокимияти давлатии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Санкт-Петербург, конфронси байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон, баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон, баргузории интихоботи ғайринавбатии вакилони Мажилиси Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Алмаато, дар маъракаи интихоботи Президенти Федератсияи Россия ҳамчун нозири байналмилалӣ дар ҳайати Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Москва, дар маъракаи интихоботи Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Арманистон дар ҳайати Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Ереван ҳамчун нозири байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Чанде пеш як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон бо «Ифтихорномаи фахрӣ»-и Шӯрои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё, инчунин нишони ҷашнии «20-солагии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ва Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё қадр карда шуданд.

Бахши дигари иштироки вакилони Маҷлиси намояндагонро дар доираи фаъолияти Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ташкил медиҳад. Вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои комиссияҳои доимии Ассамблеяи парламентии Созмони мазкур ва як силсила чорабиниҳо, аз ҷумла дар конфронсҳои он дар шаҳри Санкт-Петербург иштирок доштанд. Зимни ин сафарҳо вакилон бо якчанд гурӯҳҳои муҳоҷирони тоҷик вохӯрӣ баргузор намуданд.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр маъракаҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла дар чорумин Форуми иқтисодии АврОсиё дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Халқии Хитой, панҷумин давраи конфронси байналмилалии ҳимоят аз ҳуқуқҳои Фаластин дар шаҳри Теҳрон, Конфронси байналмилалии раисони судҳо дар шаҳри Лакҳнави Ҳиндустон, вохӯрии машваратӣ оид ба баррасии лоиҳаи Қонун «Дар бораи саломатии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳо» дар шаҳри Истамбул, иҷлосияи солонаи Ассамблеяи парламентии Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо дар шаҳри Вена, мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзӯи «Думаи Давлатии Россия: ташаккули парламентаризм дар фазои АврОсиё» дар шаҳри Москва, чорабиниҳо доир ба гуногунандешӣ дар воситаҳои ахбори омма ва танзими фаъолияти телевизион ва радио дар шаҳри Истамбул, дар машварат оид ба масоили рушди соҳаи саноати давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Москва, иҷлосияи тирамоҳии Ассамблеяи парламентии Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо дар ш. Дубровники Хорватия, семинар роҷеъ ба мавзӯи «Механизми байналмилалии иҷрои тавсияҳо оид ба ҳуқуқи инсон» дар Ҷумҳурии Қирғизистон, конфронси байналмилалии илмию амалӣ роҷеъ ба мавзӯи «Ҷанбаҳои муҳими танзими қонунӣ оид ба масоили таъсиррасонии ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» дар шаҳри Минск, семинари минтақавӣ дар мавзӯи «Рушди ҳамкории босубот дар бахши идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ: таҷрибаи Барномаи идоракунии транссарҳадии захираҳои об» дар шаҳри Алмаато ва дигар конфронсу ҷамъомадҳо иштирок ва суханронӣ намуданд.

Вобаста ба тақвияти фаъолияти байнипарламентӣ зикр намудан лозим аст, ки дар ҷараёни иҷлосияҳои оянда мо бояд ба баъзе масъалаҳои дигари ин бахш низ таваҷҷуҳ намоем. Аз он ҷумла, ин ҷо бояд зикр кард, ки дар парламентҳои баъзе кишварҳо гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо парламенти Тоҷикистон таъсис ёфта бошад ҳам, дар Маҷлиси намояндагон гурӯҳҳои дӯстӣ бо он кишварҳо ҳанӯз таъсис наёфтааст. Дар иҷлосияи оянда мо бояд ин мавзӯъ ва масъалаи узвияти ҳамаи вакилонро ба ин ё он гурӯҳи дӯстӣ матраҳ намоем.

**Ҳамкасбони азиз!**

Имрӯз бо қаноатмандӣ аз сиёсати пешгирифтаи сардори давлат, Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавон иброз дошт, ки фазои сулҳу созиш ва якдигарфаҳмӣ дар ҷомеа устувор буда, баҳри фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои гуногун шароити мусоиди ҳуқуқӣ муҳайёст. Далели равшани ҳамкории ҳизбҳои сиёсии гуногун фаъолияти онҳо дар парлумон мебошад. Имрӯз маҳз тавассути мавҷудияти имконияти мусоид аз 8 ҳизби сиёсии дар мамлакат амалкунанда, 5-тои онҳо мақоми парлумонӣ доранд. Роҳбарияти Маҷлиси намояндагон кӯшиш намуда истодааст, ки фазои созандаи корӣ, муносибати баробару одилона новобаста ба шумораи аъзо ва мавқею мақоми онҳо дар парлумон барои намояндагони азҳоби гуногун фароҳам бошад. Имрӯз, хушбахтона, ба мо муяссар гаштааст, то ҳамкории вакилонро аз ҳизбҳои гуногун дар ҳама самтҳои фаъолияти вакилӣ ҳамоҳанг созем.

**Вакилони гиромӣ!**

Дар давоми иҷлосия таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори оммаи давлативу ғайридавлатӣ ва расонаҳои хориҷӣ ба фаъолияти Маҷлиси намояндагон бештар гардид. Зиёда аз 70 нафар хабарнигорони дохиливу хориҷии парламентӣ аз фаъолияти ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагон барои расонаҳои хабарии худ гузориш ва дигар маводи таҳлилӣ таҳия мекунанд. Иштироки фаъолонаи намояндагони расонаҳои давлативу хориҷӣ дар ҷаласаҳо ва дигар чорабиниҳои Маҷлиси намояндагон гувоҳи он аст, ки нуфузи ин мақоми олии қонунгузор тайи солҳои охир хеле боло рафтааст. Дар доираи чунин шеваи корӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон имкон пайдо карданд, ки фикру андешаҳои худро тавассути расонаҳои хабарии гуногун оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа иброз намоянд. Тақвияти ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагон бо воситаҳои ахбори омма ва расонаҳои гуногун барои ба маълумоти аҳли ҷомеаи кишвар расонидани фаъолияти Маҷлиси намояндагон, ҷараёни таҳия ва қабули қонуну қарор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидати ҳамаҷониба менамояд.

Бо қаноатмандӣ бояд зикр кард, дар давоми иҷлосияи сеюм тавассути телевизионҳои «Шабакаи якум» ва «Ҷаҳоннамо» дар маҷмӯъ 72 барномаи «Парламент» пахш гардида, Шабакаи телевизионии «Сафина» ва барномаҳои ахбории ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ аз ҷараёни баргузории ҷаласаҳои Шӯро, иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагон, муҳокимаҳои парламентӣ, мулоқоту вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳое, ки дар Маҷлиси намояндагон баргузор мешаванд, хабару гузоришҳо пахш намудаанд.

Дар баробари ин, барномаҳои нисбатан васеъ аз ҷараёни баргузории ҷаласаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо иштироки вакилон ва намояндагону масъулони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат ҷараён гирифтанд, дар шабакаҳои телевизионии «Шабакаи якум» ва «Ҷаҳоннамо» инъикоси худро ёфтанд.

Ҳамчунин намоишҳо аз муҳокимаҳои парламентӣ, мизҳои мудаввар ва барномаҳои алоҳидаи телевизионӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамаи шабакаҳои телевизионии давлатӣ баргузор гардиданд, ки тавассути онҳо намояндагони мардумӣ роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа фикру андешаҳои худро баён доштаанд. Дар маҷмӯъ 58 нафар вакилони Маҷлиси намояндагон тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ баромад намуда, қарор, қонун ва санадҳои байналмилалиро шарҳ доданд, ки ин иқдом таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи ҷомеаро ба вуҷуд овард.

Чунин барномаҳо, ҳамчунин тавассути шабакаи якуми радиои ҷумҳуриявӣ ва «Садои Душанбе», радиоҳои «Ховар», «Имрӯз нюс», «Азия плюс», «Ватан» ташкил карда шуд. Дар ҷараёни иҷлосия рӯзнома ва ҳафтаномаҳои давлативу ғайридавлатӣ, сомонаҳои интернетӣ ва дигар расонаҳо дар мавзӯъҳои гуногун гузоришҳои вакилони Маҷлиси намояндагонро ба нашр расонданд.

Бояд гуфт, ки яке аз падидаҳои нави иҷлосияи сеюм он аст, ки бори аввал роҳандозии комили сомонаи интернетии парламент бо номи «www.parlament.tj» амалӣ карда шуда, дар он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маълумотҳо ҷойгир кунонда шуданд. Доираи истифодабарандагон ва муроҷиаткунандагон ба ин сомона васеъ шуда, омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳҳои мухталифи мамлакат, ҳуқуқшиносон ва намояндагони дигар вазорату идораҳо бо истифода аз сомонаи парламент бо рӯйдодҳои гуногун, қонунҳо ва санадҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон ошноӣ пайдо мекунанд.

Ман дар мулоқотам бо намояндагони воситаҳои ахбори омма ба муносибати 100 – солагии матбуоти тоҷик ва нашри шумораи нахустини рӯзномаи «Бухорои шариф» 9-уми марти соли равон, ки чунин мулоқоти рӯёрӯӣ, шаффоф ва муфид бори нахуст баргузор гардид, тамоми масъалаҳои марбут ба воситаҳои ахбори оммаро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода будам. Аз ин лиҳоз, ба гумонам, ҳоҷати такрори мавзӯи мазкур вуҷуд надорад.

Фақат бори дигар таъкид менамоям, ки парламенти касбии мамлакат ҳамеша омодаи густариши ҳамкорӣ бо тамоми воситаҳои ахбори омма ва расонаҳо мебошад, ки чунин амал ба нафъи ҳарду ҷониб хоҳад буд.

Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки имрӯз ҳам тариқи воситаҳои ахбори омма оид ба фаъолияти Маҷлиси намояндагон мақолаҳои танқидӣ зиёд нашр мешаванд. Дар онҳо аксар вақт муаллифон ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти вакилиро нодида мегиранд.

Ман фикр мекунам, ки дар ин ҷо камбудии мо низ ҳаст. Зеро мо то имрӯз эҳтимол натавониста бошем, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти худро ба аҳли ҷомеаи кишвар муаррифӣ намоем. Аз ин рӯ, дар давоми иҷлосияи минбаъда моро лозим аст, то ба ин масъала таваҷҷуҳи лозимӣ дода, оид ба фаъолияти худ ба ҷомеа иттилооти бештарро пешниҳод намоем.

**Вакилони гиромиқадр!**

Бо мақсади муайян намудани раъйи вакилон роҷеъ ба чигунагии фаъолияти иҷлосияи сеюм чанде пеш дар байни вакилони Маҷлиси намояндагон назарпурсӣ гузаронида шуд. 52 нафар вакилон назари худро ба унвони Раиси Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фаъолияти Маҷлиси намояндагон ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ирсол намуданд. Мехоҳам бо изҳори ташаккур ба онҳое, ки ба саволҳо посух гардонидаанд, зикр намоям, ки чунин назарпурсиро, ки бори нахуст дар Маҷлиси намояндагон гузаронида шуд, аксарияти кулли вакилон падидаи нав, муфид ва самарабахш арзёбӣ намудаанд. Вакилон ба саволҳо посух навишта, дар баробари баҳодиҳӣ ба фаъолияти иҷлосияи сеюм назар ва пешниҳодоти худро ҷиҳати беҳтару хубтар ҷараён гирифтани иҷлосияҳои оянда иброз намудаанд. Тавре огоҳӣ доред, дар ифтитоҳи иҷлосияи сеюм 3 октябри соли 2011 мо иҷлосияи мазкурро ҳамчун иҷлосияи сифати қонунҳо эълон карда будем. Аз ин ҷост, ки ба саволи чи гуна ҷараён гирифтани иҷлосияи сеюм аксари вакилон сифати қонунҳоро ҳамчун хусусияти хос ва фарққунандаи он арзёбӣ кардаанд.

Хусусиятҳои дигари фарққунандаи ҷараёни иҷлосияро вакилон дар сатҳи баланди фазои демократӣ, фарҳанги муоширати парламентӣ ҳам аз ҷониби роҳбарият, ҳам аз ҷониби вакилон, эҳтиром ва андешаи ҳар як вакил, боло рафтани сатҳи муҳокимарониҳо, рушди парламентаризми тоҷик, баррасии бештару амиқи лоиҳаи қонунҳо, фаъолияти бештари вакилон, ҳамдигарфаҳмӣ, масъулиятшиносӣ ва ғайра донистаанд. Дар баробари ин, чанде аз вакилон изҳор кардаанд, ки дар баъзе мавридҳо ҳангоми қабули қонунҳо ба шитобкорӣ роҳ дода мешавад. Баъзе баромадҳо қолабӣ буда, вакилон суханони якдигарро такрор менамоянд.

Аммо дар маҷмӯъ вакилон иҷлосияро аз ҳар лиҳоз фарққунанда ва ҳамчун иҷлосияи сифати қонунҳо арзёбӣ намудаанд. Албатта, масъалаҳои дигари дар ҷавобҳои вакилон пешниҳодгардида хеле зиёданд ва зикр кардани ҳамаи онҳо фурсати зиёдеро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз пешниҳодҳои ироашудаи вакилон таҳлилу баррасӣ гардида, дар иҷлосияҳои оянда мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

Бояд гуфт, ки дар давоми иҷлосияи сеюм дар ҳайати вакилон якчанд тағйирот ба амал омад. Ваколати вакилон Алиев Ҳусейн ва Одинаев Ҳаёт бо сабаби ба кори дигар гузаштанашон қатъ гардида, вакилон Расулов Ашӯрбег ва Хонов Абдураҳмон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ, инчунин Шарипов Сӯҳроб аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур №3 ба курсиҳои вакилӣ нишастанд.

**Вакилони арҷманд!**

Дар ҷараёни иҷлосияи сеюм низ шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷиҳати фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои вакилони Маҷлиси намояндагон фаъолияти назаррасеро амалӣ намуданд.

Дар шӯъбаи умумии Дастгоҳ аз 12 сентябри соли 2012 то ин дам 1048 адад ариза, 2173 адад мактуб ва 949 фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд. Дар ин муддат 3646 адад ҳуҷҷатҳо ба соҳибонашон ирсол карда шуданд.

Дар ҷараёни иҷлосия 8 шумораи нашрияи «Ахбори Маҷлиси Олӣ» ба нашр расида, теъдоди обунаи он ба 988 (иҷлосияи гузашта 970) нусха расид. Нашрияи мазкур ба китобхонаҳои парламентҳои Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Молдова, Белорус, Украина, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва китобхонаи Ассамблеяи Иттиҳоди Байнипарламентӣ ҷиҳати мубодила фиристода мешавад. Шумораи адабиёти китобхонаи Маҷлиси намояндагон дар айни замон 20 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад.

Заминаи моддию техникии фаъолияти вакилон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон беҳтар гашта, айни замон дар ихтиёри онҳо 185 адад компютер ва 78 адад принтер мавриди истифода қарор дорад, ки ин миқдор назар ба ҳамин давраи даъвати гузашта мутаносибан 119 ва 31 ададӣ зиёдтар мебошад.

Ҳангоми ҷамъбасти иҷлосияи дуюм мо таъкид карда будем, ки шӯъбаи таҳриру тарҷума ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳ бо мутахассисони пурқувват бояд таъмин карда шаванд. Зеро масъалаи ташхиси ҳуқуқӣ, таҳрир ва сифати қонунҳо ба фаъолияти босамари ин шӯъбаҳо бисёр вобаста аст. Масъалаҳои мухолифати қонунҳо, ғалатҳои забониву имлоӣ агарчи хеле кам шудаанд, аммо ҳоло ҳам дар ин самт фаъолиятро боз ҳам беҳтар кардан лозим аст. Аксарияти вакилон низ ин масъаларо дар ҷавобҳои худ ба саволнома бори дигар ба миён гузоштаанд.

Дар рӯзномаи парламентии «Садои мардум» мавзӯъҳои муҳими ҳаёти парламентӣ, ҷараёни ҷаласаҳои Шӯро ва ҷаласаҳои иҷлосияи сеюм, раванди татбиқи қонунҳо дар ҷомеа ва дигар масъалаҳои муҳим бештар мавриди инъикос қарор гирифтанд. Гузоришҳо аз муҳокимаҳои парламентӣ, мизҳои мудаввар, қабулҳои роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагон, масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, мулоқоти вакилон бо интихобкунандагон, робитаҳои байнипарламентӣ ва ғайра аз ҷумлаи маводи ҳамешагии саҳифаҳои рӯзнома ба шумор мераванд.

**Ҳамкасбони гиромиқадр!**

Бо боварии комил метавон зикр намуд, ки фаъолияти иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагон ба таври қаноатбахш ҷараён гирифт. Мо ҳангоми ифтитоҳ иҷлосияи мазкурро иҷлосияи сифати қонунҳо эълон карда будем ва фикр мекунам, ки дар ин самт то ҷое ба ҳадафҳои худ ноил гардидем. Ин иҷлосия дар самти рушди мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар як қадами ҷиддию устуворе ба пеш буд.

Бо фарорасии анҷоми ин иҷлосия мӯҳлати даъвати чорум нисф мешавад. Ин ҳол ҳамаи мо, вакилонро, водор менамояд, ки аз ҳар рӯзу соати вақти боқимонда босамар истифода бурда, ҷиҳати дар сатҳи баланди касбӣ ҷараён бахшидани иҷлосияҳои оянда тамоми саъю талоши худро ба харҷ диҳем.

Имсол, ки ҳамчун соли ҷашнҳои бузурги таърихи давлатдории навини мо - ҷашни 15-солагии Ваҳдати миллӣ ва 20-солагии баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро расидааст, аз ҳар яки мо тақозо мешавад, ки бо қувваю масъулияти дучанд баҳри рушди ҳар чӣ бештари кишвари азизамон талош намоем.

Бо умеди ҳар чӣ беҳтару пурсамартар ҷараён гирифтани иҷлосияҳои оянда ба шумо, ҳамкасбони арҷманд, саломатӣ, бардори кор ва дар рӯзҳои рухсатиатон истироҳати бофароғат таманно дорам.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.**

**● Муҳокимаи ошкорои парламентӣ**

# Сари вақт маблағгузорӣ нагаштани барномаҳои давлатӣ ва афзоиши бақияпулиҳои андоз боиси нигаронист



**22 июни соли 2012 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» муҳокимаи ошкорои парламентӣ баргузор гардид. Дар муҳокима масъулини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳои марбута ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.**

Дар оғози муҳокимаи ошкорои парламентӣ раисикунанда - муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев суханронӣ намуд:

**Вакилони мӯҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Буҷети давлатӣ воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, бо ёрии он давлат тавассути азнавтақсимкунии даромади миллӣ функсияҳои иҷтимоии хешро амалӣ менамояд.

Чуноне Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карданд: «Буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум нигаронида шуда аст. Махсусан ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва таҳким бахшидани хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, таъминоти нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ афзалиятҳои муҳимтарини сиёсати давлат мебошанд».

Дар шароити имрӯза манбаи асосие, ки метавонад ҳадафҳои стратегӣ ва иҷтимоии кишварро таъмин намояд, Буҷети давлатӣ мебошад ва дар ин замина хароҷоти мақсаднокӯ шаффофи маблағҳои буҷетӣ, назорат ва риояи қатъии интизоми молиявӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як мақомоти аз буҷет маблағгузоришаванда ва мақомоти масъули соҳаи молияи кишвар ба ҳисоб меравад.

Маҳз ҳамин нукта таваҷҷуҳи пайгирона ва рӯзафзуни намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла намояндагони халқро, ба масъалаи қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ ифода мекунад.

Ҷойи баҳс нест, ки дар татбиқи сиёсати буҷет баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявии давлатӣ масъалаи муҳим буда, аз ин рӯ, дар доираи стратегияи ягонаи идоракунии молияи давлатӣ арзёбии натиҷаҳои истифодаи захираҳои буҷетӣ масъалаи афзалиятнок мебошад.

Дар ин иртибот бо дастрасии моддаи 60 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 8 Дастури Маҷлиси намояндагон баргузории муҳокимаи парламентии имрӯзаро «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» мувофиқи мақсад мешуморем.

Бояд зикр намоям, ки мақсади асосии ҷаласаи имрӯза, чун ҷаласаҳои пешина, дар баробари муайян кардани дастовардҳои мақомоти масъули соҳаи андозу молияи кишвар, ошкор намудани камбудию норасоиҳо ва омилҳое мебошанд, ки садди роҳи иҷрои сифатноки буҷети давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ гардидаанд ва дарёфти роҳҳои бартараф кардани онҳо ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, чунин натиҷагирӣ барои ислоҳи норасоиҳои дар иҷрои буҷети соли ҷорӣ ҷойдошта хизмат карда метавонад. Яъне, натиҷагирӣ аз ҷаласаи имрӯзаи мо бояд хислати барномавӣ дошта, дурнамои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи молияву буҷети давлатиро то охири соли ҷорӣ муайян намояд.

**РАИСИКУНАНДА: - Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло сухан барои пешниҳоди гузориш ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов Сафаралӣ Худоёрович дода мешавад.



**Сафаралӣ РАҶАБОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва вакилони гиромӣ !**

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар кормандони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ моҳи соли 2012 оиди иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Дар асоси барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади амалӣ шудани стратегияи рушди миллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ нигаронида шудаанд, кори зиёд ба анҷом расид.

Натиҷаҳои ҷамъбасти рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат нишон медиҳад, ки дар 5 моҳи соли ҷорӣ, сарфи назар аз таъсири омилҳои берунӣ, ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 10 млрд. 97,7 млн. сомониро ташкил дода, афзоиши реалии он ба 7,3 фоиз баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 млрд. 938,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, гардиши моли чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 афзоиш ёфтааст.

Чораҳои андешидашуда аз тарафи вазорат ва идораҳои марбута имконият дод, ки ба буҷети мамлакат 3 млрд. 44,1 млн. сомонӣ маблағ ворид гардида, иҷрои нақша ба андозаи 103,0 фоиз таъмин шуд.

Аз тарафи Хадамоти гумрук маблағи 1 млрд. 50,6 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардид, ки ин назар ба нақшаи пешбинишуда 2,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи даромади буҷет ба андозаи 106,2 фоиз иҷро шуда, ба буҷет зиёда аз 1 млрд. 916,4 млн. сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 111,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андозҳои иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 364,4 млн. сомонӣ ворид гардид, ки он 103,5 фоизи нақшаро ташкил дод.

Ғайр аз ин, ба Буҷети давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус 177,1 млн. сомонӣ, маблағҳои грантӣ ва қарзии ташкилотҳои байналмилалӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ зиёда аз 257,0 млн. сомонӣ ворид гардид.

Иҷрои буҷети маҳаллӣ аз рӯйи даромадҳои худӣ ба маблағи 908,2 млн. сомонӣ ё худ 110,0 фоиз таъмин гардид. Баробар бо ин, дар давраи ҳисоботӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 154,7 млн.сомонӣ субвенсия, аз рӯйи ҳисобҳои байниҳамдигарӣ 1,6 млн. сомонӣ ва барои функсияи пойтахт ба шаҳри Душанбе 2,0 млн. сомонӣ, ҷамъ 158,3 млн. сомонӣ ҷудо шудааст, ки 17,9 фоизи хароҷоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, на ҳама захираҳои мавҷудаи молиявӣ пурра мавриди истифода қарор дода шудаанд. Чунончӣ, иҷрои нақша аз рӯйи панҷ намуди андоз, аз ҷумла андози ҳадди ақал аз даромад - 800,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз фурӯш - 8,4 млн. сомонӣ, андоз аз маҳсулоти коркард - 1,2 млн. сомонӣ, воридоти ғайриандозӣ - 24,1 млн. сомонӣ ва аксизҳо - 63,5 млн. сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи 98,0 млн. сомонӣ иҷро нагардид.

Дар шаш шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ӯҳдаи таъмини иҷрои нақшаи буҷет баромада натавонистанд. Аз ҷумла иҷрои нақшаи даромади буҷет дар ноҳияи Мастчоҳ ба маблағи 306,2 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Данғара ба маблағи 4 млн. 45,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Норак ба маблағи 338,0 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба маблағи 372,8 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб ба маблағи 93,3 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Нуробод ба маблағи 232,5 ҳазор сомонӣ таъмин нашуд.

Барои кам кардани бақияпулиҳои андоз кори муайян ба анҷом расонида шудааст. Чунончӣ, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти №656 бо роҳи гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо аз ҳисоби қарзи кредитории то 1 январи соли 2012 бавуҷудомадаи муассисаҳои буҷетӣ қарзи андози корхонаҳо ва ташкилотҳо дар назди буҷет ба маблағи 6,1 млн. сомонӣ кам шуд.

Инчунин бо мақсади дастгирии давлатӣ, солимгардонии ҳолати молиявӣ ва минбаъд ба эътидол овардани вазъи иқтисодии корхонаю ташкилотҳо дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати пардохти қарзҳои корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи андозҳо ва фоизҳои онҳо ба маблағи зиёда аз 143,9 млн. сомонӣ ба мӯҳлати се сол тамдид карда шуд.

Ҳамзамон дар давраи ҳисоботӣ бақияпулиҳои андоз нисбат ба 1 январи соли 2012 ба маблағи 65,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, ҳаҷми онҳо то 1 майи соли 2012 ба 597,4 млн. сомонӣ расид.

Аз маблағи умумии қарзи андозҳо 199,0 млн. сомонӣ ба корхонаҳои зертобеъи ШСХК «Барқи Тоҷик», 76,7 млн. сомонӣ ба корхонаҳои тобеи Вазорати кишоварзӣ, 47,4 млн. сомонӣ ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, 30,6 млн. сомонӣ ба Вазорати энергетика ва саноат, 158,2 млн. сомонӣ ба дигар андозсупорандагон рост меояд.

Иҷрои нақшаи буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ дар вилояти Хатлон чор шаҳру ноҳия, дар вилояти Суғд чор ноҳия ва панҷ шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъмин карда натавонистанд. Аз ин ҳисоб ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 4,1 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Сарфи назар аз камбудиҳои ҷойдошта, иҷрои барзиёди қисми даромади Буҷети давлатӣ имконият дод, ки дар давраи ҳисоботӣ чорабиниҳои дар Буҷети давлатӣ пешбинигардида ба таври лозимӣ маблағгузорӣ шаванд.

Қисми хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи 3 млрд. 308,4 млн. сомонӣ ё худ 96,0 фоизи нақшаро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 205,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағгузории соҳаҳои маориф - 98,5 фоиз, тандурустӣ - 98,7 фоиз, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа – 99,0 фоиз, фарҳанг ва варзиш – 96,4 фоиз, мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ – 97,7 фоиз, комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 91,3 фоиз, кишоварзӣ – 95,5 фоиз, саноат ва сохтмон - 97,1 фоиз, нақлиёт ва коммуникатсия – 96,1 фоиз иҷро гардида, дигар чорабиниҳои дар буҷет пешбинишуда пурра маблағгузорӣ шудаанд.

Зикр кардан зарур аст, ки сабаби нисбатан кам будани маблағгузории баъзе соҳаҳо, ин пеш аз ҳама, сари вақт аз худ накардани маблағҳои қарзию грантӣ дар доираи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ, пурра таъмин нагардидани иҷрои корҳо дар иншооти сохтмонӣ, сарфаи музди меҳнати ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби ҷойҳои холии корӣ ва ғайра ба шумор меравад.

Чунончӣ, маблағҳои қарзию грантӣ дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ - 9,0 фоиз, маориф - 21,0 фоиз, ҳифзи иҷтимоӣ -11,0 фоиз, комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 41,0 фоиз, кишоварзӣ - 46,0 фоиз аз худ карда шуданду халос.

Дар давраи ҳисоботӣ барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19,0 млн. сомонӣ ва бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ рух додаанд, аз ҳисоби Фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25,1 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Қисми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ бошад, ба андозаи 86,0 фоиз таъмин гардида, 892,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сарфи назар аз ин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо андозаи маблағгузории соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба ҳисоби миёнаи иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ кам мебошад.

Чунончӣ, иҷрои буҷети муассисаҳои соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Роғун ҳамагӣ 63,0 фоиз, ноҳияи Нуробод - 76,0 фоиз ва ноҳияи Тавилдара 78,0 фоизро ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳисоби миёнаи иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ аз 8 то 23 фоизӣ кам аст. Чунин ҳолат дар иҷрои буҷети муассисаҳои соҳаи маориф низ ҷой дорад.

Аз тарафи Раёсати аудити дохилӣ ва назорати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан санҷишҳое, ки хусусияти мавзӯйӣ доранд, гузаронида шудаанд ва дар натиҷа, ба маблағи умумии 1 млн. 780 ҳазор сомонӣ камбудиҳои гуногун, аз ҷумла камомади маблағҳо ва сарватҳои моддию молӣ ба маблағи 94,1 ҳазор сомонӣ ошкор шудааст.

Ҳолатҳои аз як модда ба моддаи дигар гузаронидани маблағҳои буҷетӣ ба 293,5 ҳазор сомонӣ, беасос пардохт намудани музди меҳнат 148,0 ҳазор сомонӣ, беасос пардохт намудани нафақа 122,4 ҳазор сомонӣ, рӯйпӯш намудани андозҳо 690,6 ҳазор сомонӣ ва ғайра муайян карда шуд.

Аз маблағҳои ошкоршуда ба ҳисоби буҷет 1,0 млн. сомонӣ ва ба ҳисоби корхонаҳо 25,4 ҳазор сомонӣ баргардонида шудааст.

Дар ин давра аз ҷониби воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук 101 ҳолати нодуруст ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ошкор ва пардохтҳои гумрукии иловатан ҳисобишуда, бо назардошти баҳра ба маблағи 1 млн. 39,8 ҳазор сомонӣ ситонида, ба буҷети давлатӣ ворид карда шуд.

Ба буҷети давлат аз ҳисоби ҷаримаҳо, маблағи моли мусодирашуда ва пардохтҳои гумрукӣ ба маблағи умумии 34 млн. 579,5 ҳазор сомонӣ рӯёнида шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 12 млн. 956,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Аз тарафи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи тартиби ғайрисудӣ маҷбуран ситонидани андозҳо 1052 қарор ба маблағи умумии 264,7 млн. сомонӣ қабул карда, аз ҳисоби иҷрои ин қарорҳо то 1 июни соли 2012 ба буҷет 32,2 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Ҳамзамон аз ҳисоби 979 адад қарорҳои дар соли 2011 қабулгардида, ки иҷрои онҳо идома дорад, дар ин давра ба буҷети давлат 24,7 млн. сомонӣ ворид карда шуд.

Умуман, ба ҳолати 1 июни соли 2012 тибқи тартиби ғайрисудӣ ба буҷет дар маҷмӯъ 56,9 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки 21,4 фоизи маблағҳои умумиро ташкил дода, нисбати маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2011 ситонидашуда, 14,8 млн. сомонӣ зиёд аст.

Дар ин давра бо мақсади таъмини иҷрои назорати истифодаи самарабахшу мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини низоми молиявӣ аз тарафи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст.

Фаъолияти молиявию хоҷагии 399 вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ мавриди санҷиш қарор дода, дар натиҷа ба маблағи 65,8 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 34,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз маҷмӯи зарари молиявии ошкоргардида 40,2 млн. сомонӣ ё худ 61,0 фоизи он барқарор шуд. Аз ин маблағ 17,5 млн. сомонӣ ба буҷет ва 22,7 млн. сомонӣ ба ҳисоби корхонаю муассисаҳо баргардонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар 29 вазорату кумитаҳои ҷумҳурию назди Ҳукумат ва сохторҳои тобеи онҳо 132 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, дар натиҷа, ба маблағи 20,4 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шуд. Аз ҷумла хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ - 6,9 млн. сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ - 5,9 млн.сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ - 1 млн. 745,0 ҳазор сомонӣ, зарар аз иҷораи амволи давлатӣ - 342,3 ҳазор сомонӣ ва маблағи рӯйпӯш намудани андозҳо ба маблағи 3 млн. 311,0 ҳазор сомонӣ ошкор гардид, ки дар рафти санҷишҳо аз ин ҳисоб 8 млн. 559,0 ҳазор сомониаш барқарор карда шуд.

Маблағҳои калони зарари молиявӣ, аз ҷумла камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ дар ҳафт сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маблағи 6 млн. 365,0 ҳазор сомонӣ, 14 ташкилоту муассисаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4 млн. 360,0 ҳазор сомонӣ, 14 ташкилоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 422,1 ҳазор сомонӣ, 14 ташкилоту муассисаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 320,7 ҳазор сомонӣ ва ғайра муайян карда шуданд.

Чунончӣ, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати таъин намудани нафақа ба нафақагирони маъюб ва кӯдакони то 18 - сола дар шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғд ва Хатлон, ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ санҷиш гузаронида шуд.

Санҷишҳо нишон дод, ки дар шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо дар натиҷаи сохтакории ҳуҷҷатҳои муоинаи тиббӣ ҳолатҳои нодуруст ва ё барзиёд таъин ва пардохт намудани нафақа ба маъюбон ҷой дорад. Ғайриқонунӣ таъин ва пардохт намудани нафақаи маъюбон дар шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба маблағи 4 млн. 978,0 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба маблағи 301,4 ҳазор сомонӣ, ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба маблағи 671,2 ҳазор сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба маблағи 415,4 ҳазор сомонӣ ошкор шуд, ки дар маҷмӯъ 6 млн. 36,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Ҳангоми гузаронидани тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ҳолатҳои тасарруф ва азхудкунии маблағҳои махсусан калон ошкор гардиданд. Дар ин донишкада зарари молиявӣ ба маблағи умумии 2 млн. 515,2 ҳазор сомонӣ муайян ва дар рафти тафтиш 720,4 ҳазор сомонии он барқарор карда шуд.

Бо мақсади таъмини назорати истифодаи самараноки маблағҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки ба сохтмон ва таъмири иншооти муҳим равона гардидаанд, тафтиши ҷараёни татбиқи 12 лоиҳаи инвеститсионӣ ба анҷом расонида шуд, ки дар натиҷа зарари молиявӣ ба маблағи 2 млн.35,0 ҳазор сомонӣ ошкор гардид.

Дар рафти тафтишу санҷишҳо дар маҷмӯъ маблағи 1 млн. 854,0 ҳазор сомонӣ барқарор ва аз ин миқдор маблағи 885,6 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Дар ин давра дар 8 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тафтиши маҷмӯи ташаккул ва иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ анҷом дода, дар рафти он санҷиши фаъолияти 162 идораву ташкилотҳои буҷетӣ фаро гирифта шуданд.

Аз натиҷаи тафтишу санҷишҳо бармеояд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тафтишгардида дар баъзе мавридҳо талаботи қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ, молияи давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро риоя накардаанд. Ҳоло ҳам қарздории корхонаву ташкилотҳо аз рӯйи пардохти андозҳо дар назди буҷет тамоюли зиёдшавӣ дорад. Дар баробари ин, ҳиссаи маблағҳои кӯмаки молиявӣ (субвенсия) дар қисми даромади буҷети маҳаллӣ зиёд гардида, он имконияти дарёфт ва сафарбар намудани сарчашмаҳои иловагии даромадҳоро маҳдуд менамояд.

Чунончӣ, дар ноҳияи Бохтар зиёда аз 50 фоизи қисми даромади буҷети ноҳия аз ҳисоби кӯмакҳои молиявӣ пӯшонида мешавад, ҳол он ки ҳаҷми қарзи ташкилоту муассисаҳо ва хоҷагиҳои ноҳия дар назди буҷети маҳаллӣ дар аввали соли 2012 ба 11,3 млн. сомонӣ расида буд. Ин нишондиҳанда 34, 8 фоизи нақшаи даромади буҷети маҳаллиро дар соли 2012 ташкил медиҳад.

Тафтиши иҷрои сметаҳои хароҷотӣ дар 20 ташкилоту муассисаи буҷетии ноҳия зарари молиявиро ба маблағи умумии 514,0 ҳазор сомонӣ ошкор намуд, ки дар рафти санҷиш 417,3 ҳазор сомонӣ ё 81,2 фоизи он барқарор карда шуд.

Зарарҳои зиёди молиявӣ дар ташаккул ва иҷрои буҷетҳои маҳаллии шаҳрҳои Истаравшан, Роғун, Хоруғ, Турсунзода, Қайроққум, ноҳияҳои Восеъ ва Носири Хусрав ошкор шуд. Маблағи умумии зарари молиявӣ дар ин шаҳру ноҳияҳо зиёда аз 5,9 млн. сомониро ташкил дод.

Дар ин давра ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 210 маводи тафтишотӣ ба маблағи умумии 35 млн. 106,0 ҳазор сомонӣ фиристода шуд. Аз миқдори умумии маводи равонкардашуда, нисбати 98 маводи тафтишотӣ баҳои ҳуқуқӣ дода, қарорҳои дахлдор қабул шуданд. Ҳоло дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ 95 маводи тафтишоти молиявӣ дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Омӯзишу таҳлили масъала ва далелу рақамҳои овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 5 моҳи соли 2012 ба камбудиҳо роҳ дода мешаванд.

Бинобар ин, аз роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти марбута ва шахсони масъул тақозо мегардад, ки баҳри аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои мушаххас ва муассир андешанд, то ин ки барои таъмини иҷрои пурраи Буҷети давлатӣ заминаи боэътимод муҳайё гардад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда ва ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз ҷаҳони муосир дар шароити мураккаби бӯҳрони иқтисодиву молиявӣ қарор дорад, ки он як қатор давлатҳои Аврупо ва Осиёро фаро гирифтааст ва таъсири он ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ расида истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани таъсири омилҳои берунӣ давоми барномаҳои мушаххас қабул ва амалӣ менамояд, ки дар натиҷа давоми панҷ моҳи соли ҷорӣ нишондиҳандаҳои молиявӣ, макроиқтисодӣ ва натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мусбӣ арзёбӣ гардидаанд.

Ҳаҷми афзоиши воқеии Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ба 7,3 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,9 фоиз ё ба маблағи 1,9 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ қариб дар тамоми соҳаҳо таъмин шудааст.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 6,1 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳол он ки индекси нархҳои истеъмолӣ, яъне меъёри таваррум дар панҷ моҳи соли ҷорӣ 2,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 4,6 банди фоизӣ паст гардидааст.

Идоракунии молияи давлатӣ низ дар давраи ҳисоботӣ нисбатан дар сатҳи устувор қарор ёфта, иҷрои Буҷети давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо барзиёд таъмин шуд.



Бояд хотиррасон кард, ки дар муҳокимаи парламентӣ, ки 25 октябри соли гузашта оид ба натиҷаи иҷрои Буҷети давлатӣ дар нӯҳ моҳи соли 2011 баррасӣ гардида буд, аз ҷониби шумо оиди пурра ва барзиёд таъмин намудани иҷрои буҷет, самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, маблағгузории саривақтии соҳаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои давлатӣ, баланд бардоштани фаъолияти аудити дохилӣ ва назорат, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти молия тавсияҳо дода шуда буданд. Барои амалӣ намудани ин тавсияҳо аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо қабул ва амалӣ карда шуд, ки дар натиҷа ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидем.

Пешбурди сиёсати молиявиро дар соли ҷорӣ, пеш аз ҳама, барои дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои стратегие, ки Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини рушди иқтисодиёт ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ, тараққиёти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани ҷумҳурӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ва дигар барномаҳои соҳавӣ муайян намудаанд, равона менамоянд.

Таъмини иҷрои буҷет дар қисми даромад ва хароҷот дар панҷ моҳи соли ҷорӣ ин, пеш аз ҳама, дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани тавсияҳои шумо бо мақсади васеъ намудани заминаи андозбандӣ, самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва инчунин татбиқ намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, таъмин шудааст.

Бо мақсади татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия аз 1 сентябри соли 2011 зиёд карда шуд. Ба ин мақсад соли гузашта аз буҷет 210 млн. сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона гардид ва имрӯз ба қарздорӣ аз рӯйи ин хароҷот роҳ дода нашудааст.

Дар баробари ин, танҳо дар панҷ моҳи соли сипаригардида барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар афзалиятҳои соҳаҳои иқтисодиёт зиёда аз 100 млн. сомонӣ маблағҳои иловагӣ, аз ҷумла аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти ҷумҳурӣ 22,0 млн.сомонӣ, аз ҳисоби Фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25,0 млн. сомонӣ ва аз дигар манбаъҳои молиявии иловагӣ зиёда аз 44,0 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Дар баробари таъмини иҷрои Буҷети давлатӣ, дар доираи чорабиниҳои андешидашуда, аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳо барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ – 236,0 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 153,0 млн. сомонӣ равона шудааст.

Инчунин аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ чор созишнома оид ба ҷалби маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ ба маблағи 220,0 млн. сомонӣ, ки 80,0 фоизи он маблағҳои грантӣ мебошад, ба имзо расонида шудааст.

Ҳамзамон то охири соли ҷорӣ ба имзорасонии ҳашт созишномаи қарзӣ ва грантӣ ба маблағи зиёда аз 522 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Қарзҳои берунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сатҳи устувор қарор дошта, ҳаҷми он ба 1 июни соли ҷорӣ 2,1 млрд.доллари амрикоӣ ё 26,9 фоизи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилиро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,0 банди фоиз камтар мебошад. Ин камшавӣ аз ҳисоби афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ, пардохти қарзҳои асосӣ 25,1 млн.доллари амрикоӣ ва аз ҳисоби фарқияти қурби асъор ба маблағи 20,5 млн.доллари амрикоӣ амалӣ карда шуд.

Қарзҳои нав ҳамагӣ ба андозаи 43,8 млн. доллари амрикоӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетика ва коммуникатсия ҷалб шудааст.

Бо мақсади таъмини шаффофият, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ соли ҷорӣ ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ идома ёфта, дар ин самт корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла соли ҷорӣ гурӯҳбандии нави идоравии буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ дар мутобиқат ба нақшаи ҳисоботи молиявӣ амалӣ гардид. Инчунин бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ, механизми нави бонкии хазинадориро ҷорӣ намудем ва имрӯз тартиби бурдани ҳисоби маблағҳои буҷетӣ тавассути барномаҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Корҳои васлкунии шабакаи компютерӣ ва алоқаи электронӣ байни хазинадории марказӣ ва хазинадориҳои маҳаллиро ба анҷом расонидем ва низоми идоракунии автоматикиро дар ҳама сатҳҳои хазинадорӣ тавассути суратҳисоби ягона ҷорӣ намудем.

Ҳамаи ин, имконият фароҳам овард, ки маблағгузории буҷетӣ пурра таҳти назорати хазинадории марказӣ қарор гирифт.

Ҳамзамон ба мақсади таъмини шаффофияти иҷрои Буҷети давлатӣ, ҳар семоҳа, нимсола ва солона дар воситаҳои ахбор, сомонаҳои интернетӣ ҳисобот нашр мешавад.

Бинобар ин, барои роҳ надодан ба ҳар гуна хароҷоти ғайриқонунӣ мо имрӯз якҷоя бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва аудити дохилии вазорату идораҳо чораҳои таъхирнопазир андешида истодаем ва ин натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада дар фаъолияти аудити дохилӣ ва назорат, ин пеш аз ҳама бо қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ва «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», ки онҳо аз ҷониби шумо соли гузашта дастгирӣ ёфта буд, вобаста мебошад.

Дар доираи қонунҳои мазкур масъулияти ҳар як роҳбари ташкилот оид ба риояи низоми самараноки назорати дохилӣ дар реҷаи ҳисобот ва нигоҳдошти доираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунии молиявӣ, расонидани зарар ё азхудкунии маблағҳои давлатӣ боз ҳам баланд бардошта шуд.

Ҳамчунин дар ин робита аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои методӣ оид ба назорати дохилӣ такмил дода, барои истифодабарӣ ба вазорату идораҳо расонида шудаанд.

Дар баробари ин, барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти молия ва инчунин муҳосибони ташкилотҳои буҷетӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази такмили ихтисос амал мекунад, ки ҳар сол зиёда аз 100 нафар кормандон аз рӯйи чор барнома тахассуси касбии худро такмил медиҳанд.

Ғайр аз ин, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои байналмилалии молиявӣ, зиёда аз 150 нафар мутахассисони соҳаи молия ва муҳосибӣ дар курсҳову семинарҳо ва тренингҳои байналмилалӣ дар Австрия, Япония, Франсия, Полша, Малайзия, Хитой, ИМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон, Озарбойҷон, Белорус, Молдова ва ҷумҳуриҳои назди Балтик савияи дониши худро баланд бардоштанд.

**(Идома дар саҳ. 6)**

# Сари вақт маблағгузорӣ нагаштани барномаҳои давлатӣ ва афзоиши бақияпулиҳои андоз боиси нигаронист

(Идома аз саҳ. 5)

Бояд зикр кард, ки сарфи назар аз андешидани чораҳои зарурӣ, ҳоло ҳам дар рафти иҷрои Буҷети давлатӣ камбудиҳо, аз қабили пурра ба буҷет ворид нагардидани захираҳои мавҷудаи молиявӣ, самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, риоя нагардидани интизоми молиявӣ аз ҷониби баъзе кормандони ташкилоту муассисаҳо, роҳ додан ба ҳолатҳои дуздӣ ва азхудкунии маблағҳо, ҷой доранд.

Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ иҷрои сифатноки буҷет таъмин нагардид, ки дар натиҷа аз рӯйи панҷ намуди андоз ба буҷет 98 млн. сомонӣ ворид нашуд.

Инчунин иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ дар шаш шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон – ноҳияи Данғара ва шаҳри Норак, дар вилояти Суғд – ноҳияи Мастчоҳ, дар шаҳри Душанбе - ноҳияи Фирдавсӣ ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - ноҳияҳои Варзоб ва Нуробод ба маблағи умумии 5,7 млн.сомонӣ таъмин нашудааст.Умуман, аз ҳамин ҳисоб ба Буҷети давлатӣ зиёда аз 105 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Дар баробари ин, бо сабаби риоя нагардидани интизоми молиявӣ, бақияпулиҳои андоз ба маблағи 85 млн.сомонӣ зиёд шуда, ҳаҷми он ба 1 июни соли ҷорӣ 616,4 млн. сомониро ташкил дод. Бинобар ин, оид ба кам намудани бақияпулиҳо ва минбаъд роҳ надодан ба зиёдшавии онҳо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чорабиниҳои мушаххас таҳия карда, барои дар амал татбиқ намудани онҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд.

Инчунин дар иҷрои буҷети ноҳияҳое, ки имрӯз қафомонӣ вуҷуд дорад, чораҳои таъхирнопазир андешида мешавад ва боварӣ дорам, ки то охири нимсолаи аввал иҷрои буҷети онҳо пурра таъмин мегардад.

Бояд зикр кард, ки дар муҳокимаи парламентии соли гузашта аз ҷониби шумо, мӯҳтарам вакилон, оид ба сари вақт ва пурра маблағгузорӣ нагардидани барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ эрод гирифта шуда буд.

Бинобар ин, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазоратҳои соҳавӣ таъмини иҷрои барномаҳоро таҳти назорат ва мониторинги доимӣ қарор дода, маблағгузории онҳоро дар доираи буҷети тасдиқшуда таъмин менамояд.

Тӯли давраи ҳисоботӣ дар рафти гузаронидани санҷишҳо оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ танҳо аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти молиявию хоҷагидории вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ камбудиҳои гуногун, аз қабили камомади маблағҳо ва сарватҳои моддиву молӣ, изофанависӣ, ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ошкор гардидааст, ки аз он 1,0 млн. сомонӣ ба буҷет барқарор шуд. Аз рӯйи се маводи санҷиш ба маблағи 239,0 ҳазор сомонӣ маводҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод гардид.

**Мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Зикр кардан зарур аст, ки имрӯз барои таъмини пурраи маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишуда ягон хел мамониат вуҷуд надорад. Дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва дар буҷетҳои маҳаллӣ захираҳои кофии молиявӣ мавҷуд аст, вале мо бояд дарк кунем, ки ноустувории системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пастшавии рейтинги қарзгирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, тезутундшавии муомилот дар бозори биржаи фондӣ, ноустувории нарх ва тағйирёбии нархи нафт, сӯзишворӣ, хӯрока ва дигар маводи истеъмолӣ моро водор месозад, ки ба пешгирӣ намудани таъсири омилҳои берунӣ омода бошем.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади таъмини татбиқи дурнамои дарозмуддати идоракунии устувори молиявӣ, вазифаи аввалиндараҷаи мо ин таъмини сифатнок ва самаранокии иҷрои Буҷети давлатӣ мебошад ва барои амалӣ намудани ин мақсад мо вазифаҳои зеринро, аз қабили:

- пешбурди сиёсати устувори буҷету андоз ва иҷрои барзиёди он;
- ҷалб намудани захираҳои иловагии молиявӣ ва дар ин робита муҳайё намудани заминаи устувори манбаъҳои маблағгузорӣ;
- роҳ надодан ба ҳар гуна хароҷоти бесамар ва беносиҷа;
- баланд бардоштани интизоми молиявӣ;
- аз рӯйи афзалиятҳои иқтисодиёт ва барномаҳои мақсаднок истифода бурдани захираҳои дохилии молиявӣ;
- дар доираи Стратегияи идоракунии қарзҳои давлатӣ устувории идоракунии қарзҳои бурунӣро таъмин менамоем.

Баробар бо ин, соли ҷорӣ барои иҷрои дастуру супоришҳои Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, мо бояд аз 1 сентябри соли ҷорӣ зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, стипендия, такмили сохтори мақомоти ҳокимияти идоракунии давлатӣ ва кам кардани хароҷот оид ба нигоҳдории онҳоро таъмин намоем.

Инчунин дар мӯҳлати муқарраргардида ба баррасии шумо лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳрири нав ва вобаста ба ин ворид намудани тағйирот ба дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» пешниҳод менамоем.

Боварӣ дорам, ки дар ҳамкорӣ бо шумо, мӯҳтарам вакилон, иҷрои ҳамаи вазифаҳои дар пешамон гузоштошударо таъмин менамоем.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло сухан ба раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатов дода мешавад.

**Нусратулло ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда ва вакилони гиромӣ!**

Мақомоти андози ҷумҳурӣ дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кор қарор дода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки самаранокии кори худро боз ҳам афзун намуда, вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо доир ба пурра ва барзиёд иҷро намудани нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» таъмин созанд ва барои бо андозсупорандагон анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба омӯзиши қонунгузории андоз, вусъат бахшидан ба рушди соҳибкории хурду миёна ва ҷалби сармоя тадбирҳои мушаххас андешанд.



Дар панҷ моҳи соли 2012 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии он ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 106,2 фоиз таъмин гардид ва ба ҷойи 1 миллиарду 804,5 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет (бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 1 миллиарду 916,4 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки он нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 111,9 млн. сомонӣ зиёд ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта воқеан ҷамъоваригардида 403,9 млн. сомонӣ ё худ 26,7 фоиз бештар мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар панҷ моҳи соли 2012 дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин гардид, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 114,2 фоиз, вилояти Хатлон 101,7 фоиз, вилояти Суғд 111,0 фоиз, шаҳри Душанбе 107,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 104,3 фоиз.

Баробар бо ин, дар давраи ҳисоботӣ нақшаи андози аксизӣ (86,9 фоиз), андоз аз фурӯш (88,4 фоиз) ва андоз аз маҳсулоти коркард (87,6 фоиз) таъмин шуд.

Сабаби таъмин нагаштани нақшаи андози аксиз ба он вобастааст, ки афзоиши он аз ҳисоби ширкатҳои мобилӣ барои соли 2012 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 187 фоиз муқаррар шудааст. Маблағҳое, ки аз манбаи аслии аксизи ширкатҳои мобилӣ ҷамъоварӣ мегарданд, имкон намедиҳанд, ки нақша бо чунин афзоиш таъмин карда шавад. Иҷрои нақшаи аксизҳо дар панҷ моҳи соли 2012 бе назардошти ширкатҳои мобилӣ 117,2 фоизро ташкил медиҳад.

Иҷрои нақшаи андоз аз фурӯши нахи пахта аз сабаби дар бозори ҷаҳонӣ коҳиш ёфтани нархи нахи пахта таъмин нагардид. Агар моҳи январи соли 2011 нархи миёнаи нахи пахта барои як тонна 4100 доллари ИМА бошад, пас моҳи январи соли ҷорӣ нархи як тонна нахи пахта ба 2100 доллари ИМА ва дар моҳи май ба 1850 доллари ИМА баробар гашта, ҳол ҳам тамоюли пастшавӣ дорад.

Дар панҷ моҳи соли 2012 аз рӯйи андоз аз маҳсулоти коркард ба ҷойи 9,7 млн. сомонии пешбинишуда, ҳамагӣ 8,5 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд, ки 87,6 фоизи нақшаро ташкил дод. Сабаби таъмин нагардидани иҷрои нақшаи ин намуди андоз ба коҳиш ёфтани истеҳсоли алюминий алоқаманд аст.

Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ аз тарафи ягона супорандаи ин намуди андоз - КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» истеҳсоли алюминийи аввалия 121,8 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 ҳазор тонна кам мебошад. Дар сурати минбаъд низ боқӣ мондани омилҳои мазкур, хатари дар ҷамъбасти сол таъмин нагардидани нақшаи андозҳои номбурда вуҷуд дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ шаҳру ноҳияҳои зерин аз ӯҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ набаромаданд: дар вилояти Хатлон: ноҳияҳои Панҷ 98,4 фоиз, Фархор 98,3 фоиз, Данғара 78,0 фоиз ва шаҳри Норак 96,0 фоиз, дар вилояти Суғд: ноҳияи Мастчоҳ 98,3 фоиз, аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шаҳри Турсунзода 98,4 фоиз, ноҳияи Нуробод 80,2 фоиз. Сабабҳои асосии иҷро нашудани нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар шаҳру ноҳияҳои номбурда ба омилҳои гуногун вобастагӣ доранд, аз ҷумла сари вақт пардохт нашудани маблағҳо аз ҷониби андозсупорандагоне, ки маблағҳои калони андоз месупоранд (ба монанди Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда – 1» дар ноҳияи Данғара ва ширкати «НоракИБОсоз» дар шаҳри Норак), дар баъзе ҳолатҳо нисбат ба имкониятҳои воқеӣ зиёдтар ба нақша гирифтани андозҳо, шароити ногувори молиявии соҳаи кишоварзӣ ва инчунин дар нозироти алоҳида дар сатҳи дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андоз ва ғайраҳо.

Нақшаи воридоти андозҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар он қисмате, ки ба мақомоти андоз вобаста шудааст, дар панҷ моҳи соли 2012 ба андозаи 104,0 фоиз иҷро шуд ва ба ҷойи 625,2 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷет 650,2 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 25,0 млн. сомонӣ зиёдтар мебошад.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ, дар панҷ моҳи соли ҷорӣ дар ҳаҷми 104,0 фоиз иҷро гардида, ба ҷойи 350,8 млн. сомонии пешбинишуда 364,9 млн. сомонӣ ҷамъоварӣ карда шуд, ки 14,1 млн. сомонӣ нисбат ба нақша зиёд буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 96,7 млн. сомонӣ бештар мебошад.

Маблағи бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо то 1 июни соли 2012-ум 595,4 млн. сомониро ташкил дода, сарфи назар аз корҳои зиёди аз тарафи мақомоти андоз барои кам кардани он анҷомдода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба андозаи 63,6 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Маблағи бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо тӯли давраи ҳисоботӣ дар вилояти Хатлон 11,3 млн. сомонӣ, дар шаҳри Душанбе 5,2 млн. сомонӣ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,9 млн. сомонӣ, дар Нозироти андози андозсупорандагони калон – 52,7 млн. сомонӣ зиёд ва дар вилояти Суғд ба андозаи 2,7 млн. сомонӣ кам шудааст.

Бояд зикр кард, ки аз маблағи умумии бақияпулиҳои андоз то 1 июни соли 2012-ум 217,4 млн. сомонӣ ё 34,2 фоизаш ба ШСХК «Барқи Тоҷик» рост меояд.

Дар панҷ моҳи соли 2012 аз тарафи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби ғайрисудӣ маҷбуран ситонидани андозҳо 1052 қарор ба маблағи умумии 264,7 млн. сомонӣ қабул шудааст. Аз он ҷумла 70 қарор оиди бо роҳи ҳабси молу мулк ситонидани қарзи андоз ба маблағи умумии 9,2 млн. сомонӣ, 43 қарор оиди боздошти амалиёти хароҷотии суратҳисоб ба маблағи умумии 225,6 ҳазор сомонӣ, 390 қарор оид ба ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз суратҳисоби андозсупорандагон ба маблағи умумии 238 млн. сомонӣ ва 549 қарор оид ба ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 17,3 млн. сомонӣ.

Аз ҳисоби ин қарорҳо ба ҳолати 1 июни соли 2012 ба буҷет 32,2 млн. сомонӣ ворид шудааст.

Ҳамзамон аз ҳисоби 979 адад қарорҳои дар соли 2011 қабулгардида, ки иҷрои онҳо идома дорад, дар ин давра ба буҷети давлат 24,7 млн. сомонӣ ворид шуд.

Умуман, ба ҳолати 1 июни соли 2012 тибқи тартиби ғайрисудӣ ба буҷет дар маҷмӯъ 56,9 млн. сомонӣ ворид шуд, ки 21,4 фоизи маблағи умумиро ташкил дода, нисбати маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2011 ситонидашуда, ба андозаи 14,8 млн. сомонӣ зиёд аст.

Ҳамзамон ба ҳолати 1 июни соли 2012 бо мақсади тибқи тартиби судии маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ 93 аризаи даъвоӣ ба маблағи умумии зиёда аз 30 млн. сомонӣ мавриди баррасии судҳо қарор дошт ва аз ин ҳисоб 1 млн. сомонӣ ба буҷети давлат ворид шуда, кор барои ситонидани маблағҳои баррасишаванда идома дорад.

Вакилони гиромӣ!

Рушди истеҳсолот, зиёд гаштани ҷойҳои нави корӣ, мавриди амал қарор додани барномаҳои нави компютерӣ, ташкили дурусти кори мақомоти ҳудудии андоз, тақвият бахшидан ба ҳамкориҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти дигари давлатӣ имкон медиҳад, ки дар ҷамъбасти сол нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» пурра ва барзиёд таъмин карда шавад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Дар робита ба масъалаи мазкур сухан ба муовини аввали сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъмат Раҳматов дода мешавад.

**Неъмат РАҲМАТОВ: -Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва вакилони арҷманд!**

Мувофиқи маълумоти оморӣ, гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давраи ҳисоботӣ 2 миллиарду 030 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 165 млн. доллар ё 8,8 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 81 кишвари дунё муносибати тиҷоратиро ба амал баровардааст.

Аз ҳаҷми умумии гардиши тиҷорати хориҷӣ 1475 млн. доллар ба воридот ва 555 млн. доллар ба содирот рост меояд.

Хадамот бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти гумрук ба шароити имрӯза, баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, омилҳои ташаккулдиҳандаи тиҷорати хориҷиро пайваста мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, як қатор чораҳои маъмуригардониро нисбат ба дуруст муайян кардани арзиши гумрукии молҳои воридшаванда, пешгирии қочоқи молу воситаҳои нақлиёт, таъмини декларатсиякунонии пурраи молҳои воридотӣ ва дуруст ба роҳ мондани мушоияти молҳои воридотию транзитӣ роҳандозӣ намуд. Андешидани чораҳои мазкур имкон дод, ки иҷрои нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ дар семоҳаи аввали соли 2012 таъмин карда шавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар панҷ моҳи соли 2012 нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ба андозаи 1048 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд.

Дар ин давра, ба Буҷети давлатӣ 1056,4 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ (бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳои даромад) ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нақшаи муайянгардида 8,4 млн. сомонӣ зиёд буда, иҷрои нақша 100,8 фоиз таъмин гардид. Нисбат ба панҷ моҳи соли гузашта сатҳи афзоиши пардохтҳои гумрукӣ 18,3 фоиз ё ин ки маблағи 162 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Воридшавии пардохтҳои гумрукӣ аз рӯйи сарчашмаҳои даромад чунин аст:

Андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи 821,1 млн. сомонӣ ё ба андозаи 103,8 фоиз иҷро шудааст, ки нисбат ба нақша (нақша 790,8 млн. сомонӣ) 30,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ вазни қиёсиаш 78,4 фоизро ташкил медиҳад.



Боҷи гумрукӣ, ки вазни қиёсиаш аз ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ 15,5 фоизро ташкил медиҳад, ба маблағи 161,8 млн. сомонӣ ё ба андозаи 131,1 фоиз иҷро шудааст. Ин нисбат ба нақша (нақша 123,4 млн. сомонӣ) 38,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Андози аксизӣ ба маблағи 52,1 млн. сомонӣ ё ба андозаи 46,6 фоиз иҷро шудааст. Ин нисбат ба нақша (нақша 111,8 млн. сомонӣ) 59,7 млн. сомонӣ камтар мебошад.

Дар ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ вазни қиёсии он 5,0 фоизро ташкил медиҳад.

Воридоти ғайриандозӣ ба маблағи 12,0 млн. сомонӣ ё ба андозаи 54,6 фоиз иҷро шудааст. Ин нисбат ба нақша (нақша 22,0 млн. сомонӣ) 10,0 млн. сомонӣ камтар мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар давраи ҳисоботӣ, сарфи назар аз иҷро шудани нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, дар тиҷорати хориҷӣ баъзе омилҳое ба назар мерасид, ки садди роҳи дастовардҳои беҳтару хубтар дар самти ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ гардиданд.



Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бар асари ҷорӣ гардидани боҷи содиротӣ ҳангоми содироти маҳсулоти нафтӣ аз ҷониби Федератсияи Россия, дар бозорҳои кишвар нархи маҳсулоти коркарди нафт ва дигар молҳои ниёзи мардум тамоюли болоравиро касб карда, ҳаҷми воридоти он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта камтар гаштааст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар панҷ моҳи соли 2012 ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 148,6 ҳазор тонна ё ин ки ба маблағи 173,6 млн. доллари ИМА маҳсулоти коркарди нафт (бензин, сӯзишвории дизелӣ, керосин, равғани молиданӣ, мазут ва ғайра) ворид шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 ба миқдори 66,3 ҳазор тонна кам мебошад.

Танҳо аз ҳисоби коҳиш ёфтани ҳаҷми воридоти маҳсулоти нафтӣ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ тақрибан 91,7 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ба Буҷети давлатӣ ворид нагардид.

Дар панҷ моҳи соли 2012 воридоти дигар намуди молҳо, аз қабили равғани растанӣ, семент, маҳсулоти чӯбу тахта, маҳсулоти металлҳои сиёҳ ва дигар молу воситаҳои техникӣ низ коҳиш ёфтааст.

Омили дигаре, ки ба иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ таъсири манфӣ расонид, имтиёзҳои андозию тарифие мебошанд, ки дар мавриди воридоти молу воситаҳои нақлиёт пешниҳод мешавад.

Дар ин давра маблағи умумии воридоти молҳои имтиёзнок, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст, 1,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ба 78,1 фоизи ҳаҷми умумии воридот баробар мебошад.

Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки сол то сол таъсири як қатор равандҳои мусбии иқтисодӣ низ ба тиҷорати хориҷӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими иқтидори истеҳсолии кишварамон дар як қатор манотиқи ҷумҳурӣ корхонаҳои истеҳсоли семент, арматура, тухм ва гӯшти мурғ, нӯшокию шарбатҳои гуногун, маводи хӯрокворӣ, хишт, маҳсулоти шоҳӣ, корхонаҳои ресандагию дӯзандагӣ, корхонаҳои истеҳсоли лампаҳои каммасраф ва ғайраҳо ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот замина гузошта, ба коҳиш ёфтани воридоти як қатор маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсолшаванда оварда расонид.

Омили дигари таъсиррасони беруна ин тағйир ёфтани сиёсати андозию гумрукии кишвари ҳамсоя - Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавриди паст намудани меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 18 то 12 фоиз, нисбатан кам будани боҷи гумрукии он - тақрибан 3,5 фоиз ва аз тарафи Федератсияи Россия истифода нашудани боҷи гумрукии содиротӣ нисбат ба маҳсулоти коркарди нафти ба Ҷумҳурии Қирғизистон содиршаванда мебошад. Дар муқоиса бо кишвари мо дар маҷмӯъ аз 9 фоиз то 12 фоиз паст будани меъёри андозҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Қирғизистон боиси он гардидааст, ки баъзе намуди молҳои ба Тоҷикистон нигаронидашуда ба ин кишвар ворид гардида, баъдан бо истифода аз шаффофияти сарҳадот ба аҳолии минтақаҳои ҳамсарҳад фурӯхта мешаванд. Таъсири омили мазкур ба тиҷорати хориҷӣ хеле гарону ҷиддӣ буда, боиси афзудани равандҳои номатлуби иқтисодӣ гардидааст.

Инчунин баста шудани роҳи оҳан дар самти Термез-Қӯрғонтеппа, эҷод гардидани монеаҳои сунъӣ дар рафти интиқоли мол тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ба монанди боздошти қаторахо, мусодираи беасоси молҳои ба соҳибкорони тоҷикистонӣ тааллуқдошта низ ба тиҷорати хориҷӣ таъсири манфӣ расонида, фаъолияти бонизоми мақомоти гумрукро дар самти таъмини қисми даромади Буҷети давлатӣ халалдор намуд. Омилҳои мазкур имкон надоданд, ки хадамот ва воҳидҳои тобеи он дар самти ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ба дастовардҳои беҳтару хубтар ноил гарданд.

Мақомоти гумрук, бо дарки дурусти вазъи иқтисодии кишвар, тамоми имкониятҳои ташкилию идоракуниро баҳри таъмини иҷрои қисми даромади Буҷети давлатӣ сафарбар менамояд.

Дар Хадамоти гумрук ситод оид ба кам кардани таъсири манфии омилҳои дар боло номбаршуда ба тиҷорати хориҷӣ ташкил карда шудааст. Ситод масъалаҳои вобаста ба ҳар чӣ бештар воридшавии пардохтҳои гумрукӣ, таҳти назорати қатъӣ гирифтани интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, пешгирии қочоқ ва воридоти ғайриқонунии молҳо, назорати истифодаи мақсадноки молҳои ба таври имтиёзнок воридшуда, дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молҳои воридотиро дар ҷаласаҳои худ мавриди муҳокима қарор дода, барои ҳалли онҳо тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Хадамоти гумрук аз беҳтар намудани назорати арзиши гумрукии молҳои воридотӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайронкуниҳои қоидаҳои гумрукӣ ба таври иловагӣ пардохтҳо ба хазинаи давлат ворид намуд.

Аз ҳисоби дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молҳои воридотӣ дар панҷ моҳи соли 2012-ум 81,0 млн. сомонӣ, аз ҳисоби пешгирии қочоқ ва вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ 36,1 млн. сомонӣ, аз ҳисоби назорати баъдибарасмиятдарорӣ ва санҷишҳо 1 млн. 40 ҳаз.сомонӣ ва дар маҷмӯъ бошад, ба таври иловагӣ 118,0 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлат ворид карда шуд.

Дар панҷ моҳи соли 2012-ум 2249 ҳолати қонуншиканиҳои гумрукӣ ошкор шудааст. Аз онҳо 13 ҳолаташ ҷиноят, аз он ҷумла ҳашт ҳолат қочоқи маводи нашъаовар ва як ҳолат қочоқи молҳои ниёзи мардум ва чор ҳолаташ дигар ҷиноятҳо дар фаъолияти гумрукӣ мебошад.

Дар натиҷаи баррасии 2236 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 1936 нафар шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, аз онҳо ба маблағи 1 879 727 ҳазор сомонӣ ҷарима ситонида шуд. Инчунин ба маблағи 66 ҳазору 388 сомонӣ мол мусодира гардид. Тавре зикр шуд, аз рӯйи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ 36 119 896 сомонӣ ба таври иловагӣ ба буҷет ворид шуд.

Ҳозирини гиромӣ!

Таҷрибаи солҳои охири банақшагирии даромадҳои буҷетӣ нишон медиҳад, ки дар асоси пешбинии (прогнози) нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муайян намудани онҳо ғайривоқеӣ мебошад. Зарур аст, ки ҳолат ва равандҳои ҷории иқтисодию молиявӣ, сабабҳои кам гардидани ҳаҷми воридоти мол, зиёдшавии имтиёзҳо, коҳиш ёфтани талабот ба молҳои воридотӣ, зиёд гардидани ҳаҷм ва дараҷаи афзоиши иқтисодиёти миллӣ дар мавриди муайян намудани даромадҳои буҷетӣ ба назар гирифта шаванд.

Сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта, Хадамоти гумрук тамоми имкониятҳои ташкилию идоракуниро барои беҳтар намудани ҳамкорӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, мубориза бар зидди қочоқ ва вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ, пурзӯр намудани назорати истифодаи мақсадноки молҳои ба таври имтиёзнок воридгардида ва баланд бардоштани интизоми меҳнатии кормандон сафарбар намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нақшаи пардохтҳои гумрукии соли 2012-ро барзиёд иҷро намояд.

*Дар раванди пешниҳоди гузориш ва маълумот аз ҷониби шахсони зикршуда Раисикунандаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ- муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев аз сари вақт маблаггузорӣ нагардидани барномаҳои давлатӣ, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд ва фаъолияти номуназзами корхонаҳои саноатии мамлакат изҳори нигаронӣ кард. Мавсуф зикр намуд, ки айни замон ҳолатҳои фаъолияташонро қатъ кардани як қисм корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусӣ зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар робита ба ин масъала Амиршо Миралиев аз раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатов тақозо намуд, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад. Ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов дастур дода шуд, ки ҳамкориҳои кумита бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои марбута тақвият бахшида шавад.*

*Дар қисмати саволу ҷавоб вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле фаъол буданд ва ҳар яке аз онҳо бо пешниҳоди саволҳое, ки ба мушкилоти интихобкунандагонашон рабт дорад, аз масъулин ҳалли саривақтии онҳоро дархост намуданд. Аз ҷумла вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёратшо Саъдулло вобаста ба раванди маблаггузории барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, Абдузафар Иномов доир ба ҷудо намудани қарзи имтиёзноки давлатӣ ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Хайриниссо Юсуфӣ роҷеъ ба роҳандозӣ намудани маблаггузории давлатии барномаҳои миллӣ дар соҳаи тандурустӣ, Назрулло Ҷонов оид ба омилҳои коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ, Амир Каттаев дар масъалаи муҳим будани нақши кадом намуди андозҳо дар гановати буҷет, Маҳмадшариф Нозимов оид ба воридоти автомобилҳо ба ҷумҳурӣ ва нархи онҳо, Марҳабо Ҷабборова оид ба вусъат бахшидани маблаггузорӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, Сӯҳроб Шарипов доир ба сабабҳои зиёд ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Эшбурӣ Эсанқулов оид ба пешбинӣ шудани имтиёзҳо дар бахши андози замин зимни таҳияи лоиҳаи нави Кодекси нави андоз, Олим Салимзода оид ба таъсиси идораи нотариалӣ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, Рустам Латипов вобаста ба зарурати вусъат бахшидани маблаггузории барномаҳои экологӣ, Сабоҳат Муқумова доир ба сабабҳои сари вақт маблаггузорӣ нашудани сохтмони зеристгоҳи Шаҳринав, Олимҷон Сафаров вобаста ба раванди маблаггузории барномаҳои давлатӣ барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, Шакарбек Самадов оид ба сабабҳои кам гардидани азхудкунии маблағҳои сармоявӣ дар сохтмон ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обӣ ва Мироҷиддин Ҳакимов доир ба омилҳои афзоиши бақияпулиҳои андоз ба роҳбарони вазорату идораҳои марбута саволҳо дода, посух гирифтанд.*

*Амиршо Миралиев дар робита ба саволҳои аз ҷониби вакилон пешниҳодгардида, ба масъулин дастур дод, ки барои ҳалли мушкилоти зикргашта фаъолияташонро вусъат бахшанд.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Акнун ба музокира мегузарем. Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Маҳмадшариф Ҳакдодов дода мешавад.



**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Рушди соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар ба шумор меравад, мавқеи ҳалкунанда дошта, барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоии худӣ, ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ ва шуғли бештари аҳолии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва расидан ба ин ҳадафи стратегӣ солҳои охир Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», як қатор қонунҳои нави танзимкунандаи соҳаи кишоварзӣ ва инчунин санадҳои байналмилалӣ қабул гардидаанд, ки дар заминаи онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи барномаҳои қабулгардида чораҳои мушаххас меандешад.

Яке аз чунин чорабиниҳо ин маблағгузории соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ҳамасола барои рушди соҳа дар Буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 ба мақсади дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва рушди минбаъдаи он дар Буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ дар ҳаҷми 40217 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 27201 ҳазор сомонӣ барои соҳаи комплекси агросаноатӣ равона шудааст.

(Идома дар саҳ. 7)

# Сари вақт маблағгузорӣ нагаштани барномаҳои давлатӣ ва афзоиши бақияпулиҳои андоз боиси нигаронист

(Идома аз саҳ. 5, 6)

Тавре зикр гардид, маблағгузории соҳаи кишоварзӣ дар панҷ моҳи соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012-ум» 95,5 фоизро ташкил додааст ва сабаби пурра маблағгузорӣ нагардидани соҳаи кишоварзӣ, чун соҳаҳои дигар, сари вақт аз худ нагардидани маблағҳои қарзию грантӣ дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ арзёбӣ мегардад, ки хело ташвишовар аст. Пурсида мешавад: ин чӣ гуна муносибат аст, ки маблағҳои қарзию грантӣ бо машаққати зиёд ба ҷумҳурӣ ворид шуда, вале аз ҷониби масъулин самаранок истифода намешаванд?

Ин ҷо боз як масъалаи дигарро бояд зикр намоям, ки ин ҳам маблағгузории рушди соҳаи тухмипарварӣ мебошад. Гарчанде ба ин мақсад барои харидани картошкаи тухмӣ аз дохили кишвар 2,5 млн.сомонӣ ҷудо гардида бошад ҳам, ин барои амалӣ шудани «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» нокифоя аст, чунки рушди соҳаи тухмипарварӣ ва таъмини хоҷагиҳо бо тухмии аълосифати ватании дигар зироатҳои кишоварзӣ барои рушди бахшҳои кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Барои ҳамин ҳам зарур аст, ки дар Буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи тухмипарварӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ шавад ва барои таъмини хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бо истифода аз технологияҳои замонавӣ, чораҳои мушаххас андешида шаванд, зеро рушди соҳаи тухмипарварӣ ва дар ин замина таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ бо тухмии зироатҳои кишоварзӣ ва инчунин коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ аз омилҳое мебошанд, ки барои таъмини амнияти озуқавории кишвар заминаи асосӣ мегузорад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Шодӣ Шабдолов дода мешавад.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Бояд эътироф намуд, ки давоми чанд соли охир раванди таҳия, иҷро ва назорати Буҷети давлатӣ хеле беҳтар гаштааст. Ин дастовард, пеш аз ҳама, дар натиҷаи фароҳам шудани заминаи мукаммали қонунгузорӣ аз ҷониби парлумон ба даст омадааст. Сониян, фаъолияти пурмаҳсули вазорату идораҳои марбута низ яке аз омилҳои беҳтар гардидани вазъият дар ин ҷода маҳсуб меёбад. Айни замон тибқи маълумот, воридот ба ҷумҳуриамон, дар муқоиса ба содирот, се маротиба зиёд аст. Аз ин бармеояд, ки қисмати зиёди маблағҳои мо



барои дастгирии истеҳсолоти хориҷи кишвар равона мешавад. Бояд идораҳои марбута барои ба эътидол овардани вазъият дар ин бахш аз тамоми имконият самаранок истифода намоянд. Ҳамзамон истифодаи самараноки қарзҳои хориҷӣ низ бояд дар маркази диққати сохторҳои дахлдор қарор дошта бошад, зеро таҷрибаи як қисм кишварҳои Аврупо далели возеҳи он аст, ки истифодаи ғайримақсадноки қарзҳои хориҷӣ пайомадҳои ногувор ба бор хоҳад овард. Айни замон дар ҷумҳурӣ ба маблағи зиёда аз 2 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ амалӣ мешавад. Дар робита ба ин масъулинро лозим аст, ки баҳри истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки ин маблағҳо ҷаҳду талош намоянд.

**РАИСИКУНАНДА:** – Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Маҳмадшариф Нозимов дода мешавад.

**Маҳмадшариф НОЗИМОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**

Аз ҳисоботи мақомоти молия, андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар панҷ моҳи соли ҷорӣ, сарфи назар аз таъсири омилҳои берунӣ, Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ рӯй ба афзоиш дошта, нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати



Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барзиёд иҷро гардидааст.



Дар баробари ин, бояд зикр намоем, ки дар асоси барномаи қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади амалӣ намудани стратегияи рушди миллӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ боз ҳам такмил додани ислоҳоти иқтисодӣ ва баланд бардоштани рушди босуботи иқтисодиёти кишвар дар шароити имрӯза дар ҷойи аввал меистад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳои номбаршуда боз ҳам такмил додани низоми молиявӣ, низоми андозбандӣ ва низоми гумрукӣ ва сохтори мақомоти асосии таъминкунандаи иҷрои Буҷети давлатӣ шарти асосии ислоҳоти иқтисодӣ мебошад.

Дар баробари ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки дар назди мақомоти молия, андоз ва гумрук барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар истодааст, таваҷҷуҳ намудан ба чанд масъалаи аз тарафи мо пешниҳодшаванда низ аз манфиат холӣ нест.

1. Дар баробари қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» иҷрои ин қонунро дар ҳама шакли субъектҳои хоҷагидорӣ таҳти назорат гирифта, барои боз ҳам такмил додан ва риоя намудани низоми баҳисобгирӣ ва омор бояд аз тарафи мақомоти дахлдор пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад, зеро баҳисобгирӣ ойинаи иқтисодиёт буда, дар асоси дуруст муайян намудани сатҳи воқеии иқтисодиёт онро дуруст ба танзим даровардан имконпазир мебошад.

Агар низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дуруст ба роҳ монда нашавад, ҳалли масъалаҳои вобаста ба мақомоти гумрук, андоз, молия ва омор комилан ғайриимкон мебошанд.

2. Ҳамасола дар ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аз худ нагардидани маблағҳои қарзию грантӣ дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ масъалагузорӣ шавад ҳам, аз тарафи мақомоти дахлдор оид ба бартараф намудани он чораҳои дуруст андешида намешавад.

Тавре дар ҳисобот нишон дода шудааст, азхудкунии маблағҳои қарзию грантӣ дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз 9 то 46 фоизро дар бар мегирад, ки боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад.

Дар баробари ин, бояд зикр намоем, ки сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ дар аксари ин марказҳо ба талабот ҷавобгӯй нест. Дар мисоли иҷрои корҳои сохтмонии роҳи Душанбе-Данғара зикр карданӣ ҳастам, ки баъзе қитъаҳои роҳ ҳоло ба истифода надода, се- чор бор аз сари нав такрор ба такрор сохта мешаванд. Фурӯравии қитъаҳои алоҳидаи роҳ нишонаи он аст, ки назорат аз болои иҷрои сохтмон таври лозимӣ роҳандозӣ нашудааст.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки иҷрои барномаҳои сармоягузорӣ зери назорат гирифта, риояи талаботи технологияи роҳсозӣ, сохтмонӣ ва дигар талаботи дар созишномаҳои қарзӣ нишондодашуда зери назорати доимӣ гирифта шуда, самаранок истифода бурдани ҳар як сомонӣ маблағи қарзӣ кафолати самаранок истифодабарии 30-40 фоизи хароҷоти Буҷети давлатиро таъмин менамояд.

3. Дар ҳисобот маълумот оид ба ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи гумрук ба назар мерасад, ки ташвишовар буда, аз номукаммал будани сохтори ин мақомот дарак медиҳад.

Давоми панҷ моҳ ошкор гардидани 2250 ҳодисаи қонуншиканӣ, бастани ҷарима ба маблағи қариб 2 миллион сомонӣ аз ҳисоби ҷаримаҳои ошкоргардида ва ситонидани маблағи умумӣ 34,5 миллион сомонӣ нишонаи ба таври воқеӣ риоя нагардидани низоми гумрукӣ ҳам аз тарафи воридкунандагон ва содиркунандагони молу маҳсулот ва кормандони ин мақомотро нишон медиҳад.

Вобаста ба ин, такмил додани низоми гумрукӣ, ҳар чӣ бештар ба соҳибкорон омӯзонидани талаботи гумрукӣ ва такмил додани Кодекси гумрук воситаи бартараф сохтани ин камбудиҳо ба шумор меравад.

4. Масъалаи ташвишовари дигаре, ки дар ҳисобот оид ба фаъолияти мақомоти молия, андоз ва гумрук ба чашм мерасад, аз аввал то ба охир ошкор гардидани камбудиҳо ва норасоиҳо, ба монанди изофанависӣ, рӯйпӯшнамоии маблағҳои андоз, расонидани зарари молиявӣ, таъмин нагардидани иҷрои буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо, дуруст ба нақша нагирифтани даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳама шакли субъектҳои хоҷагидорӣ, тасарруф ва азхудкунии маблағҳои буҷетӣ, шумораи зиёди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғайра, дар маҷмӯъ, ба паст будани сатҳи сиёсати кадрӣ ва нодуруст ҷобаҷонамоии мутахассисони воқеии соҳаҳои марбута мебошад ва сол аз сол ин масъала рӯ ба афзоиш дорад.

Вобаста ба ин, ҳар чӣ тезтар омода ва амалӣ намудани Барномаи сиёсати кадрӣ дар ҷумҳурӣ ва дар асоси озмуни воқеӣ ҷо ба ҷо намудани мутахассисон дар ҳама сатҳи роҳбарӣ роҳи бартараф намудани аксари камбудиҳои дар муҳокимаи имрӯза садодода ба шумор меравад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Махфират Хидирова дода мешавад.

**Махфират ХИДИРОВА: - Мӯҳтарам Раисикунанда, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Муҳокимаи парлумонии имрӯза «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» бори дигар собит месозад, ки назорати парлумонӣ аз болои иҷрои нишондодҳои ин ҳуҷҷати муҳими молиявӣ заруру саривақтӣ буда, самаранок амалӣ намудани он баҳри татбиқи ҳадафу мақсадҳои пешгузоштаи Ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти он имконият фароҳам меоварад. Гузориши кумита, мақомоти дахлдори давлатӣ ва саволу ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки худи механизми амалинамоии он батадриҷ такмил ёфта, даромади Буҷети давлатӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун таъмин шуда истодааст. Дар баробари ин, механизми назорати сарфи маблағҳо низ тақвият ёфта, тавассути онҳо истифодаи самараноки ҳар як дирами буҷет таҳти назорат гирифта шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъмини иҷрои буҷети имсола вобаста ба талаботи рӯз хусусиятҳои хоси худро дорад. Пеш аз ҳама бояд дар хотир дошт, ки супоришҳои Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, боло бурдани ҳаҷми нафақаю стипендияҳо ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ садо



дода буданд, дақиқӣ, шаффофият ва банақшагирии амиқи сарчашмаҳои буҷетиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ба вазорату идораҳои дахлдор лозим аст, ки маҳз ҳамин нуктаро ба инобат гирифта, барои амалӣ намудани марҳилаи навбатии зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаи иҷтимоӣ чораандешӣ намоянд.

Инчунин бояд зикр намоям, ки маблағгузории саривақтии барномаҳои давлатии соҳавӣ низ яке аз қисматҳои таркибии масъалаи муҳокимашаванда ба ҳисоб меравад. Муҳокимаҳои парлумонии қаблӣ нишон медиҳанд, ки сари вақт ҷудо нагардидани маблағҳо дар бисёр ҳолатҳо боиси сари вақт татбиқ нагаштани ин барномаҳо мешаванд. Дар маводи таҳлилии пешниҳоднамудаи кумита имрӯз низ оид ба ин масъала ишораҳо мавҷуданд. Дар баробари ин, нишон дода шудааст, ки ҳаҷми азхудкунии маблағҳои мавҷуда низ дар доираи баъзе лоиҳаҳои инвеститсионӣ қаноатбахш набуда, дар ин самт мақомоти дахлдорро лозим аст баҳри сари вақт азхудкунии маблағҳои мавҷуда низ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Ҳамчунин зикр намудан лозим аст, ки сиёсати молиявӣ имрӯз яке аз ҷанбаҳои муҳиме маҳсуб меёбад, ки он бевосита таҷассумгари рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба ҳисоб рафта, тавассути нишондиҳандаҳои он пешрафти соҳаҳои гуногун ва умуман дараҷаи зисту зиндагонии мардум арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, фикр мекунам, ки имрӯз ҳам парлумон ва ҳам Ҳукумат бояд талоши якҷоя баҳри сифатнок иҷро ва самаранок татбиқ гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дошта бошанд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Истаравшан №23 Лутфилло Саидмуродов дода мешавад.

**Лутфилло САИДМУРОДОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда ва ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама меҳоҳам зикр намоям, ки Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ҳисоботи пешниҳодгардидаро оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ моҳи соли 2012 мавриди баррасӣ қарор дода, ба кормандони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо масъулияти баланд масъалаҳои иҷрои қонуни асосии молиявию иқтисодии кишварамонро дар давраи ҳисоботӣ ба анҷом расониданд, изҳори миннатдорӣ баён мекунад.

Ҳамзамон оид ба ҳисоботи мазкур баъзе андешаҳоро баён карданиам.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар сиёсати худ ду самтро ба роҳбарӣ гирифтааст, якум ин сол аз сол мунтазам зиёд кардани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф, дуюм, баланд



бардоштани маҳсулнокии соҳаи маориф, ки аз самаранок истифода бурдани маблағҳои ҷудошуда вобаста мебошад.

Дар самти аввал Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад гузошта буд, ки хароҷоти маблағро барои соҳаи маориф камаш то 5 фоизи ММД расонида, аз он қисми зиёдашро барои таҳсилоти умумӣ сарф намояд. Дар татбиқи ин мақсад агар соли 2004 барои соҳаи маориф 190 млн. сомонӣ сарф карда шуда бошад, ки 2,5 фоизи ММД-ро ташкил медод, пас соли 2012-ум 1,6 млрд. сомонӣ пешбинӣ шуда, 4,6 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.

Имрӯз мо шоҳиди он мебошем, ки қисмати асосии буҷети соҳаи маорифро хароҷоти таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳад. Барои ин зинаи таҳсилот зиёда аз 60 фоиз маблағҳои барои соҳа пешбинигардида сарф мешаванд. Ба таҳсилоти олии касбӣ бошад, зиёда аз 17 фоиз, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тахминан 4 фоиз маблағҳои буҷети соҳаи маориф рост меояд. Чунин нишондиҳандаҳо боиси қаноатмандӣ мебошанд.

Лекин дар баамалбарории самти дуюми ислоҳоти маориф, ки аз масъалаҳои мунтазам такмил додани низоми маблағгузорӣ, идора ва банақшагирии маблағгузории буҷетӣ, хусусан дар сатҳи маҳаллӣ, иборат мебошад, мушкилот сол ба сол такрор меёбад.

Тибқи ҳисоботи барои муҳокимаи ошкорои парламентӣ пешниҳодшуда маълум мешавад, ки дар соҳаи маориф иҷрои қисми вазифавии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ моҳи соли 2012-ум 98,5 фоизро ташкил кард, яъне аз 463 млн. сомонии банақшагирифташуда 456,2 млн.сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Бо назардошти он ки аз ин маблағҳо 51,1 млн. сомониро маблағҳои махсус ва 8,8 млн. сомониро лоиҳаҳои инвеститсионӣ ташкил медиҳанд ва дар сатҳи 100 фоиз иҷро гардидаанд, иҷро нашудани маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми 6,8 млн. сомонӣ бевосита ба маблағҳои буҷетӣ тааллуқ дорад.

Иҷрои қисми вазифавии буҷети ҷумҳуриявӣ бошад, дар панҷмоҳаи соли 2012-ум 98,4 фоизро ташкил дод, ки ин кам маблағгузории соҳаи маорифро дар ҳаҷми 2,6 млн.сомонӣ нишон медиҳад.

Тавре аз ҳисоботи пешниҳодгардида маълум мегардад, вазъияти ташвишовар дар соҳаи маориф маҳз дар иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ дида мешавад. Масалан, иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ дар соҳаи маориф дар давраи ҳисоботӣ танҳо 94 фоизро ташкил кард, яъне аз 386,5 млн. сомонии банақшагирифта танҳо 363,1 млн.сомонӣ иҷро гардид. Агар дар вилояти Суғд иҷрои буҷет дар соҳаи маориф 100 фоизро ташкил карда бошад, дар вилояти Хатлон 97 фоиз ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 90 фоиз, дар баъзе ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои буҷет дар соҳаи маориф дар доираи 63-78 фоизро ташкил дод.

Мо бояд доимо дар назар дошта бошем, ки маблағгузории системаи маориф бештар аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ сурат мегирад. Барои мисол, соли 2012 аз 1,6 млрд. сомонии барои соҳаи маориф банақшагирифта 1 млрд. сомонии хароҷот ба буҷетҳои маҳаллӣ тааллуқ дорад. Мо бояд дуруст дарк намоем, ки аз тарафи аҳолӣ ба хароҷоти буҷетӣ, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари сатҳи хизматрасонии давлатӣ ва ҷамъиятӣ баҳо дода мешаванд ва пеш аз ҳама, дар сатҳи маҳалҳо.

Бинобар ин, аз мақомоти дахлдор хоҳиш карда мешавад, ки ба масъалаҳои дуруст банақшагирии буҷетҳои маҳаллӣ ва иҷрои онҳо аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, хусусан дар соҳаи маориф, зеро дар буҷети соли 2012 ба ҳисоби миёна тақрибан 40 фоизи хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро хароҷоти соҳаи маориф ташкил медиҳад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Музокираҳо хотима ёфтанд. Ҳоло лозим медонам вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ андешаҳоямро иброз намоям.

**Вакилони гиромӣ, ҳозирини мӯҳтарам!**

Дар ҷараёни иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум се маротиба муҳокимаҳои парламентӣ баргузор шуда, дар онҳо масъалаҳо вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2010, 2011 ва 2012 дар вазорату идораҳои кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қобили зикр аст, ки таваҷҷуҳи вакилон дар ҷараёни баргузории муҳокимаҳои парламентӣ оид ба вазъи иҷрои Буҷети давлатӣ дар вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ хеле зиёд буд. Муҳокимаҳои парламентӣ бо фарогирии ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба иҷрои қонун дар бораи буҷет сурат гирифта, маълумоти масъулини вазорату идораҳои марбута шунида шуда, оид ба масъалаҳои дахлдор қарор ва тавсияҳо қабул гардида буданд.



Ба андешаи мо, тавсияҳои қабулшуда ва амалӣ намудани онҳо ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» то як андоза таъсири мусбӣ расонидааст.

Чунончӣ, дар панҷ моҳи соли ҷорӣ афзоиши Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ба 7,3 фоиз баробар гардидааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 693 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми даромади Буҷети давлатӣ бошад, 3 (се) млрд. сомониро ташкил дод, ки иҷрои нақшаро дар ҳаҷми 103,0 фоиз таъмин мекунад. Даромади буҷет аз рӯйи андозҳои дохилӣ ва воридот аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии беруна аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан ба 103,5 фоиз ва 100,2 фоиз таъмин шудааст.

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам оид ба иҷрои Буҷети давлатӣ дар фаъолияти мақомоти марбута камбудию норасоиҳо ҷой доранд.

Масалан, дар натиҷаи таъмин нагардидани иҷрои панҷ намуди андозҳо ба буҷети давлатӣ зиёд аз 98 млн.сомонӣ ворид нагардид. Инчунин дар шаш шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нақшаи иҷрои буҷет ба маблағи зиёда аз 5,5 млн.сомонӣ таъмин нашуд.

Сарфи назар аз чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзоиши бақияпулиҳои андоз нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба 65,7 млн. сомонӣ баробар шудааст. Аз маблағи умумии бақияи қарзҳои андоз ва пардохтҳои дигар, ки маблағи 597,4 млн.сомониро ташкил медиҳад, 36,2 фоиз (216,2 млн.сомонӣ) ба андоз аз арзиши иловашуда, 12,8 фоиз (77,0 млн.сомонӣ) ба андози иҷтимоӣ, 6,5 фоиз (38,5 млн. сомонӣ) ба андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, 6,7 фоиз (39,9 млн. сомонӣ) ба андоз аз фоида, 5,8 фоиз (34,5 млн.сомонӣ) роялтӣ барои об ва боқимонда ба дигар намуди андозҳо рост меояд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади маблағгузории барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Барномаи барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳи обкашӣ барои солҳои 2010-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 таҳти рақами 235 ва «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 таҳти №514 тасдиқ шудааст, то ҳол маблағ ҷудо нагардидааст.

«Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 таҳти №112 ва «Барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №586 тасдиқ гардидааст, то ин давра мутаносибан 12,0 ва 2,2 фоиз маблағгузорӣ шудаасту халос.

Дар баробари ин, мувофиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли панҷ моҳи соли равон дар натиҷаи гузаронидани 399 тафтишу санҷишҳои фаъолияти молиявии хоҷагӣ ба маблағи 65,8 млн.сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,1 млн.сомонӣ зиёд аст.

Мутаассифона, қонуншиканиҳо дар истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷетӣ қариб дар ҳамаи вазорат ва ташкилоту муассисаҳо ба назар мерасанд.

Аз ин рӯ, камбудию норасоиҳои зикршуда бояд масъулини соҳаҳои дахлдорро бетараф нагузорад ва ба онҳо зарур аст, ки барои бартараф кардани камбудиҳо ва пешгирии қонуншиканиҳо масъулият ҳис намуда, чораҳои дахлдор андешанд.

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки на ҳама тавсияҳои дар ҷаласаҳои гузашта қабулшуда аз тарафи шахсони масъул бояду шояд ба назар гирифта шудааст ва ё имкониятҳои мавҷуда пурра истифода нагардидаанд.

Бинобар ин, аз раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия мӯҳтарам Сафаралӣ Худоёрович талаб карда мешавад, ки дар оянда назоратро аз болои иҷрои дахлдори қарору тавсияҳои дар муҳокимаҳои парламентӣ қабулшаванда ҷиддӣ ба роҳ монад.

**Меҳмонони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Бори дигар диққати шуморо ба масъалаи андоз ва андозбандӣ ҷалб намуда, унсури муҳим ва яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ будани онро таъкид карданиам. Андозҳо аз ҷумлаи он омилҳое мебошанд, ки барои қаноатманд намудани ниёзҳои иҷтимоӣ нақши аввалиндараҷа мебозанд. Маҳз тавассути андозҳо давлат сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии худро муназзам месозад.

Бо мақсади такмили низоми идораи давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ ва таъмини воридоти устувори даромадҳо ва пардохтҳои давлатӣ ба буҷети мамлакат, системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи оғози эҳёи давлатдории Тоҷикистон ҳамчун муҳимтарин нишонаи истиқлолият ва асоси молиявии давлат ба миён омадааст. Имрӯз ин низом дар арафаи ислоҳоти куллии соҳавии худ қарор дорад. Манзури мо ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудани лоиҳаи нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуда буданд: «Ҷиҳати афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ бо роҳи ҳавасманд намудани андозсупорандагон ва андозбандии пурраи онҳо ислоҳот дар бахши андоз вобаста ба ҳар чӣ содда намудани низоми андозбандӣ ва кам кардани шумораи андозҳо тавассути муносиб сохтани миқдори умумии онҳо ба таври ҷиддӣ идома дода шавад».

Вале ба ақидаи мутахассисон, дар лоиҳаи нави пешниҳодшудаи Кодекси андоз ҳавасмандкунии соҳибкорон то ҳол заиф аст. Ҳарчанд шумораи умумии андозҳо кам шуда бошанд ҳам, вале вазни қиёсии онҳо бетағйир мондааст. Ҳол он ки воридшавии маблағҳоро ба Буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ ба мақсадҳои ислоҳоти зикргардида мувофиқтар мебошанд.

Аз назари соҳибкорон, дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз масъалаи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор низ шаффоф инъикос нагардида, ба кормандони мақомоти андоз ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд пешниҳод шудааст. Бинобар ин, чуноне Ҷаноби Олӣ таъкид намуда буданд, санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор танҳо барои пайдо намудани камбудӣ ва ҷазо додани соҳибкор набуда, балки намояндаи мақомоти андозро зарур аст, ки бо соҳибкор корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намояд, зеро ин барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкор мусоидат менамояд ва боиси воридшавии саривақтии пардохтҳои ҳатмӣ ва андозҳо ба Буҷети давлатӣ мегардад.

Бинобар ин, мақомоти андоз ва Ҳукумати ҷумҳуриро зарур аст, ки лоиҳаи нави Кодекси андозро бо назардошти ҳамин таъкидҳои Сарвари давлат ва таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар ин соҳа таҳия карда, баъдан ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Албатта, мо -вакилони Маҷлиси намояндагон дар навбати худ барои боз ҳам бештар такмил ёфтани лоиҳаи пешниҳодшаванда саҳмгузор хоҳем буд.

Масъалаи дигаре, ки дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ истодааст ва он аз супориши Ҷаноби Олӣ, ки дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода буданд, сарчашма гирифта, ҳамчун тадбири саривақтӣ арзёбӣ мешавад, то 15 фоиз ихтисор намудани шумораи хизматчиёни давлатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Бояд зикр намоем, ки Ҷаноби Олӣ дар Паёми худ махсус зикр намуда буданд, ки танҳо ҳамон қисмати хизматчиёни давлатӣ ихтисор карда мешаванд, ки ӯҳдадории мансабии онҳо ҳамдигарро такрор мекунанд. Яъне, ҳамон як вазифа ё ӯҳдадории мансабӣ аз ҷониби якчанд хизматчии давлатӣ ва ё сохтор иҷро карда мешавад. Бинобар ин, гурӯҳи кориеро, ки дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои ин супориши Сарвари давлат таъсис шудааст, зарур аст, ки фаъолияти худро дар асоси таҳлилҳои амиқу ҳамаҷониба ба роҳ монад.

**Вакилони мӯҳтарам ва меҳмонони гиромӣ!**

Хотиррасон карданиам, ки дар Маҷлиси намояндагон минбаъд низ таҷрибаи баргузории муҳокимаҳои парламентӣ бо назардошти зарурияти масъалаҳо дар вазорату идора ва муассисаҳои гуногуни кишвар оид ба иҷрои истифодаи самараноки маблағҳои Буҷети давлатӣ идома дода хоҳад шуд.

Бинобар ин, бори дигар аз масъулони соҳаҳои дахлдор талаб карда мешавад, ки қарор ва тавсияҳои чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз қабулшавандаро ҳаматарафа омӯхта, муқарраroти онро ба роҳбарӣ гирифта, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта талошу кӯшиш ба харҷ диҳанд.

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Ба мо лозим аст, ки мутобиқи банди 278-уми Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаи баррасишуда қарор ва тавсияnoma қабул намоем. Лоиҳаи қарор ва тавсияҳои муҳокимаи парламентии имрӯзаро, бо назардошти таклифу дарxостҳо ва пешниҳодоти иштирокчиён, ба овоз мемонам.

*Қарор ва тавсияҳо қабул шуданд.*

Муҳокимаи ошкорои парламентиро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев ҷамъбаст намуда, бори дигар масъулинро ба рафъи саривақтӣ ва бечуну чарои камбудиҳои зикргардида ҳидоят намуд.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир А. ИСОЕВ***

## Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Қарори

### ҷаласаи муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012»

Ҷаласаи муҳокимаи парламентӣ масъаларо «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

1. Гузориши раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов С.Х. «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 212» ба маълумот гирифта шавад.

2. Ахбори вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов С.М., раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Н.М. ва муовини аввали сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматов Н.С. «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» ба маълумот гирифта шаванд.

3. Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ бо назардошти таклифу дархостҳо ва пешниҳодҳои воридгардида қабул карда шаванд (замима мегарданд).

4. Гузориш ва тавсияҳои ҷаласа ба вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои чораҷӯӣ ирсол карда шаванд.

5. Назорати иҷрои қарори ҷаласаи муҳокимаи парламентӣ ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия гузошта шавад.

6. Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп карда шаванд.

**Раисикунандаи ҷаласаи муҳокимаи парламентӣ, муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.МИРАЛИЕВ**

**ш.Душанбе, 22 июни соли 2012 №7**

*Замима ба қарори ҷаласаи муҳокимаи парламентӣ аз 22 июни соли 2012 №7*

# Тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ

### «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012»

Муҳокимаи парламентӣ масъаларо «Оид ба ичрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» баррасӣ намуда, тавсияҳои зеринро **қабул менамояд:**

**1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо, аз ҷумла таъмини сифатноки иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд;

- маблағгузории саривақтии чорабиниҳои дар буҷети соли 2012, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳангу варзиш ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешбинигардидаро таъмин намуда, барои амалӣ гардидани барномаҳои давлатии соҳавӣ дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор маблағҳои заруриро сафарбар намоянд, истифодабарии мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷетиро таъмин намоянд;

- бо мақсади сари вақт таъмин намудани иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҷиҳати амалӣ намудани марҳилаи дуюми зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, стипендия ва равона намудани маблағҳои озод ва иҷрои барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба ин мақсад чораҳои зарурӣ андешад;

- бо назардошти пешгирӣ намудани такроршавии вазифаҳои хизматӣ, такмили сохтор ва кам кардани хароҷоти мақомоти идоракунии давлатиро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида амалӣ намояд;

- ба таҳияи сифатноки лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 диққати ҷиддӣ дода, дар он тавсияҳо ва дархостҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда ба инобат гирифта шаванд.

**2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

-муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» оид ба иҷрои саривақтӣ ва сифатноки нақшаи андозҳо, пардохтҳо, аз он ҷумла андози иҷтимоӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ барои ҳар як давраи ҳисоботӣ пурра ва барзиёд таъмин намояд;

- бо назардошти он ки мавриди амал қарор додани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз оғози соли 2013 пешбинӣ шудааст ва бо мақсади татбиқи дурусти он, барои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастурамалҳои дахлдор чораҷӯӣ намояд, инчунин барои анҷом додани корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз омодагӣ гирад;

- барои аз ҷониби шумораи ҳар чӣ бештари андозсупорандагон пешниҳод гардидани эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ чораҳои мушаххас андешад (дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Бо назардошти таҷрибаи дигар давлатҳо Феҳристи мошинаҳои назоратии хазинавиро ташкил намояд ва рафти истифодаи онро таҳти назорат қарор диҳад;

- бо назардошти дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав кам шудани шумораи андозҳо, ҳисоботҳо ва пардохтҳо, паст шудани меъёрҳои андоз, зиёд гардидани имтиёзоти андозӣ барои ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ чораҷӯӣ намояд;

- барои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ва босифат иҷро намудани «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012 №626 тасдиқ шудааст, пайваста чораҷӯӣ намояд;

- бо мақсади дар сатҳи замонавӣ анҷом додани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз ҷониби мақомоти андоз риоя гардидани муқаррароти Стандарти ягонаи давлатии хизматрасониро таъмин созад.

**3. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- корҳои назоратиро аз болои дуруст муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт пурзӯр карда, иҷрои сифатноки нақшаи пардохтҳои гумрукиро таъмин намояд;

- татбиқи «Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро идома диҳад;

- соддагардонии расмиёти гумрукиро идома дода, самаранокии фаъолияти Системаи иттилоотии автоматикунонишудаи ягонаро таъмин намояд.

**4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони вазорату идораҳо ва сохторҳои онҳо:**

- барои иҷрои пурраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» тамоми чораҳоро андешанд;

- риояи принсипҳои қонуният, устувории идоракунӣ ва шаффофияти истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин идора ва харҷ намудани онҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

# Бурҳониддин Каримзода ғолиби озмун шуд

**25 июн озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология, ки Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуда буд, ҷамъбаст ва ғолибони он муайян гардиданд.**



Муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеаи рӯзномаи «Садои мардум» Бурҳониддин Каримзода ғолиби озмун гардида, бо ишғол намудани мақоми аввал сазовори мукофоти таъсисдода – маблағи 800 сомонӣ шуд.

Журналистон Сайфиддин Суннатӣ ва Турко Дикаев соҳиби ҷойҳои дуюм ва сеюм шуда, ба миқдори 600 ва 400 сомонӣ қадрдонӣ шуданд.

Комиссияи озмун ба мақолаи Бурҳониддин Каримзода, ки таҳти унвони «Вазъи экологӣ пуршиддат мегардад» таълиф шуда буд, 79 хол баҳогузорӣ кард. Ба мақолаҳои Сайфиддин Суннатӣ ва Турко Дикаев, ки дар мавзӯъҳои: «Зироате, ки 30000 намуди маҳсулот медиҳад» ва «Таджикистан-Узбекистан: Европарламент пытается выработать позицию по Рогунской ГЭС» иншо шуда буданд, мутаносибан 73 ва 72 холӣ дод.

Ғолибони озмунро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев зимни баргузории ҷаласаи ҳайати комиссияи озмун эълон ва тӯҳфаҳои таъсисдодаи роҳбарияти Маҷлиси намояндагонро ба онҳо тақдим кард.

Амиршо Миралиев зимни табрики ғолибони озмун дар бораи мақсади асосии ташкил намудани чунин озмун аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори андеша намуда, аз ҷумла таъкид кард, ки озмуни мазкур бо мақсади огоҳӣ доштан аз рӯйдодҳои экологии ҷаҳон, ҷалби бештари рӯзноманигорон, олимону коршиносон ва дигар доираҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба масъалаҳои экологӣ ва ҳалли онҳо, инъикоси мавқеъ ва сиёсати давлатии экологӣ ва ба ин восита ғанӣ гардонидани фазои иттилоотӣ бо мақолаҳои инъикоскунандаи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст.

Эълон дар хусуси гузаронидани озмун ва шартҳои он дар сомонаҳои интернетии Маҷлиси намояндагон www. parlament.ti ва Комиссияи муваққатии экологӣ www/ccomission.li ҷой дода шуда, инчунин дар рӯзномаи «Садои мардум», ҳафтаномаи «Минбари халқ» ва дигар воситаҳои ахбори омма нашр гардида буд.

Дар давраи якуми ҷамъбасти озмун ба унвони Комиссияи муваққатии экологӣ 15 мақола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод гардид, ки ба инъикоси воқеии масъалаҳои мубрами экологӣ, мавқеъ ва сиёсати экологии Тоҷикистон, давлатҳои ҳамсоя ва ташкилотҳои байналмилалӣ бахшида шуданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки бо пешниҳоди Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии роҳбарияти Маҷлиси намояндагон 13 декабри соли 2011 Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани фаъолияти иттилоотии Комиссияи муваққатии экологиии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида буд. Дар асоси қарори мазкур озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология эълон гардида, Низомномаи он тасдиқ шуд ва ҳайати комиссияи озмун иборат аз 11 нафар таъсис ёфт.

Мувофиқи шартҳои Низомнома, озмун аз 1 январ то 25 декабри соли 2012 гузаронида, давоми сол ду маротиба – аз 20 то 25 июн ва аз 20 то 25 декабр ҷамъбаст мешавад.

***Аҳлиддин САЛОҲОВ,***
***муовини мудири шӯъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**•Муҳокимаи парламентӣ**

# Маблағи Буҷети давлатӣ оқилона сарф шавад



Суратгир А. ИСОЕВ

**25 июн дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид, ки ба масъалаи «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2012 бо мақсади татбиқи Консепсияи истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуд.**

Муҳокимаи парламентӣ, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон ва масъулону намояндагони вазорату идораҳои дахлдор иштирок доштанд, таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Саиди Ёқубзод ҷараён гирифт.

Пас аз тасдиқи рӯзномаи ҷаласа вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Сафаров вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ суханронӣ намуда, аз ҷумла изҳор дошт, ки муҳокимаи парламентии имрӯза ба яке аз мушкилоти муҳим бахшида шудааст, зеро зиндагии мардум дар ҷумҳурӣ, асосан ба замин вобаста мебошад ва истифодаи оқилонаи замин ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум таъсир мерасонад.

Зикр шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқавории мамлакатро яке аз ҳадафҳои афзалиятноки расидан ба рушди устувор донистааст. Дар ин раванд истифодаи оқилонаи замин дар шароити кӯҳистону камзамини ҷумҳурӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаб табдил ёфтааст.

Олимҷон Сафаров ҳамчунин тазаккур дод, ки тибқи моддаи 13 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Тавре аз суханронии Сардори давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд: «Замин боигарии асосии мамлакати мост. Ояндаи ҷумҳурӣ, ояндаи халқи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки муносибат ба замин дар кишвари мо чӣ гуна ба роҳ монда мешавад».

Олимҷон Сафаров дар бораи ҳолати имрӯзаи заминҳои корам дар ҷумҳурӣ сухан ронда, изҳор дошт, ки майдони заминҳои корам то 1 январи соли 2012 ба 743,6 ҳазор гектар, аз ҷумла заминҳои обӣ ба 502,8 ҳазор гектар баробар мебошад. Имрӯз ба ҳар як нафар аҳолии мамлакат камтар аз 0,1 гектар замин рост меояд ва дар сурати чунин ҷараён ёфтани афзоиши аҳолӣ ва дар як вақт суръати пасти аз худ кардани заминҳо солҳои наздик ҷумҳурӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо заминҳои кишоварзӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мегардад. Ин вазъ водор менамояд, ки ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳар як ваҷаби заминро мисли гавҳараки чашм эҳтиёт намуда, истифодаи пурра, оқилона ва самаранокии онро таъмин намояд.

Бинобар гуфтаи Олимҷон Сафаров, барои қонунӣ гардонидан ва таҳкими муносибатҳо вобаста ба замин ва соҳаи заминсозӣ аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонунҳо, аз ҷумла «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи баҳои замин», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» қабул гардида, ҳамзамон вобаста ба зарурат ба онҳо тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Зимни суханронии худ мавсуф, ҳамчунин дар бораи камбудӣ ва норасоиҳои дар ин самт ҷойдошта ва маблағҳои буҷетии аз тарафи Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2012 сарфгардида маълумоти муфассал дод. Таъкид гардид, ки Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2012 маблағҳои аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ҷудошударо бахри иҷрои нақшаи чорабиниҳои Консепсияи истифодабарии заминҳо барои гузаронидани корҳои баҳисобгирии давлатии миқдори заминҳо, гузаронидани баҳисобгирии давлатии заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминсозии байни ҷамоатҳо, тадқиқоти калонҳаҷми хок, баҳои иқтисодии замин, тадқиқоти геоботаникии чарогоҳҳо, корҳои харитасозӣ ва барасмиятдарории хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон (ройгон додани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин) сарф кардааст.

Сипас, оид ба масъалаи мавриди муҳокима ва иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2012 бо мақсади татбиқи Консепсияи истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоҳир Зокиров муфассал маълумот дод.

Вакилон ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат доир ба масъалаи мавриди баррасӣ фикру мулоҳиза ва эроду пешниҳодҳояшонро иброз доштанд. Ба пурсишҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулону мутасаддиёни вазорату идораҳои марбута таври муфассал посух доданд.

Дар хотимаи муҳокимаи парламентӣ аз рӯйи масъалаи баррасишуда ва вобаста ба тавсияву пешниҳодҳое, ки аз ҷониби намояндагони мардумӣ ва дигар иштирокдорони муҳокимаи парламентӣ пешниҳод шуданд, қарори дахлдор қабул гардид.

***Шӯъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Сармоягузорони ватанӣ дар таҷдиди намои пойтахт саҳмгузорӣ менамоянд

Чанде пеш бо назардошти омодагӣ ба татбиқи Нақшаи генералӣ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе мулоқоти Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев бо соҳибмулкони 160 квартираҳои дар 15 бинои истиқоматии душоёна дар хиёбони Рӯдакӣ – рақамҳои 157,159,161, 163,165,167,169,171, 173, 175,177, 179, 181, 183 ва 185 ҷойгирбуда баргузор гардид.

Маҳмадсаид Убайдуллоев аз ҳамовозии сокинон дар татбиқи Нақшаи генералӣ изҳори сипосмандӣ намуда, афзуд, ки мувофиқ ба нақшаи омодагиҳо ба ҷашни 90-солагии шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти мамлакат азнавсозии қисмати марказии шаҳр пешбинӣ гардида, ташаббуси ҶДММ «Эъмор»-ро бобати дар заминаи биноҳои дуошёнаи мавҷуда бо риояи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибмулкон бунёд намудани 20 бинои истиқоматии ҳафт-нӯҳошёнаи замонавии дорои марказҳои савдо ва таваққуфгоҳҳои зеризаминӣ дастгирӣ намуд.

Дар ин зимн муқаррар сохт, ки ҳар як соҳибмулк вобаста ба хоҳишашон квартираҳои баробарарзиши замонавӣ дар биноҳои истиқоматии бунёдшаванда таъмин шуда, дар сурати талаб доштани арзиши бозории квартираҳо тибқи муқаррароти қонунгузории кишвар ва мувофиқаи тарафҳо, аз ҳисоби фармоишгар маблағҳо пардохт карда мешаванд. Инчунин таъкид сохт, ки ҳангоми интихоби квартираҳо аз ҳисоби фармоишгар ба ҳар як соҳибмулк квартираҳои муваққатии иҷоравӣ дар тӯли сохтмон то ба истифодадиҳии биноҳои нави истиқоматӣ бо пардохти маблағи моҳонаи иҷора дастрас карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки лоиҳаи ангории таҷдиди минтақаи мазкур аз ҷониби ҶСК «САНИИОСП» таҳия гардида, ҶДММ «Эъмор» фармоишгар ва сармоягузори татбиқи ин лоиҳа буда, мувazзаф шудааст, ки то ҷашни 90-солагии шаҳри Душанбе 20 бинои истиқоматии бисёрошёнаи замонавиро ба истифода диҳад.

***Ш. САИДОВ***

# Ҳамкорӣ вусъат меёбад

**Дар толори маҷлисгоҳи меҳмонхонаи «Гулистон-тур» Шӯрои ҳамоҳангсозии Ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон барои рӯзноманигорон нишасти матбуотӣ доир намуд.**

Раиси Ассотсиатсияҳои истеҳсолкунандагон ва соҳибкорони Тоҷикистон Зайд Саидов дар суханронии худ доир ба фаъолияти сохтори мазкур маълумот дода, зикр намуд, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 ассотсиатсияи соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудааст. Муттаҳид намудани талошҳои иттиҳодияҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ яке аз самтҳои стратегии рушди соҳибкорӣ ва демократисозии ҷомеа буда, дастёбӣ ба он ҳадафи меҳварии фаъолияти ШҲАСИҶТ мебошад. Қарор шуд, ки ба хотири муоширати озоду доимии соҳибкорон, муаррифиву дастгирии тарҳу пешниҳодҳои тоҷирон ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон Маҳфили соҳибкорони Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Масъулин ба соҳибкорони ватанӣ ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии кишвар муроҷиат намуда, онҳоро ба муттаҳидӣ, ташаккул додани рушди соҳибкорӣ, боварӣ ба ояндаи ватани худ даъват намуданд. Зайд Саидов аз соҳибкорон чораандешиҳоро бо мақсади ташаккули фарҳанги соҳибкории шаффоф ва шарафмандона, ҳамкории пайваста бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, солимгардонии фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷию дохилӣ, мусоидати амалӣ барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар, мусоидати ҳамаҷониба ба коҳиши раванди «фирори мағзҳо» аз Тоҷикистон, вусъат бахшидан ба сармоягузории хусусӣ дар соҳаи маориф тақозо намуд.

Зикр шуд, ки вазъияти иқтисодии имрӯзаи кишвар муносибатҳои усулан нав миёни доираҳои соҳибкорӣ, Ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд.

Аъзои Ассотсиатсияи фавқуззикр ҳамаи сохторҳои соҳибкориро, ки фардои худро бо манфиатҳои миллӣ ва ояндаи кишвар пайванд медонанд, ба ҳамкорӣ даъват намуданд.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

**•Довталаб-2012**

# Омӯзгорӣ шарафмандист



Ҳар як фард дар ҷавонӣ кӯшиш бар он мекунад, ки соҳиби ҳунаре гардад ва ба ин васила дар зиндагӣ мавқеъю мартабаи шоистаи хешро дарёбад. Воқеан, ҳунар ҷавҳари фаъолияти инсон аст ва мусоидат ба некӯаҳволиву рӯзгори саодатмандонаи ӯ мекунад. Аз ин ҷост, ки ниёгони хирадмандамон даъват намудаанд:

***Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,***
***Симу зар пеши ҳунар чизе нест.***

Албатта, дар интихоби пешаи ояндаи хеш ҳар кас соҳибихтиёр аст ва бигзор пешаеро бипазирад, ки барояш мақбулу писанд бошад. Дар ҷомеа ҳамаи касбу ҳунару пешаҳо заруриянд ва мавқеъю аҳамияти хоси худро доранд. Бо ин ҳама, аҳли илму адаб, хирадмандон ва мардуми рӯзгордида пешаи омӯзгориро бештар ситоиш кардаву бар он арҷ гузоштаанд ва гаштаву баргашта таъкид аз ҳикмати волои *«Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор, Шавад тира аз бехирад рӯзгор»* намудаанд. Эшон омӯзгориро шарафмандтарини пешаҳо ва машъали раҳнамои аҳли ҷомеа тавсиф бахшидаанд.

Сарвари хирадманду маорифпарвари кишвари маҳбуби мо, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ чун ниёгони бурумандӣ хеш тавсифу ситоиши омӯзгор кардаанд ва аз ҷумла бо як ҷаҳон ихлосу эътимод иброз доштаанд: *«Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии дили худро бедарег ба фарзандони халқ медиҳад ва худро хушбахт мешуморад».*

Ин ситоишномаи олӣ ва муҳаббати Президенти мамлакатамон ҳисси ифтихори мо, аҳли маорифро аз пешаамон дучанд месозад.

Аз ин рӯ, имрӯз ҳар ҷавоне, ки номаи камол дар даст бо орзуву ниятҳои нек пой ба остонаи мактабҳои олии омӯзгорӣ мениҳад, ҳаргиз хато нахоҳад кард, балки ояндаи шукуфову манфиатбори худро таъмин хоҳад намуд ва минбаъд бо маҳбубтарин ашхоси ҷомеа хоҳад даромехт.

Мо шуморо, ҷавонони саодатманди Тоҷикистони азиз, ба маърифатгоҳи хеш, ба маъвои бонуфузтарини омӯзгорони оянда хуш омадед мегӯем ва барои бо муваффақият супоридани имтиҳоноти қабул ва таҳсили бовусъати минбаъдаатон тамоми шароити заруриро фароҳам меоварем. Бояд гуфт, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз куҳантарин мактабҳои олии ҷумҳурӣ буда, соли гузашта, яъне тавъам бо 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 80-солагиашро таҷлил намуд. Ҳоло донишгоҳи мо ҳам аз лиҳози сатҳи таълиму тарбия, ҳам аз ҷиҳати таъмин бо устодони варзида ва ҳам аз нигоҳи таъминот бо таҷҳизоти муосир дар радифи се донишгоҳи беҳтарини ҷумҳурӣ қарор дорад.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳоло як нафар академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, як нафар академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, се нафар узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 43 доктори илм, 163 номзади илм, 185 муаллими калон ва 216 нафар ассистент ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғуланд, ки аксари онҳо муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олии Тоҷикистон мебошанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки базаи тайёр намудани мутахассисони ҷавон дар донишгоҳ мавҷуд мебошад. Донишгоҳ барои ихтисосҳои табиатшиносӣ (биология, география, химия) дар дараи зебоманзари Ромит агробиолаборатория дорад, ки қисме аз дарсҳои саҳроӣ дар базаи он мегузаранд. Вазифаи муаллим будан ҳоло дар бозори меҳнат мақоми хоса гирифтааст, чунки фақат муаллими хуб ба толибилмон дониши мукаммал медиҳад. Аз ин рӯ, волидайн ҳаракат менамоянд, ки фарзандонашон дар назди муаллимони беҳтарин таълим гиранд, то ки дар оянда соҳиби ихтисоси хуб шаванд. Хатмкунандагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ҷойҳои хуби корӣ ва маоши доимӣ таъминанд.

Донишгоҳ дорои 13 факулта аст: филологияи тоҷик, педагогика, таърих, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ, забонҳои романӣ-германӣ, математика, география, химия, физика, технология, биология, иқтисодиёт ва идоракунии соҳаи маориф. Тавассути ин факултаҳо мувофиқ ба 57 ихтисос мутахассисон тайёр карда мешаванд. Дар донишгоҳ 41 кафедраи махсус ва 7 кафедраи умумидонишгоҳӣ фаъолият доранд. Дар шӯъбаҳои донишгоҳ - рӯзона ва ғоибона беш аз 11000 донишҷӯ таҳсил мекунанд. Онҳое, ки пас аз хатми донишгоҳ ҷодаи илмро мепазиранд, метавонанд аз хидмати шӯъбаҳои магистратура ва аспирантураи он ба таври васеъ истифода баранд. Барои таҳсили босамари шумо дар донишгоҳ дарсгоҳу озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, толорҳои компютерӣ, марказҳои омӯзиши амиқи фанҳо, устохонаҳо, китобхонаи дорои хазинаи бузург, китобхонаи электронӣ ва даҳҳо василаҳои дигар мадад хоҳанд расонд. Донишгоҳ дорои чандин варзишгоҳ низ мебошад, ки дар онҳо шумо метавонед дар дарсҳои варзиш ва берун аз дарсҳо ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шавед.

Ҳаёти донишҷӯёни мо ҳамарӯза рангину хотирмон ҷараён меёбад. Пас аз итмоми машғулиятҳо дар донишгоҳ мунтазам маҳфилу нишасту конфронсҳо дар мавзӯъҳои ҷолиб, вохӯрию мулоқотҳо бо одамони наҷиб ва сабқату озмунҳои шавқовар баргузор мешаванд.

Бинои донишгоҳ дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буда, хобгоҳҳои он низ дар паҳлуяш воқеъ мебошанд. Хоҳишмандон метавонанд дар хобгоҳҳои донишгоҳ, ки хуб таъмир ва муҷаҳҳаз шудаанд, истиқомат намоянд.

Бори дигар шумо-ҷавонони азизро ба муносибати пешаи омӯзгорӣ пазируфтанатон табрику таҳният мегӯем ва таманнои онро дорем, ки имтиҳоноти қабулро сарбаландона супорида, сазовори номи пуршарафи донишҷӯйи мактаби олӣ гардед ва дар соли таҳсили нави сафи донишҷӯёни фаъоли донишгоҳро афзунтар намоед.

**Комёбӣ насибатон бод!**

***Абдуҷаббор РАҲМОНОВ, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

(Идома дар саҳ. 9)

# ҚОИДАҲОИ

## ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2012-2013



**1. Муқаррароти умумӣ**

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2012-2013 (минбаъд қоида) дар асоси моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 26 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

***2.Тартиби қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

2.1.Ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ, хориҷиён ва шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

2.2. Ба гурӯҳҳои шартномавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ки ҳуҷҷати баробарарзишии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбиро доранд, қабул мешаванд.

2.3.Ба курси якум шахсоне, ки шаҳодатномаи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар он гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд гардидааст ва инчунин дипломи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, қабул мешаванд.

2.4. Довталабон дар як вақт танҳо дар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи банди 3 ба курси якум қабул карда мешаванд.

2.5. Шахсоне, ки коллеҷҳои соҳавиро бо «Дипломи аъло» хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси 2-юми шӯъбаи рӯзона ва ё ба курси 3-юми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи сӯҳбат ба ҷойҳои буҷетии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда қабул карда мешаванд.

2.6. Шахсоне, ки коллеҷҳои соҳавиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, пас аз се соли хатм ва кор кардан дар истеҳсолот, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси дуюми шӯъбаи рӯзона ва ё ба курси сеюми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи натиҷаҳои аттестатсия ва озмун ба ҷойҳои буҷетии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда қабул карда мешаванд.

2.7. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯйи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намудаанд ва зиёда аз даҳ сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси дуюми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз рӯйи натиҷаи сӯҳбат, бе озмун ба ҷойҳои буҷетии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда, қабул карда мешаванд.

2.8. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯйи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намудаанд ва зиёда аз бист сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси сеюми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи натиҷаи сӯҳбат бе озмун ба ҷойҳои буҷетии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос алоҳида ҷудошуда қабул карда мешаванд.

Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷетии коллеҷҳои соҳавиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба гурӯҳҳои шартномавии курси сеюми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи натиҷаҳои аттестатсия ва озмун ба ҷойҳои шартномавии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда қабул карда мешаванд.

Шахсоне, ки гурӯҳҳои шартномавии коллеҷҳои соҳавиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 13 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба гурӯҳҳои шартномавии курси дуюми шӯъбаи рӯзона ва ё курси сеюми шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи натиҷаҳои аттестатсия ва озмун ба ҷойҳои шартномавии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда қабул карда мешаванд.

2.9. Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар асоси шартҳои зерин қабул карда мешаванд:

-мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ;

-дар ҳудуди ҷойҳои муқарраршудаи қабул бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мувофиқи шартномаи тарафайн ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои ҳар як ҷой дар ҳудуди миқдори муайяншудаи иҷозатнома бо пардохти маблағи таҳсил тибқи риояи қоидаҳои қабул.

Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба хотири эҳтироми забони давлатӣ ба курси тайёрӣ қабул гардида, баъди омӯзиш ба курси аввал интиқол дода мешаванд.

2.10. Нақшаи қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, моликият ва мансубияти соҳавӣ аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2.11. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуқуқ дорад, то 30 фоизи довталабонро ба гурӯҳҳои шартномавӣ аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таълимии соҳавии худ ва ба таври комиссияи қабули сайёр (баъди тасдиқи котиби масъул ва масъулони дигари қабул) ба сафи донишҷӯён қабул намояд.

2.12. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки бо тарзи худмаблағгузорӣ фаъолият мекунад, нақшаи қабули донишҷӯёнро тибқи замимаи иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он теъдоди қабул муқаррар карда шудааст, амалӣ менамояд.

2.13. Бо мақсади таъмини талаботи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуқуқ дорад, ки бо корхонаҳо, ташкилот, муассисаҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва воҳидҳои сохтории дахлдори онҳо тариқи шартномаи тарафайн мутахассисонро тайёр намояд.

2.14. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муайян гардида, бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад ва дар қоидаҳои қабули донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ифода мегардад.

Барои тоҷикони бурунмарзӣ (тоҷикони ақаллиятҳои миллии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маблағи пардохти шартнома чун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2.15. Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, ташкил ва гузаронидани имтиҳони қабул бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои қабули донишҷӯён ба курси якум комиссияи имтиҳони қабул ва барои қабули хатмкардагони коллеҷҳо ва таҳсилоти олии касбии дуюм ба курсҳои болоӣ комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, моликият ва мансубияти соҳавӣ барои интихоби котиби масъули қабул се номзад ва муовини он як номзадро аз ҳисоби докторҳо ва номзадҳои илм барои мувофиқа ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хаттӣ пешниҳод менамояд. Бо мақсади таъмини шаффофияти кори комиссияи қабул ва роҳ надодан ба ҳодисаҳои номатлуби хусусияти коррупсионидошта, котибони масъули комиссияи қабул танҳо ба муддати як сол, муовинон ва котибони техникӣ ба муддати ду сол пайи ҳам таъин мешаванд. Ҷойивазкунӣ миёни котиби масъул, муовинон ва котибони техникӣ манъ аст.

2.16. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фақат бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули донишҷӯёнро аз рӯйи равия ва ихтисосҳои гуногун расман эълон намояд.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд. Комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯйи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯйи равия ва ихтисосҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва тариқи шартномавӣ эълон намояд. Комиссияи қабул номгӯйи фанҳое, ки имтиҳони қабул гузаронида мешаванд, баҳогузорӣ ва тарзи гузаронидани имтиҳони қабул (тестӣ ва анъанавӣ)-ро эълон менамояд. Тарзи гузаронидани имтиҳони қабул (тестӣ ва анъанавӣ) дар асоси қарори Шӯрои олимон ба роҳ монда мешавад.

2.17. Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ имтиҳон ба тарзи зайл сурат мегирад: имтиҳон аз забони давлатӣ, тестӣ ва анъанавӣ мувофиқ ба ихтисосҳо аз рӯйи фанҳои зерин: забони давлатӣ (тоҷикӣ), адабиёт, математика, физика, химия, биология, география, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, забони хориҷӣ ва ихтисос.

2.18. Имтиҳон аз забони давлатӣ пеш аз имтиҳони тестӣ буда, ҳамаи довталабон сарфи назар аз самт, равия ва ихтисоси интихобкардаашон иншо (диктант) месупоранд. Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони русӣ, ӯзбекӣ ва бо забони ақаллиятҳои миллӣ хатм намудаанд ва ба гурӯҳҳои русии ихтисосҳои ғайрифилологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуҷҷат месупоранд, бо забони тоҷикӣ диктант менависанд. Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони давлатӣ хатм намудаанд ва ба гурӯҳҳои русии ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат месупоранд, диктант менависанд. Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони русӣ хатм намудаанд ва ба ихтисосҳои (гурӯҳҳои) русии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуҷҷат месупоранд, аз забон ва адабиёти рус иншо менависанд ва агар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони давлатӣ, ӯзбекӣ ва бо забони ақаллиятҳои миллӣ хатм намуда бошанд, бо забони русӣ диктант менависанд.

2.19. Ба супоридани тест довталабоне иҷозат дода мешаванд, ки аз имтиҳони забони давлатӣ- иншо ё диктант баҳои мусбат гирифта бошанд. Дар сурати аз як бахши тестӣ нагирифтани хол баҳои тестӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Натиҷаи санҷиши иншо баъди 48 соати супоридани имтиҳон ва натиҷаи санҷиши тестӣ на дертар аз 24 соат эълон карда мешавад. (Дар ихтисосҳое, ки теъдоди довталабон дар як ҷой аз се нафар зиёд мебошад, натиҷаи санҷиши иншо баъди 60 соати супоридани имтиҳон эълон карда мешавад).

2.20. Шахсоне, ки бо шаҳодатномаи универсалӣ ва медали тилло муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро хатм намудаанд, ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бе сӯҳбат қабул карда мешавад. Шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯйи равияҳои (гурӯҳи фанҳо) табиию риёзӣ ва гуманитарӣ - ҷамъиятӣ сазовори медали тилло гардидаанд, дар ин равия низ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бе сӯҳбат қабул карда мешаванд.

Шахсоне, ки бо шаҳодатномаи универсалӣ ва медали нуқра муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро хатм намудаанд, бо супоридани баҳои аъло аз тахассус ба курси якум қабул карда мешаванд. Дар сурати муваффақ нашудан, онҳо дар асоси қоидаҳои умумии қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ имтиҳон месупоранд. Шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи равияҳои (гурӯҳи фанҳо) табиию риёзӣ ва гуманитарӣ-ҷамъиятӣ сазовори медали нуқра гардидаанд, дар ин равияҳо бо супоридани баҳои аъло аз тахассус ба курси якум қабул карда мешаванд. Дар сурати муваффақ нашудан дар асоси қоидаҳои умумии қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ имтиҳон месупоранд.

Хатмкунандагоне, ки медалҳои тилло ва ё нуқраро аз рӯйи равияҳо соҳиб шудаанд (гурӯҳи фанҳо: табиию риёзӣ ва гуманитарӣ - ҷамъиятӣ), имтиёзи онҳо танҳо дар ҳамин равияҳо ба инобат гирифта мешавад.

Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шаҳодатномаи муқаррарӣ ва тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, ба ихтисосҳои омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи сӯҳбат қабул карда мешаванд. Шахсоне, ки бо «Дипломи аъло» муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм намудаанд ва дар он гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд гардидааст, ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо гирифтани баҳои аъло аз имтиҳони тахассус ё аз тариқи қоидаҳои умумӣ ба курси якум қабул карда мешаванд.

2.21. Ғолибони олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҷойи якумро ишғол намудаанд ва тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гаштаанд, дар сурати мувофиқати ихтисос бе сӯҳбат ба курси якуми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда мешаванд.

2.22. Ғолибони олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҷойи дуюмро ишғол намудаанд, медал ва тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гаштаанд, ҳангоми дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи сӯҳбат ба ихтисосе, ки ба фан мувофиқ аст, қабул карда мешаванд.

2.23. Ғолибони олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҷойи сеюмро ишғол кардаанд, медал ва тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гаштаанд, аз фанне, ки ба ихтисос мувофиқ аст, имтиҳон месупоранд. Танҳо дар сурати бо баҳои аъло супоридани имтиҳони тахассус аз супоридани имтиҳонҳои минбаъда озод мешаванд, аммо дар мавриди супоридани имтиҳон бо баҳои хубу миёна аз супоридани имтиҳонҳои минбаъда озод намешаванд.

2.24. Ғолибони олимпиадаи байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки соҳиби медали тилло гардидаанд, ба равия ва ихтисосҳое, ки ба фан мувофиқ аст, ҳангоми дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бе сӯҳбат қабул карда мешаванд.

2.25. Ғолибони олимпиадаи байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки соҳиби медали нуқра гардидаанд, ба равия ва ихтисосҳое, ки ба фан мувофиқ аст, ҳангоми дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи сӯҳбат қабул карда мешаванд.

2.26. Ғолибон ва ҷоизадорони олимпиадаҳои (озмунҳои) байналмилалӣ аз рӯйи фанҳои таълимӣ (аз рӯйи ихтисос) бо тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисосҳои мувофиқ, ба курси якуми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи сӯҳбат қабул карда мешаванд. Комиссияи қабул барои чунин ашхос (довталабоне, ки дар бандҳои 20-26 зикр ёфтанд) имтиҳонро пеш аз мӯҳлати муқарраршуда ба роҳ мемонад.

2.27. Ҳамаи довталабон, сарфи назар аз аслу насаб, ҷинс, забон, мансубияти нажодию миллӣ, вазъи иҷтимоию хусусиятҳои касбу кор, эътиқод, мазҳаб ва муносибат ба дин ва мансубияти ҳизбӣ дар гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи баробар доранд. Қабули довталабон ба шӯъбаҳои рӯзона то синни 35-сола ва ба шӯъбаҳои ғоибона бе маҳдудияти синну сол ба амал бароварда мешавад.

2.28. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабул пешниҳод менамоянд:

-ариза ба номи ректор;

-ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ - асл (маълумотнома дар бораи хатми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда намешаванд). Фақат хатмкардагони коллеҷҳои омӯзгорӣ, ки аз хатми таҳсилашон се сол нагузашта бошад, метавонанд бо нусхаи диплом ҳуҷҷатҳояшонро ба комиссияи қабул пешниҳод намоянд;

-маълумотномаи тиббӣ (шакли № 086.У)

-шаш адад сурат (андозаи 3x4 см);

-шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд;

-билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;

-духтарон ва писароне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсия карда мешаванд, қарори Шӯрои педагогии мактаб, тавсияи шӯъбаи маорифи ноҳия ва роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро пешниҳод менамоянд;

-духтарон ва писароне, ки бевосита дар истеҳсолот кор мекунанд, қарори Шӯрои меҳнатӣ, агар собиқаи корӣ дошта бошад, нусха аз дафтарчаи меҳнатӣ ва роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияро пешниҳод менамоянд. Довталабоне, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбиро дар хориҷи кишвар гирифтаанд, баъди аз нострификатсия (баробарарзишии) гузаронидани ҳуҷҷати таҳсилоти худ ва муайян шудани дараҷаи сатҳи таҳсилот метавонанд ба комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат пешниҳод намоянд. Довталабоне, ки мактаб ва литсейҳои хусусиро хатм намудаанд, дар намунаи ҳуҷҷати хатми таҳсилоташон ба ғайр аз мӯҳри муассисаи таълимӣ, бояд мӯҳри шӯъбаи маорифи шаҳру ноҳия гузошта шавад. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул ва комиссияи аттестатсионӣ аз 20 июн то 31 июл муқаррар карда мешавад. Мӯҳлати гузаронидани имтиҳони қабул аз 1 то 20 август таъин карда мешавад.Ба гурӯҳҳои шартномавӣ қабули ҳуҷҷатҳо ва имтиҳони қабул дар мӯҳлатҳои муқарраргардидаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Тартиби қабули довталабони аз имтиҳони дохилшавӣ гузаштаро комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар асоси озмун (конкурс)-и умумӣ аз рӯйи миқдори холҳои дар имтиҳони дохилшавӣ бадастовардаи довталаб бо риояи қатъии қоидаҳои қабул муқаррар менамояд.

2.29.Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, ки дар дипломи намунаи давлатии онҳо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд гардидааст ва миёнаи касбӣ ба шӯъбаҳои рӯзонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, сарфи назар аз собиқаи корӣ ва ихтисос, қабул карда мешаванд.

2.30.Ба гурӯҳҳои буҷетии шӯъбаҳои ғоибонаи ихтисосҳои омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ довталабоне қабул карда мешаванд, ки дар мактаб кор мекунанд ва дар ин хусус ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (роҳхат аз шӯъбаи маорифи шаҳру ноҳия, гувоҳномаю тавсифнома аз мактаб ва нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷойи кор) пешниҳод менамоянд (дар озмун имтиёз ба собиқадорони соҳаи омӯзгорӣ дода мешавад).

2.31. Довталабоне, ки ба имтиҳони қабул ҳозир нашудаанд, баҳои ғайриқаноатбахш гирифташуда ҳисобида мешаванд.

2.32. Бо гирифтани баҳои мусбат (холҳои муайян) аз имтиҳони қабул берун аз озмун қабул карда мешаванд:

- маъюбони гурӯҳҳои якум ва дуюм (аз ҷумла нобиноёни дорои истеъдоди фавқулодда), ки мувофиқи хулосаи тиббӣ-меҳнатӣ таҳсили онҳо дар ихтисоси мазкур манъ карда нашудааст (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ);

-ятимони бе падару модар, тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ.

2.33. Қабули фарзандони иштирокчиёни бартарафкунии оқибатҳои фоҷиаи Чернобил тибқи қоидаҳои қабул ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои фарзандони шаҳрвандоне, ки «бар асари фалокати Неругоҳи барқии атомии Чернобил» зарар дидаанд (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми феврали соли 2010 тахти №2/18) ба роҳ монда мешавад.

2.34. Тартиби қабули духтарон ва писарон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010 тахти №628 «Дар бораи қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Қоидаҳои қабули духтарон ва писарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (беимтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2011-2015» ба амал бароварда мешавад.

2.35. Аз рӯйи натиҷаҳои имтиҳони дохилшавӣ довталаб ҳуқуқ дорад, ки оид ба натиҷаи баҳои имтиҳониаш ба комиссияи апеллятсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба таври хаттӣ дар мӯҳлати то се рӯз муроҷиат намояд. Довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиботи муқарраргардидаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи имтиҳони супоридааш шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав супоридани имтиҳон набуда, балки танҳо санҷиши дурустии баҳои имтиҳони дохилшавӣ мебошад.

Дар давраи гузаронидани имтиҳони қабул бо фармоиши ректор комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ чун қоида ба сифати экспертҳои бетараф устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалб карда мешаванд. Довталаб ҳуқуқ дорад, ки дар вақти баррасии апеллятсия иштирок намояд. Довталабе, ки барои аз нав дида баромадани баҳои имтиҳон талош дорад, бояд бо худ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиноснома) ва варақаи имтиҳонӣ дошта бошад. Ба довталаби ноболиғи то 18-сола метавонанд падар ё модараш ҳамроҳӣ намоянд.

Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои имтиҳон (ҳам дар сурати паст ва ҳам дар сурати баланд кардани баҳо) қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани баҳо бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар варақаи имтиҳонӣ тағйирот ворид карда мешавад. Дар мавриди ба вуҷуд омадани ихтилоф дар комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои гузошташуда баҳо бо овоздиҳӣ ва тарафдории аксарияти овозҳо тасдиқ карда мешавад.

2.36. Фармоиши ректор оид ба қабули донишҷӯён (рӯзона ва ғоибона) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози соли таҳсил аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба имзо мерасад.

2.37. Довталабоне, ки ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудаанд ва дар давоми 15 рӯз бесабаб ба таҳсил шурӯъ накардаанд, хориҷ карда мешаванд.

2.38. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо довталабоне, ки дар гурӯҳҳои буҷетӣ ба сафи донишҷӯён қабул шудаанд, дар асоси банди 7-уми Низомнома «Дар бораи бо маром тайёр кардани мутахассисони маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳи шартномавӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 1996 тахти №137) созишномаи сеҷониба ба имзо мерасонад. Тибқи ин созишнома донишҷӯ баъди хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо роҳхат ба кор фиристода мешавад. Дар мавриди иҷро нагардидани бандҳои ин созишнома маблағи таҳсил аз тарафи донишҷӯ ба буҷети давлат баргардонида мешавад.

2.39. Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад.

2.40. Таъмин, риоя ва иҷрои қоидаҳои қабул барои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ҳатмӣ мебошад.

***3. Тартиби қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

3.1. Қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ танҳо тибқи шартнома ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷозат дода мешавад.

3.2. Довталабоне, ки таҳсилоти якуми олии касбӣ доранд, барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои қабул ба комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мӯҳлати муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- ариза ба номи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

-дипломи намунаи давлатӣ бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (нусхаи асл);

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ дар хусуси фаъолияти кори вобаста ба самт, равия ва ихтисоси интихобкарда;

-шаш дона сурати андозаи 3x4 см;

-маълумотномаи тиббии шакли 086-У;

-шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият.

3.3. Барои аз сӯҳбат гузаронидани довталабоне, ки таҳсилоти дуюми олии касбӣ гирифтан мехоҳанд, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар назди комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад.

3.4. Комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуҷҷатҳои довталабонро баррасӣ намуда, барои аз сӯҳбат гузаронидан ба комиссияи аттестатсионии назди комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мефиристад. Баъди аз сӯҳбат гузаштан барои қабул ба сафи донишҷӯён қарори комиссияи аттестатсионӣ бароварда мешавад.

3.5. Фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ на дертар аз даҳ рӯз пас аз гузаштани сӯҳбат дар асоси қарори комиссияи аттестатсионӣ бароварда мешавад.

3.6. Қабул ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи меъёри муайянкунандаи мақоми донишгоҳӣ ва иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад. Аз 1 то 5 октябр бо фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад. Гурӯҳи корӣ масъалаи қабулро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди санҷиш карор медиҳад. Дар сурати аз меъёр ва замимаи иҷозатнома зиёд қабул гардидани донишҷӯён фармоиши ректор бекор карда мешавад.

3.7. Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳуқуқ дорад, ки танҳо дар сурати пурра иҷро нагаштани нақшаи қабул то 30 сентябр ба фармоишҳои қабули донишҷӯёни ҳамаи намуди таҳсилот (шӯъбаҳои рӯзонаю ғоибона ва таҳсилоти дуюм) тағйиру иловаҳо ворид намояд.

3.8. Ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки имконияти ташкили имтиҳони қабулро доранд, барои қабули довталабон дар шӯъбаҳои ғоибона ва таҳсилоти дуюми олии касбӣ аз 20 то 30 июл иҷозат дода мешавад.

***Эзоҳ:*** Ба қоидаҳои қабули донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ тағйирот ворид карда мешавад.

● Роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012

# ЕКАТЕРИНА ВА ВЛАДИСЛАВА ТОҶИКИСТОНРО ШОИСТА МУАРРИФӢ МЕКУНАНД

***Чанде пеш сафи варзишгарони тоҷик, ки ҳуқуқи ширкат дар Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012-ро ба даст овардаанд, боз ду нафар афзуд. Ин ҳар ду варзишгардухтар буда, яке дар намуди шиноварӣ, дигаре дар давидан ҷумҳурии моро муаррифӣ хоҳанд кард.***

***Кистанд ин ду варзишгардухтар?***

**Якеро ном Екатерина Измайлова буда, дастпарвари Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи ҷаҳонпаҳлавон С. Раҳимов аст.** Дар мактаби варзишии №4 шаҳри Душанбе ба сифати мураббӣ фаъолият мекунад.



- Екатерина аз хурдӣ ба варзиш, хусусан шиноварӣ, завқи беандоза дошт ва инак тӯли беш аз 20 сол аст, ки ба ин намуди варзиш шуғл дорад. Давоми беш аз даҳ сол инҷониб чемпиони Тоҷикистон дар намуди шиноварӣ мебошад, - мегӯяд мураббии ӯ - Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон Людмила Ивановна Лященко.

- Ман аз шогирдони тарбияткарда, ба воярасонидаам ифтихор дорам, - илова мекунад Людмила Ивановна ва давом медиҳад:

- Солҳои охир ба рушди варзиш дар кишварамон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Ин таваҷҷуҳро мо, намояндагони соҳаи варзиши мамлакат, беш аз ҳама дар шахси Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳсос менамоем. Соли гузашта, ҳангоме ки Президенти мӯҳтарам мукофоти олии давлатӣ - унвони Корманди шоистаи Тоҷикистонро ба ман тақдим мекарданд, маро ҳисси гуворо фаро гирифта, барои ғамхориҳояшон дар боби рушди варзиш ба Сарвари давлат арзи сипос намудам.

Шогирди ман - Екатерина Измайлова аз варзишгарони соҳибтаҷриба буда, иштирокчии мусобиқаҳои зиёди байналмилалист. Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 барои ӯ олимпиадаи сеюм аст. Ӯ соли 2000-ум дар шаҳри Сиднейи Австралия ва соли 2008-ум дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки бозиҳои тобистонаи олимпиро қабул карда буданд, иштирок дошт.

Роҳхати ширкат дар Бозиҳои XXX тобистонаи олимпӣ барои Екатерина осон ба даст наомадааст. Давоми чор соле, ки аз олимпиадаи Пекин мегузарад, ӯ пайваста иштирокчии мусобиқаҳои байналмилалии сатҳи гуногун буд. Ба Екатерина Измайлова муяссар шуд, ки дар чемпионатҳои ҷаҳон оид ба шиноварӣ соли 2009 дар Рим, соли 2010 дар Дубай ва соли 2011 дар Шанхай дар намуди шиноварӣ ба масофаи 50 метр ба тарзи озод ширкат карда, шарафи варзиши Тоҷикистони азизашро ҳимоя намояд.

Ин барояш хуб муяссар гардид ва натиҷаҳои нишондодааш имкон фароҳам овард, ки дар рейтинги муқарраркардаи Федератсияи байналмилалии шиноварӣ мавқеи хешро хеле боло барад ва роҳхатро барои ширкат дар олимпиада ба даст орад.

Екатерина ҳоло дар шаҳри барояш хеле азиз - Душанбе ба бозиҳои олимпӣ омодагӣ мебинад.

Ҳар касе ба ҳавзи шиноварии «Солнышко», воқеъ дар паҳлуи корхонаи нассоҷии пойтахт ояд, метавонад ба тамрини ӯ, ки якҷо бо мураббияш мегузаронанду усулҳои шиноварӣ дар масофаи кӯтоҳтаринро такмилу сайқал медиҳанд, наззора намоянду ба мушкилнописандиву серҳаракатӣ ва чаққонияш қоил шаванд.



- Ғалаба осон ба даст намеояд, - мегӯяд Людмила Ивановна.

- Ман шогирди худро дар Лондон ҳамроҳӣ мекунам. Биноан мо ҳар ду реҷаи тамринро тавре роҳандозӣ кардаем, ки то охирин рӯзҳои пеш аз сафар ба Лондон натиҷаҳо рӯз аз рӯз беҳтар шаванд ва Екатерина шарафи варзиши тоҷикро муваффақона муаррифӣ намояд.

****

**Варзишгардухтари дигар Владислава Овчаренко ном дорад ва дастпарвари Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон мебошад.** Ин духтараки бистушашсола давоми солҳои охир дар мусобиқаҳои гуногуни байналмилалӣ дар намуди давидан ба масофаҳои 100 ва 200 метр натиҷаҳои хуб нишон дода, тӯли муддати даҳ соле, ки ба давидан шуғл дорад, нишондодҳояш пайваста беҳтар мешавад.

- Соли сеюм аст, ки Владислава Овчаренко таҳти назари ман тамрин мекунад, - мегӯяд мураббии Владислава Рустам Абдуллоев ва илова мекунад: - Владислава инсони самимӣ, заҳматпеша ва меҳрубон аст. Ин хислатҳояш ӯро дар миёни дугонаҳояш ва варзишгароне, ки бо ӯ якҷоя тамрин мекунанд, соҳиби обрӯву манзалат гардонидааст.

Чанде пеш аз Федератсияи байналмилалии варзиши сабук хушхабар расид, ки тибқи он як нафар варзишгар аз Тоҷикистон метавонад тибқи квотаи ҷудонамудаи ин федератсия дар Бозиҳои XXX тобистонаи олимпӣ, ки дар шаҳри Лондон баргузор мешавад, ширкат намояд.

Хушбахтона, ин роҳхати тибқи квота ҷудошуда ба Владислава Овчаренко насиб гардид ва ин беҳуда нест: Ба вай муяссар шуд рекорди Тоҷикистонро дар давидан ба масофаҳои 100 ва 200 метр, ки соли 1984 гузошта шуда буд, фатҳ намояд. Ин нишондодро ӯ ҳангоми иштирок дар чемпионати кушоди Ӯзбекистон соли гузашта ба даст оварда, масофаи 100 метрро дар 11,93 сония ва масофаи 200 метрро дар 24,44 сония тай кард. Чанде баъдтар дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон Владислава дар мусобиқаи байналмилалӣ барои дарёфти ҷоиза ба номи чемпиони олимпӣ Татьяна Колпакова ширкат намуда, масофаҳои зикршударо мутаносибан дар ҳудуди 11,91 ва 24,00 сония тай ва рекорди ҷумҳуриро боз ҳам беҳтар кард.

- Ҳоло Владислава дар куҷо тамрин карда, ба олимпиада омодагӣ мебинад, - мепурсам аз Рустам Абдуллоев ва посух мегирам:

- Машқгоҳи мо варзишгоҳи марказии пойтахт аст. Шароити тамрин ба талабот ҷавобгӯй нест, фарши синтетикии гирдогирди варзишгоҳ, ки барои давидан пешбинӣ шудааст, кӯҳна буда, аксар ҷойҳояш дарида аст. Дар чунин шароит варзишгар метавонад афтода, ҷароҳат бардорад.

Мо ҳоло мекӯшем, ки то оғози олимпиада Владислава дар мусобиқаи байналмилалие, ки дар Алмаато доир мешавад, иштирок намуда, то оғози бозиҳои олимпӣ тамринашро дар Бишкек ё Тошкент давом диҳад, зеро шароити тамрин дар ин шаҳрҳо хеле беҳтар аз мост.

Сарфи назар аз ин, ӯ пайваста машқ мекунад, бо дарёфти маблағ мекӯшад ҳар чӣ бештар дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат намояд. Ҳарчанд соли гузашта дар чемпионати ҷаҳон он қадар ҳунари хуб нишон набдод, вале дар мусобиқаи байналмилалие, ки дар шаҳри Брести Ҷумҳурии Белорус баргузор шуд, иштирокаш муваффақона буд.

Мо бовар дорем, ки Владислава Овчаренко омодагиашро то охирин рӯзҳои ба Лондон рафтанаш вусъат мебахшад ва шарафи варзиши тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ боло мебарад.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»***

***(Расмҳо аз рӯзномаи «Варзиш-спорт» истифода шудаанд)***



# ПАРВИЗ ҲАТМАН БО МЕДАЛ БАРМЕГАРДАД

Моҳи феврали соли 1882 аввалин шуда, дар Япония Дзигоро Кано бо якчанд шогирдони худ мактаби хусусӣ кушод ва онро дзю-до номгузорӣ кард. Маънии дзю-нарм, маҳин ва до бошад, тарзи дурусти худро ба даст гирифтан аст.

Ин намуди гӯштӣ ҳоло дар саросари дунё маълуму машҳур гаштааст. Дар Тоҷикистон низ паҳлавонони зиёде ба ин намуди варзиш машғуланд. Яке аз ин паҳлавонон Парвиз Собиров аст.

Парвиз Собиров соли 1980 дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Дар ин ноҳия шахсиятҳои шинохтаи зиёде ба воя расидаанд, ки онҳо номбардор ва ифтихори миллати худ ҳастанд. Ҷаҳонпаҳлавон Сайидмӯъмин Раҳимов, ки раиси Федератсияи дзю-дои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, низ дар ҳамин ноҳия ба дунё омадааст. Маҳз дар пайравии Сайидмӯъмин Раҳимов на танҳо дар ноҳияи Темурмалик (собиқ ноҳияи Совет), балки дар собиқ вилояти Кӯлобу шаҳри Душанбе даҳҳо ҷавонону наврасон ба машқ ва омӯзиши гӯштии самбову дзю-до пардохтанд.

Парвиз Собиров бо шавқи беандоза аз синни 15-солагӣ ба дзю-до машғул шудааст. Устоди аввалини ӯ дар ин ҷода Сабзаалӣ Сабзаев ба шумор меравад. Аз соли 1997 инҷониб таҳти роҳбарии паҳлавон ва мураббии машҳур Носир Бозоров машқ мекунад. Суханони падарашро, ки пеш аз вафот ба устоди Парвиз гуфта буд, ҳеҷ аз хотир бароварда наметавонад: - «Ман фарзандамро аввал ба Худо ва баъдан ба ту месупорам», - гуфта буд ӯ.

Тибқи гуфтаҳои Носир Бозоров, Парвиз дар байни ҳамсолони худ аз ҷиҳати сабурӣ ва пуртоқатӣ ва аз ҷиҳати рӯҳию ҷисмонӣ фарқ карда меистод.

- Аз ин сабаб ман ба тарбияи ӯ ҷиддӣ машғул шудам, - мегӯяд мураббии Парвиз.

Чун устодаш ба ӯ эътимоду боварии қавӣ дошт, дар ҳамаи мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳамроҳияш мекард ва аз муваффақиятҳои ӯ меболид.

Ҳанӯз соли 2000-ум буд, ки Парвиз Собиров меъёри Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро кард. Тайи фаъолияти варзишиаш зиёда аз даҳ маротиба қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштии тарзи самбо ва дзю-до гардидааст.

Соли 2005 бошад, барои Парвиз фаромӯшношуданӣ буд, зеро ӯ дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё оид ба дзю-до дар шаҳри Тошканд иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм ва медали биринҷӣ гардид. Вале, мутаассифона, бо сабаби лат хӯрдани пояш муддати ду сол ӯ натавонист дар мусобиқаҳо иштирок кунад. Бо вуҷуди ин мушкилот, вай машқҳои варзиширо идома медод.

Баъзан ҳолатҳое ҳам буданд, ки Парвиз аз соҳаи интихобнамудааш пушаймон мешуд, вале ҳар гоҳ ки баъди ғалабаи навбатиаш Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои ҳамсоя ба шарафи ӯ баланд мешуд, рӯҳбаланд гардида, қувваи тоза мегирифт ва бо ҷаҳду талош аз нав ба машқ мепардохт.

Аз соли 2008 сар карда Парвиз Собиров барои иштирок дар бозиҳои олимпӣ тайёрӣ мебинад. Соли 2009 дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё дар Таиланд ширкат варзида, ҷойи дуввумро ишғол намуд ва соҳиби медали нуқра гардид.

Соли 2011 дар Рио-де-Жанейро, ҷойи панҷум ва дар мусобиқаи байналмилалӣ, ки дар Австралия барпо шуд, ҷойи дуюмро ба даст овард. Соли равон дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё, ки дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, Парвиз боз ҷойи дуюмро ишғол намуда, соҳиби медали нуқра гардид.

Натиҷаҳои варзишии бадастовардааш ва пирӯзӣ дар ин мусобиқаи бонуфуз ба паҳлавони тоҷик имконият фароҳам овард, ки ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012 роҳхат гирад.

Айни замон Парвиз Собиров серкор аст. Ҳамроҳи устодаш - Мураббии шоистаи Тоҷикистон Носир Бозоров то бевақтии шаб ба машқи бадан ва омӯзиши усулҳои нав ба нави гӯштии дзю-до банд мебошад. Боварӣ дорем, ки Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, қаҳрамони чандинкаратаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғолиби мусобиқаҳои осиёӣ ва дигар мусобиқаҳои байналмилалӣ Парвиз Собиров ин навбат низ мухлисонашро шод гардонида, аз Лондон бо сари баланд бармегардад.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»***

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд - мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1902/1-854 | Пажӯҳишгоҳи кимиёии ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автомобили сабукрави Хундай Соната | адад | 1 | 23.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1903/1-855 | Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии ташхис ва барқарорсозии қобилияти кори маъюбон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автомобили Опел Вектра-соли бароriш- 2002-2004, ҳаҷми муҳаррик 2,2, ранги металлӣ ё шампонӣ, харочоти сӯзишворӣ дар доираи 10 литр | адад | 1 | 11.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1904/2-562 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемориҳои сили н. Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 17 | 11.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 1905/2-563 | Шӯъбаи маорифи н. И. Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 20 | 11.07.2012 соати $10^{00}$ |
